**ДОНИШГОҲИ ДАВЛАТИИ ТИҶОРАТИ ТОҶИКИСТОН**

*СУД 338.22* *Бо ҳуқуқи дастнавис*

**АБДУРАҲМОН ҲАКИМЗОДА**

# РУШДИ СОҲИБКОРИИ ИСТЕҲСОЛӢ ДАР МИНТАҚАҲОИ ОЗОДИ ИҚТИСОДИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

**ДИССЕРТАТСИЯ**
**барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ**
**аз рӯи ихтисоси 08.00.06 – Иқтисодиёт ва идоракунӣ тибқи самтҳои фаъолият (08.00.06.06 – Иқтисодиёти соҳибкорӣ)**

**Роҳбари илмӣ:**
**н.и.и., дотсент**
**Ҳамитов Муҳитдин Сайдалиевич**

**ДУШАНБЕ – 2023**

**МУНДАРИҶА** *Саҳ.*


| | | |
|---|---|---|
| **МУҚАДДИМА........................................................................................** | | **3** |
| **БОБИ I.** | **АСОСҲОИ НАЗАРИЯВИЮ МЕТОДИИ ТАҲҚИҚИ СОҲИБКОРИИ ИСТЕҲСОЛӢ ДАР МИНТАҚАҲОИ ОЗОДИ ИҚТИСОДӢ...................** | 14 |
| 1.1. | Нақши соҳибкории истеҳсолӣ дар низоми иқтисоди миллӣ........................................................................ | 14 |
| 1.2. | Моҳият ва аҳамияти иҷтимоию иқтисодии минтақаҳои озоди иқтисодӣ дар рушди соҳибкории истеҳсолӣ............................................................................. | 32 |
| 1.3. | Таҷрибаи ҷаҳонии ташаккул ва рушди соҳибкории истеҳсолӣ дар минтақаҳои озоди иқтисодӣ................ | 47 |
| **БОБИ II.** | **ТАҲЛИЛИ ВАЗЪИ МУОСИРИ СОҲИБКОРИИ ИСТЕҲСОЛӢ ДАР МИНТАҚАҲОИ ОЗОДИ ИҚТИСОДИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН........** | **68** |
| 2.1. | Тавсифи ташаккул ва рушди минтақаҳои озоди иқтисодӣ........................................................................ | 68 |
| 2.2. | Таҳлили вазъи фаъолияти соҳибкории истеҳсолӣ дар минтақаҳои озоди иқтисодӣ........................................ | 82 |
| 2.3. | Таҳқиқи омилҳои таъсиррасон ба рушди соҳибкории истеҳсолӣ дар минтақаҳои озоди иқтисодӣ................ | 98 |
| **БОБИ III.** | **ДУРНАМОИ РУШДИ СОҲИБКОРИИ ИСТЕҲСОЛӢ ДАР МИНТАҚАҲОИ ОЗОДИ ИҚТИСОДӢ...........................................................** | **113** |
| 3.1. | Самтҳои афзалиятноки рушди соҳибкории истеҳсолӣ дар минтақаҳои озоди иқтисодӣ................ | 113 |
| 3.2. | Ташаккули инфрасохтори соҳибкории истеҳсолӣ дар минтақаҳои озоди иқтисодӣ........................................ | 125 |
| 3.3. | Ҳавасмандгардонии ҷалби сармоягузории хориҷӣ ба рушди соҳибкории истеҳсолӣ дар минтақаҳои озоди иқтисодӣ........................................................................ | 136 |
| **ХУЛОСА........................................................................................** | | **154** |
| **РӮЙХАТИ АДАБИЁТ.............................................................................** | | **158** |
| **ЗАМИМА........................................................................................** | | **177** |

# МУҚАДДИМА

**Мубрамии мавзуи таҳқиқот.** Самаранокии амалисозии сиёсати саноатикунонии босуръати иқтисоди миллӣ ба рушди соҳибкории истеҳсолӣ, ҳамчунин дар минтақаҳои озоди иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон вобастагӣ дорад. Ташаккул ва рушди соҳибкории истеҳсолӣ дар минтақаҳои озоди иқтисодӣ (МОИ) барои таъсиси ҷойҳои нави корӣ, беҳтар гардонидани некӯаҳволии мардум, ғанӣ гардонидани бозори истеъмолӣ бо маҳсулоти хушсифати ватанӣ мусоидат менамояд.

Инчунин, барои ҷалби сармояи ватанию хориҷӣ, ворид намудани техника ва технологияи инноватсионӣ барои рушди истеҳсолоти рақобатпазири муосир, тақвият бахшидани суръати рушди иқтисодии минтақаҳои сусттараққикарда, омода намудани мутахассисони миллии коргарӣ, дастрас намудани усулҳои пешқадами менеҷменти кадрӣ ва дастрасӣ ба комёбиҳои илмию техникии ҷаҳонӣ шароити мусоид фароҳам меоварад.

Барои рушди соҳибкории истеҳсолӣ дар МОИ-и кишвар беҳтар намудани инфрасохтори нақлиётӣ, бозорӣ, иҷтимоӣ, ҷалби бештари сармоягузории ватанӣ ва хориҷӣ, иттилоотонидан ва рекламаи самараноки имконият ва имтиёзҳои андозию гумрукӣ ба сармоягузорони дохилию хориҷӣ, таъмини кадрҳои баландихтисос ва ҳавасмандгардонии кормандони маъмурият мусоидат менамояд.

Дар Паёми худ ба Маҷлиси Олӣ Президенти Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон оид ба масъалаи ҳимоя ва дастгирии соҳибкорӣ иброз доштанд: “Дар доираи сиёсати пешгирифтаи давлату Ҳукумат доир ба дастгирии фаъолияти соҳибкориву сармоягузорӣ дар замони соҳибистиқлолӣ тадбирҳои зарурӣ амалӣ гардида, дар ин самт барои соҳибкорон имтиёзу сабукиҳои зиёд ҷорӣ карда шуданд. То имрӯз ба онҳо беш аз 120 намуди имтиёзу сабукиҳои андозиву гумрукӣ пешниҳод шуда, шумораи сохторҳои

бақайдгирии давлатии фаъолияти соҳибкорӣ аз 4 ба 1 кам гардида, хизматрасонӣ дар ин самт ба таври ройгон ба роҳ монда шудааст”[1].

Дар Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030 (СМР-2030) дар самти рушди МОИ чунин омадааст: “Ба равандҳои ҳамгироии корхонаҳои бахши воқеии иқтисодиёт дар асоси фароҳам овардани шароитҳо барои ҳамкориҳои баробарҳуқуқ дар соҳаи технологияҳои баланд тавассути ташкили корхонаҳои муштарак, паркҳои истеҳсолӣ ва вусъат додани фаъолияти МОИ бояд мусоидат намуд”[2].

Ислоҳот дар муносибатҳои иқтисодии хориҷӣ тақозо мекунад, ки ҳамаи воситаҳои бозорӣ, аз ҷумла имкониятҳое, ки аз таъсисдиҳӣ ва фаъолияти МОИ бармеояд, самаранок истифода шаванд. МОИ дар такмили муносибатҳои иқтисодӣ ва рушди кишварҳои ҷаҳон нақши намоёнро соҳиб шуда истодаанд. Онҳо метавонанд барои корхонаҳо шароити мусоид барои ҷалби сармояи хориҷӣ фароҳам оварда, ҷорӣ намудани технологияҳои пешқадамро таъмин намоянд.

Соҳибкории истеҳсолӣ дар баланд бардоштани ҳосилнокии меҳнат, қонеъ гардонидани талаботи бозор, ҳалли масъалаҳои бекорӣ, кам кардани сатҳи камбизоатӣ ва шуғли меҳнат нақши арзанда дорад. Вале дар шароити муосири Ҷумҳурии Тоҷикистон субъектҳои соҳибкории истеҳсолӣ дар МОИ ҳанӯз дар ҳалли масъалаҳои зикргардида нақши назаррас нагузошта, олимону муҳаққиқони ватаниро барои таҳқиқот ба худ ҷалбкарда истодааст.

Бояд қайд кард, ки дар соли 2022 саҳми МОИ дар нишондиҳандаи маҷмӯи маҳсулоти дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон 0,42% ва дар маҷмӯи истеҳсоли маҳсулоти саноатӣ 1,1%-ро ташкил намуда, ҳамасола тамоюли зиёдшавӣ дорад.

---

1. Эмомалӣ Раҳмон//Паёми Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи самтҳои асосии сиёсати дохилӣ ва хориҷии ҷумҳурӣ”// ш. Душанбе, 2022.
2. Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030. Душанбе 2016. С . 73.

Мулоҳизаҳои дар боло овардашуда муҳимияти мавзуи интихобшудаи диссертатсияи илмии моро муайян карда, аҳамияти илмӣ ва амалии онро тасдиқ мекунад.

**Дараҷаи таҳқиқи мавзуи илмӣ.** Ҷанбаҳои илмии диссертатсия дар асоси омӯзиш, таҷдиди назари муқаррароти назариявӣ, методологӣ ва амалии олимони ватанию хориҷӣ оид ба масъалаҳои рушди соҳибкории истеҳсолӣ (СИ) дар МОИ-и Ҷумҳурии Тоҷикистон ташаккул ёфтаанд.

Асосҳои назариявию методӣ ва сарчашмаҳои таҳавуллоти низоми соҳибкорӣ ва МОИ дар корҳои илмии олимони классик ва муосири хориҷӣ аз қабилӣ: А. Смит, А. Маршалл, Р. Кантильон, И.А. Шумпетер, О.Н. Бочарова, А.И. Гаврилов, И.Р. Зигитова, О.Н. Григорьева, Е.Б. Хоменко, Е.Е. Кузьмина, М.Ю. Плюхин, Ф.Ф. Хамидуллин ва дигарон асоснок ва шарҳ дода шудааст.

Гузариш ба муносибатҳои бозорӣ масъалаҳои ташаккул ва рушди МОИ-ро низ дар навбати аввал гузошт. Аз ин лиҳоз, МОИ ва фаъолияти соҳибкорӣ предмети омӯзиши фаъоли олимони хориҷӣ, аз қабили: Е.Ф. Авдокушина, А.Ю. Архипова, А.Ю. Архипов, Е.В. Арская, А.В. Татарова, О.Н. Артемева, М.М. Богуславский, Р.О. Воскеричян, Т.П. Данько, Я.С. Друзик, Р.И. Зименков, Н. А. Козлова, О.В. Корнейко, Лю Ин, А. С. Киевская, Е.В. Крюкова, А.П. Латкин, М.Ю. Неучева, П.В. Павлов, Б.М. Смитиенко, К.А. Семенов, О.О. Щур, М.Ю. Тулаева, В.В. Ушаков, А.М. Басенко, В.Г. Игнатова ва дигарон гардида, онҳо диққати махсусро ҷиҳати омӯзиши ҷанбаҳои муҳими фаъолияти МОИ равона кардаанд.

Дар Тоҷикистон таҳқиқотҳоро дар соҳаи МОИ иқтисоддонҳои ватанӣ ҳанӯз солҳои 90-уми асри гузашта оғоз намуда буданд. Ҷанбаҳои гуногуни мушкилоти МОИ дар корҳои илмии олимони тоҷик, аз қабили: А.Г. Абдусамадов, А.А. Бойматов, А.Х. Ҳакимов, А. Авезов, С.Ҷ. Комилов, Ҳ.А. Одинаев, Н.Ф. Нидоев, Ш. Дустбоев, М.С. Ҳамитов, Қ.Қ. Раҷабов, Ф.А. Қодиров, У.Давлатзод, М.С. Шоидарвозова, У.М. Гулаков ва дигарон мавриди омӯзиш ва таҳқиқ қарор гирифтааст.

Инчунин, асосҳои консептуалӣ ва назариявии рушди инфрасохтори фаъолияти соҳибкорӣ ва намудҳои гуногуни фаъолияти соҳибкорӣ аз ҷониби муҳаққиқони тоҷик аз ҷумла: С.Ҳ. Ҳабибов, Ҳ.Н. Фақеров, Р.К. Раҷабов, Ф.Р. Шаропов, С.Ҷ. Комилов, А. Рауфӣ, Ф.М. Муқаддасзода, М. Ҷамшедов, И. Аминов, Ш. Дустбоев, Қ.Қ. Толибов, Н.Қ. Қаюмов, Ғ.Ҷ. Ҷӯрабоев, Т.Д. Низомова, М. Нурмаҳмадов, Ш.М. Раҳимов, Л.Ҳ. Саидмуродов, З.С. Султонов, У.М. Ҷумаев, Д.Н. Дадоматов, Л.И. Абдуллоева, Б.Ш. Тагаев, Н.Ш. Валиев, С.С. Мизробов ва дигарон дида баромада шудаанд.

**Робитаи таҳқиқот бо барномаҳо (лоиҳаҳо) ва ё мавзӯъҳои илмӣ.** Мавзуи диссертатсия ба самтҳои афзалиятноки рушди илмҳои иқтисодӣ дар ҷумҳурӣ, аз ҷумла ба масъалаҳои рушди соҳибкории истеҳсолӣ ва рушди соҳаи саноат, ки дар Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030 ҳамчун самтҳои муҳим муайян гардидаст, алоқамандии зич дорад.

Мавзуи таҳқиқот дар доираи нақшаи дурнамои корҳои илмию таҳқиқотии Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон барои солҳои 2021-2025 аз рӯйи мавзуи "Таҳияи самтҳои асосии стратегияи рушди савдои дохилӣ, фаъолияти соҳибкорӣ, аз ҷумла соҳибкории инноватсионӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ва шаҳри Душанбе барои солҳои 2021-2030 (РБ 0121TJ1206), ки дар Муассисаи давлатии "Маркази миллии патенту иттилоот"-и Вазорати рушди иқтисод ва савдои Ҷумҳурии Тоҷикистон ба қайд гирифта шуда, иҷро гардидааст.

## ТАВСИФИ УМУМИИ ТАҲҚИҚОТ

**Мақсади таҳқиқот** аз асосноккунии муқаррароти илмию назариявӣ ва таҳияи тавсияҳои амалӣ оид ба рушди соҳибкории истеҳсолӣ дар минтақаҳои озоди иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон иборат аст.

**Вазифаҳои асосии таҳқиқот.** Мақсади зикргардидаи диссертатсия гузориш ва ҳалли тадриҷии вазифаҳои зерини илмию назариявӣ, методӣ ва амалиро муайян мекунад:

- таҳқиқи асосҳои назариявию методии соҳибкории истеҳсолӣ дар МОИ;

- омӯзиши таҷрибаи ҷаҳонии ташаккул ва рушди соҳибкории истеҳсолӣ дар МОИ;

- гузаронидани таҳлили ҳолат ва рушди соҳибкории истеҳсолӣ дар МОИ-и Ҷумҳурии Тоҷикистон;

- таҳқиқи омилҳои таъсиррасон ба ҳолат ва рушди соҳибкории истеҳсолӣ дар МОИ;

- асосноккунӣ ва таҳияи чорабиниҳо оид ба ташаккули самтҳои афзалиятноки рушди соҳибкории истеҳсолӣ дар МОИ-и Тоҷикистон;

- таҳияи тавсияҳо оид ба ташаккули инфрасохтори ба таври кофӣ бароҳмондашудаи соҳибкории истеҳсолӣ ва ҳавасмандгардонии ҷалби сармоягузории хориҷӣ дар МОИ-и Ҷумҳурии Тоҷикистон.

**Объекти таҳқиқот** субъектҳои соҳибкории истеҳсолӣ дар минтақаҳои озоди иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошад.

**Предмети таҳқиқот.** Муносибатҳои иқтисодие, ки ба рушди соҳибкории истеҳсолӣ дар минтақаҳои озоди иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон мусоидат мекунанд.

**Фарзияи таҳқиқот** ба мавқеъ, нақш ва аҳамияти рушди соҳибкории истеҳсолӣ дар МОИ-и Ҷумҳурии Тоҷикистон бо мақсади амалисозии чорабиниҳои комплексӣ оид ба рушди фаъолияти соҳибкории мазкур дар МОИ, дар қатори омилҳои гуногуне, ки таъмини барномаи саноатикунонии босуръати иқтисоди Ҷумҳурии Тоҷикистонро таъминкунанда, мусоидат мекунад, дида баромада шудааст.

**Асосҳои назариявӣ ва методологии таҳқиқот**. Ба андешаҳои муҳаққиқон ва олимони ватанию хориҷӣ доир ба асосҳои назариявию методии таҳқиқи соҳибкории истеҳсолӣ, инчунин санадҳои меъёрию ҳуқуқии фаъолияти соҳибкории истеҳсолӣ ва таъмини бунёди МОИ таъсир мерасонанд.

**Сарчашмаҳои маълумот.** Сарчашмаҳои асосии маълумотро санадҳои меъёрию ҳуқуқӣ ва қонунҳое, ки фаъолияти соҳибкорӣ ва МОИ-ро дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ба танзим медароранд, Қарорҳои Ҳукумати Ҷумҳурии

Тоҷикистон, нашрияҳои расмии Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, ҳисоботи солонаи Вазорати рушди иқтисод ва савдои Ҷумҳурии Тоҷикистон ва дигар корҳои илмӣ вобаста ба мавзуи таҳқиқшуда, ташкил медиҳанд.

Барои ҳалли вазифаҳои дар диссертатсия гузошташуда аз усулҳои гуногуни илмӣ, аз қабили усули сабабу натиҷа, усули омӯзиши омилҳо, таҳлили SWOT, таҳлили экспертӣ, таҳлили оморӣ, муқоиса ва ғайра истифода шудаанд.

**Пойгоҳи таҳқиқот.** Диссертатсия дар Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон дар давоми солҳои 2016-2023 иҷро гардидааст.

**Навгонии илмии таҳқиқот** аз асосноккунии назариявии нақш ва таҳияи тавсияҳои амалӣ оид ба рушд ва бунёди инфрасохтори соҳибкории истеҳсолӣ ва ҳавасмандгардонии ҷалби сармояи хориҷӣ ба МОИ иборат аст:

1. Нақши соҳибкории истеҳсолӣ дар низоми иқтисоди миллӣ мавриди омӯзиш ва таҳқиқ қарор дода шуда, андешаҳои муаллиф оид ба мафҳуми иқтисодии соҳибкорӣ муқаррар гардидааст. Ба андешаи муаллиф соҳибкорӣ ин фаъолияти самараноки иқтисодие мебошад, ки барои истеҳсоли молу хизматрасониҳо, харид ва фурӯш ба мизоҷон бо мақсади ба даст овардани фоидаи имонпазир ташкил карда мешавад.

Аз нуқтаи назари мо, дар шароити муносибатҳои бозорӣ ва расидан ба рушди устувори иқтисодии мамлакат, рушди соҳибкории истеҳсолӣ ҳалли масъалаҳои иҷтимоию иқтисодии ҷамъиятро таъмин намуда, барои таъсиси ҷойҳои нави корӣ, беҳтар гардонидани некӯаҳволии мардум, ғанӣ гардонидани бозори истеъмолӣ бо маҳсулоти хушсифати ватанӣ, ҷалби сармояи хориҷӣ, ворид намудани технологияи муосири инноватсионӣ, тақвият бахшидан ба суръати рушди иқтисодии минтақаҳои қафомонда ва омода намудани мутахассисони баландихтисос шароити мусоид фароҳам меоварад.

2. Таҷрибаи ҷаҳонии ташаккул ва рушди соҳибкории истеҳсолӣ дар МОИ мавриди омӯзиш ва таҳлил қарор дода шуда, имкониятҳои истифодаи

онҳо дар таҷрибаи ватанӣ аз нуқтаи назари илмӣ асоснок карда шудааст. Ҳамзамон, механизми фаъолияти МОИ дар таҷрибаи ҷаҳонӣ муқоиса шуда, афзалиятҳои рақобатӣ муайян карда шуда, истифодаи таҷрибаи бойи таъсис ва рушди фаъолияти самараноки МОИ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод гардидааст.

3. Таҳлилҳои муаллиф нишон дод, ки саҳми МОИ дар маҷмӯи маҳсулоти дохилӣ, рушди истеҳсоли маҳсулоти саноатӣ, воридоти технологияи муосири инноватсионӣ, истеҳсоли молҳои воридотивазкунанда, таъсиси ҷойҳои нави корӣ ва таъмини бозори истеъмолӣ бо маҳсулоти хушсифати ватанӣ тадриҷан афзуда истодааст. Бояд қайд намуд, ки айни замон саҳми МОИ дар нишондиҳандаи маҷмӯи маҳсулоти дохилии ҷумҳурӣ 0,42% ва дар маҷмӯи истеҳсоли маҳсулоти саноатӣ 1,1%-ро ташкил намуда, ҳамасола тамоюли зиёдшавӣ дорад.

4. Муаллиф бо истифода аз усулҳои таҳлили SWOT, экспертӣ, муқоисавӣ ва оморӣ омилҳои асосии ба рушди соҳибкории истеҳсолӣ дар МОИ таъсиррасонро ошкор ва таҳлил карда, тавсияҳои мақсаднокро оид ба ҳалли мушкилоти мавҷудаи соҳаро асоснок ва пешниҳод намудааст.

Ба ақидаи муаллиф, мушкилоти асосии рушди соҳибкории истеҳсолӣ дар МОИ пеш аз ҳама дар инфрасохтори рушднаёфта (нақлиётӣ, бозорӣ, иҷтимоӣ), мавҷуд набудани захираҳои молиявӣ, шароити табиӣ-иқлимӣ, вазъияти номуътадили сиёсӣ дар Ҷумҳурии Исломии Афғонистон, сармоягузории нокифояи давлатӣ, мушкилоти иттилоотонидани сармоягузорони имконпазир, таблиғ ва ташфиқоти сусти имтиёз ва афзалиятҳои субъектҳои МОИ, норасоии кадрҳои соҳибтахассус, ҳавасмандгардонӣ ва ғайра ба шумор меравaнд.

5. Дар диссертатсия муаллиф самтҳои афзалиятноки рушди соҳибкории истеҳсолиро дар МОИ ошкор намуда, барои мукаммалгардонии асосҳои қонунгузорӣ, идоракунӣ, тартиби интихоб ва бақайдгирии сармоягузорон, низоми андозбандӣ ва танзими гумрукӣ, рушди инфрасохтори иҷтимоӣ тавсияҳои илмӣ-методӣ коркард ва пешниҳод намудааст.

Ба андешаи мо, яке аз самтҳои афзалиятноки рушди соҳибкории истеҳсолӣ дар МОИ ин афзун намудани ҳаҷми истеҳсоли маҳсулоти саноатӣ ва маҳсулоти ватании воридотивазкунанда ба шумор меравад.

6. Аз ҷониби муаллиф тавсияҳои амалӣ оид ба ташаккули инфрасохтори соҳибкории истеҳсолӣ ва ҳавасмандгардонии ҷалби сармоягузории хориҷӣ ба МОИ асоснок ва пешниҳод гардидааст. Барои ташаккул ва рушди инфрасохтори муосири соҳибкории истеҳсолӣ дар МОИ ҷалби сармояи хориҷӣ, гирифтани қарзҳои имтиёзноки дарозмуддати бонкӣ, ба даст овардани иттилооти маркетингӣ барои пешбурди фаъолияти соҳибкорӣ, тавсеаи фаъолияти инноватсионӣ, таъминот бо ашёи хом, рушди низоми логистикӣ, фурӯш ва ғайраҳо зарур мебошад.

Ҳамзамон, унсурҳои асосии инфрасохтори соҳибкории истеҳсолӣ ва МОИ ошкор карда шуда, механизми самараноки ташкилию иқтисодии рушди инфрасохтори соҳибкории истеҳсолӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод гардидааст. Инчунин, сарчашма ва усулҳои сармоягузорӣ, ҳавасмандгардонӣ, самтҳои афзалиятнок ва имтиёзҳо барои сармоягузорони хориҷӣ ошкор карда шуда, тавсияҳои мушаххас ҷиҳати ҳалли мушкилоти асосӣ ва роҳҳои баланд бардоштани ҷалби сармоягузории хориҷӣ ба МОИ пешниҳод карда шудааст.

**Нуқтаҳои ба ҳимоя пешниҳодшаванда:**

- рушди равишҳои илмӣ-назариявӣ оид ба нақши соҳибкории истеҳсолӣ дар низоми иқтисоди миллӣ;

- таҷрибаи хориҷии ташаккул ва рушди соҳибкории истеҳсолӣ дар МОИ ва имкониятҳои истифодаи он дар Ҷумҳурии Тоҷикистон;

- таҳлили ҳолат ва рушди соҳибкории истеҳсолӣ дар МОИ-и Тоҷикистон;

- таҳқиқ, ошкор ва омӯзиши омилҳои таъсиррасон ба рушди соҳибкории истеҳсолӣ дар МОИ;

- асосноккунии самтҳои асосии рушди соҳибкории истеҳсолӣ дар МОИ-и Тоҷикистон;

- ташаккули инфрасохтори мақсаднок ва ҳавасмандгардонии ҷалби сармоягузории хориҷӣ ба рушди соҳибкории истеҳсолӣ дар МОИ.

**Аҳамияти назариявӣ ва амалии мавзуи таҳқиқшаванда** дар он аст, ки татбиқи хулоса ва тавсияҳои асоснокшудаи диссертатсия ба рушди назарияи соҳибкории истеҳсолӣ, аз ҷумла дар МОИ мусоидат мекунад. Натиҷаҳои таҳқиқот, ки аз ҷониби муаллиф ба даст оварда шудаанд, метавонанд барои ба таври дақиқ ва объективӣ арзёбӣ намудани рушди соҳибкории истеҳсолӣ дар МОИ дар шароити муосир истифода шаванд.

Хулосаҳо ва пешниҳодҳои асосие, ки дар диссертатсия оварда шудаанд, метавонанд дар раванди таълим барои омода намудани мутахассисони самти иқтисод, инчунин дар курсҳои такмили ихтисоси роҳбарон, кормандон ва мутахассисони бахши соҳибкорӣ ва тиҷорат истифода шаванд. Ҳамзамон, тавсия ва пешниҳодҳоро субъектҳои фаъолияти соҳибкории МОИ метавонанд дар фаъолияти амалии худ васеъ истифода баранд.

**Мутобиқати диссертатсия ба шиносномаи ихтисоси илмӣ.** Навгонӣ ва натиҷаҳои таҳқиқот ба бандҳои зерини шиносномаи номгӯи ихтисосҳои КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон тибқи ихтисоси 08.00.05 – Иқтисодиёт ва идоракунии хоҷагии халқ (иқтисодиёти соҳибкорӣ) мувофиқат мекунанд: 8.1. Рушди назария ва методологияи соҳибкорӣ; 8.5. Ташаккул ва рушди шаклҳои соҳибкорӣ; 8.6. Инфрасохтори соҳибкорӣ; 8.14. Ҳавасмандгардонии фаъолияти соҳибкорӣ ва 8.16. Маблағгузории фаъолияти соҳибкорӣ мутобиқ мебошад.

**Саҳми шахсии довталаби дараҷаи илмӣ дар таҳқиқот.** Саҳми шахсии муаллиф дар муайян кардани мақсад, предмет ва объекти таҳқиқот, асоснок кардани вазифаҳои таҳқиқот ва ҳалли мушкилот, пешниҳод ва амалӣ намудани муқаррарот барои такмил ва рушди соҳибкории истеҳсолӣ дар МОИ-и Ҷумҳурии Тоҷикистон инъикос гардидааст.

**Тасвиб ва амалисозии натиҷаҳои диссертатсия.** Натиҷаҳои асосии илмию методӣ ва тавсияҳое, ки барои асоснокkунии рушди соҳибкории

истеҳсолии МОИ таҳия гаштаанд, дар фаъолияти субъектҳои МОИ истифода шудаанд.

Хулоса ва пешниҳодоти муаллифи диссертатсия дар раванди таълим дар Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон ҳангоми таҳияи барнома, дастурҳо ва комплексҳои таълимӣ аз фанҳои соҳавии иқтисодӣ, аз ҷумла “Асосҳои соҳибкорӣ”, “Асосҳои фаъолияти тиҷоратӣ”, “Минтақаҳои озоди иқтисодӣ”, “Тиҷорати байналмилалӣ” ва ғайра татбиқ гардидаанд. Муқаррароти асосии илмӣ ва тавсияҳои амалии диссертатсия дар маҷаллаи илмии Паёми Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон, маводҳои конференсияҳои илмию амалии ҷумҳуриявӣ ва байналмилалӣ инчунин, дар дигар маҷмуаҳои илмӣ аз соли 2015 то 2023 нашр гардидаанд.

**Интишорот аз рӯйи мавзуи диссертатсия.** Муаллиф оид ба мавзуи таҳқиқшуда 22 мақола ва корҳои илмӣ дар ҳаҷми 12 ҷ.ч. аз ҷумла, 7 мақола дар маҷаллаҳое, ки Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон тавсияшуда нашр намудааст.

**Сохтор ва ҳаҷми диссертатсия.** Диссертатсия аз муқаддима, се боб, хулоса, руйхати адабиёт ва замимаҳо иборат буда, дар ҳаҷми 184 саҳифаи чопӣ навишта шуда, 33 ҷадвал ва 29 расмро дар бар мегирад. Рӯйхати адабиёт аз 155 номгӯй иборат аст.

# БОБИ I. АСОСҲОИ НАЗАРИЯВИЮ МЕТОДИИ ТАҲҚИҚИ СОҲИБКОРИИ ИСТЕҲСОЛӢ ДАР МИНТАҚАҲОИ ОЗОДИ ИҚТИСОДӢ

## 1.1. Нақши соҳибкории истеҳсолӣ дар низоми иқтисоди миллӣ

Дар шароити муносибатҳои бозорӣ ва расидан ба рушди устувори иқтисодии мамлакат, ташаккули шаклҳои гуногуни фаъолияти соҳибкорӣ омили муҳими рушди соҳа гардида, ҳалли масъалаҳои иҷтимоию иқтисодии ҷамъиятро таъмин мекунад. Чуноне, ки таҷрибаи ҷаҳонӣ нишон медиҳад, омили муҳими ташаккули муносибатҳои бозорӣ, таъмини суръати баланди рушди иқтисодӣ ва бахши хусусӣ мебошад.

Махсусиятҳои марҳилаи муосири рушди муносибатҳои бозорӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон аз бисёр ҷиҳат ба соҳибкорӣ, ки аз ҷониби қонунгузорӣ ва шаҳрвандон ҳамчун шуғли меҳнатӣ эътироф шудааст, алоқаманд мебошад. Фаъолияти соҳибкорӣ ба реҷаи вақти кории ҳатмӣ марбут набуда, соҳибкорон метавонанд фаъолияти худро дар вақтҳои холигӣ низ ба роҳ монанд. Барои рушди соҳибкорӣ давлат низ ҳавасманд буда, таъсиси ҷойҳои кории иловагиро фароҳам меорад.

Соҳибкорӣ дар муносибатҳои иқтисодӣ мавқеи муҳим дошта, дар он қарор ва муносибатҳои ғайристандартӣ ва инноватсионӣ роҳандозӣ карда мешавад. Маълум аст, ки соҳибкорӣ ва ба роҳ мондани тиҷорат дастрас набуда, рафтори махсус, ақидарониҳои муосир, мавҷудияти дониш ва малакаи устуворро тақозо менамояд. Соҳибкори асил ин шахси қатъиест, ки ба муҳити бизнес тамоюл гирифта, метавонад қарорҳои асосноки фаврӣ ва иқтисодиро қабул намояд. Таъсиррасонии фаъолияти соҳибкорӣ барои ташаккули як қатор хусусиятҳои рафтор ва тамоюли арзишҳои шахсият, махсусан ҷавонон назаррас аст.

Таҳаввулоти назарияҳои соҳибкорӣ роҳи тӯлониро паси сар намуда бошад ҳам, вале то ҳол дар адабиёти иқтисодии муосир мафҳуми ягонаи қабулшудаи соҳибкорӣ мавҷуд нест. Вобаста ба давра ва муносибатҳои

иқтисодии амалишаванада мафҳумҳои нави иқтисодӣ ба вуҷуд омада истодаанд.

Таърихи пайдоиши соҳибкорӣ ҳамчун фаъолияти иқтисодӣ аз давраҳои қадим сарчашма гирифтааст. Дар ин раванд тоҷирон, косибон ва дигар намояндагон ҳамчун соҳибкор ба ҳисоб мерафтанд. Аз пайдоиши ҷомеаи сармоядорӣ кӯшиши ба даст овардани фоидаи бештар ва сарватманд гардидан мардумро водор менамуд, ки ба фаъолияти соҳибкорӣ даст зананд.

Олимону иқтисоддонҳо марҳилаҳои аввали омӯзиши назариявии фаъолияти соҳибкориро ба асрҳои миёна вобаста медонанд. Танҳо дар асрҳои XVIII-XIX дар мамлакатҳои Аврупо савдои дохилӣ ва хориҷӣ фаъолона рушд намудааст. Аввалин марказҳои савдо дар Венетсия, Флоренсия, Генуя ва дигар шаҳрҳои калон таъсис дода шуда, асосҳои ташкил ва барқароршавии соҳибкорӣ ба ҳамин давра рост меояд.

Чӣ хеле, ки аз адабиёти таърихи афкори иқтисодӣ маълум мегардад, аввалин таҳқиқотчии назарияи соҳибкорӣ олими фаронсавӣ Р. Кантилион мебошад, ки ин мафҳумро дар маънои муосираш соли 1725 истифода намуда, дар китоби машҳури худ “Очерк дар бораи табиати савдо дар маҷмӯъ” қайд намудааст, ки соҳибкор – шахсе мебошад, ки дар шароити хатару таваккал фаъолият менамояд. Ӯ сарчашмаи боигариро замин ва меҳнат меҳисобид, ки арзиши ҳақиқии неъматҳои иқтисодиро муайян мекунанд[3].

Айни замон дар байни олимон оид ба мафҳуми соҳибкорӣ ақидаи ягона вуҷуд надорад. Дар ҷадвали 1.1. таҳаввулоти мафҳуми соҳибкор ва соҳибкорӣ оварда шудааст.

---

[3] 25 ключевых книг по экономике. Пер. с фр. Ю. Пучкова. - Урал ЛТД. 1999. - С. 99.

Ҷадвали 1.1.

**Таҳаввулоти мафҳуми соҳибкор ва соҳибкорӣ**

| Сана | Муаллифи мафҳум | Мазмуни мафҳум |
|---|---|---|
| Асрҳои миёна | - | Соҳибкор нафарест, ки барои иҷрои лоиҳаҳои калони сохтмонӣ ва истеҳсолӣ ҷавобгӯ аст. |
| Асри XVII | - | Соҳибкор шахсе мебошад, ки бо давлат қарордоди молиявӣ баста, барои иҷрои ин қарордод масъул аст. |
| 1723 | Луғати умумии тиҷорат, Париж | Соҳибкор нафарест, ки барои истеҳсолот ва сохтмони иншоот ухдадор аст. |
| 1725 | Р. Кантилион | Соҳибкор нафаре мебошад, ки қарорҳо қабул намуда, талаботи худро дар шароити номуайянӣ қонеъ мегардонад. Соҳибкор ин шахсест, ки дар шароити хавфу хатари иқтисодӣ амал мекунад.[4] |
| 1776 | А. Смит | Соҳибкор молики корхона ва татбиқкунандаи идеяҳои тиҷоратӣ мебошад. Вазифаи асосии ӯ ташкил ва идоракунии истеҳсолот дар доираи фаъолияти муқаррарӣ мебошад.[5] |
| 1830 | Ж.Б. Сей | Соҳибкорӣ ин мувофиқати омилҳои истеҳсолӣ дар нуқтаи мавҷудаи фазои бозорӣ мебошад. Соҳибкор дар маркази раванди истеҳсолот ва тақсимот истода, ташкилу фурӯши маҳсулот асоси фаъолияти соҳибкорӣ ба шумор меравад. |
| 1890 | А. Маршал | На ҳамаи хоҳишмандон соҳибкор шуда метавонанд. Интихоби табиии соҳибкор дар табиат, ки аз ҷониби Чарлз Дарвин кушода шудааст, ба вуҷуд меояд.[6] |
| 1934 | Й.А. Шумпетер | Соҳибкор шахси навовар, ки технологияи навро таҳия мекунад.[7] |
| 1964 | П. Друкер | Соҳибкор шахсест, ки ҳама гуна имкониятро барои гирифтани даромади бештар истифода менамояд. |
| 1985 | Р. Хизрич | Соҳибкорӣ ҷараёни таъсиси ягон амалиёти нави иқтисодӣ, ки арзиш дорад, аммо соҳибкор ин нафаре, ки барои ин вақт ва қувваи худро сарф менамояд, ба зимааш хавфу хатари молиявӣ, психологӣ ва иҷтимоиро мегирад, бар ивази ин дар шакли мукофот – пул ва қаноатмандиро нисбати натиҷаи ба даст омада, соҳибӣ менамояд.[8] |

---

[4] Кантильон Р. Очерки о природе коммерции. Написана в 1730 г, а опубликована в 1755 г. - с. 42.
[5] Смит А. Исследование о природе и причинах богатства народов. Перев. с англ: М.: Наука.-1993.- с. 36.
[6] Альфред Маршалл. Принципы политической экономии [Электронный ресурс]. - Библиотека экономической и деловой литературы. - 2000-2014. – с. 86.
[7] Шумпетер И.А. Теория экономического развития [Электронный ресурс]. Экономическая онлайн библиотека. - 2014. – с. 21
[8] Хизрич Р., Питерс М. Предпринимательство или как завести собственное депо и добиться успеха: Вып. I. Предприниматель и предпринимательство: пер. с англ.-М.: Прогресс, 1990. - с. 36.

| | | |
|---|---|---|
| 1999 | Луғати калони иқтисодӣ зери таҳрири А.Н. Азрилиян | Соҳибкорӣ фаъолияти ташаббускории мустақилонаи шаҳрвандон мебошад, ки ба гирифтани фоида ё даромади шахсӣ равона гардидааст. Вай чунин шакли фаъолиятро аз номи худ зери масъулияти шахсӣ ё аз ном ва масъулияти ҳуқуқии шахсони ҳуқуқӣ амалӣ месозад. |
| 2004 | С. Ҷ. Комилов | Соҳибкорӣ ин ташкили фаъолияти мустақилонаи иқтисодӣ, ки барои ба даст овардани фоида нигаронида шуда, ҳамчун раванди босуръати қобилияти соҳибкорӣ мебошад, ки онро ба сифати яке аз захираҳои иқтисодӣ, ки ба рушди фаъолияти иқтисодӣ, инноватсионӣ ва сармоягузорӣ метавон дохил намуд.[9] |
| 2004 | Қ.Қ.Толибов | Соҳибкорӣ ба худ завқ, ташаббускорӣ, мустақилият ва фаъолияти навовариро дар субъектҳои хоҷагидорӣ, барои мақсади фоидаи зиёд ба даст овардан ва ноил шудан ба имкониятҳои нав аз натиҷаҳои имконпазир таҷассум менамояд.[10] |
| 2006 | С. Ҳ. Ҳабибов, Д.К. Эшов | Соҳибкорӣ ин фаъолияти иқтисодии фаъолона, ташаббускорона, мустақилона, навоварона ва асосан дорои хавфу хатарест, ки ба гирифтани натиҷаи молиявӣ, яъне фоида нигаронида шудааст, аз ин рӯ, барои қонеъ гардонидани талаботи истеъмолгарони молу хизматҳо дар шароити иқтисоди бозорӣ равона шудааст.[11] |
| 2006 | Ф.Р. Шаропов | Соҳибкорӣ ҳамчун фаъолияти ташаббускорона дар субъектҳои худ мавҷудияти муносибатҳои эҷодӣ ба кор, сайъу кушиши доимӣ ба навоварӣ ва ташаббус, ҷустуҷӯ, дарёфт ва қабули қарорҳои ғайриоддӣ, васеъ намудани соҳаи фаъолият, омода будан ба пайдоиши ҳаргуна хавфу хатарҳо ва дарёфти роҳҳои бартараф намудани онҳоро дорад[12]. |
| 2014 | Қонуни ҶТ “Дар бораи ҳимоя ва дастгирии давлатии соҳибкорӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон” | Соҳибкорӣ - фаъолияте мебошад, ки дар заминаи таваккал ва хавфҳои худ аз ҷониби шахсоне амалӣ карда мешавад, ки онҳо дар асоси қонунҳои амалкунанда ба қайд гирифта шудаанд. Соҳибкорӣ барои танзими гирифтани даромад аз истифодаи амвол, фурӯши мол, иҷрои кор ва хизматрасониҳо амалӣ карда мешавад.[13] |

[9] Комилов С.Дж., Забиров Н.Х. Предпринимательство: вопросы развития и государственного регулирования. - Душанбе: РИА Статус, 2004, - с. 5.

[10] К.К.Толибов. Приоритетные направления развития малого предпринимательства в Республике Таджикистан. Душанбе – 2004 [Электронный ресурс]. http://www.dslib.net. (Дата обращения: 03.03.2021).

[11] Хабибов С.Х., Эшов Д.К. Малое предпринимательство (вопросы становления, кредитно – финансовой поддержки и развития). – Душанбе: “Ирфон”, 2006.

[12] Шаропов Ф.Р. Соҳибкории тиҷоратӣ ва стратегияи рушди он дар Тоҷикистон.-Душанбе: «Ирфон», 2006. С.- 7.

[13] Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи ҳимоя ва дастгирии давлатии соҳибкорӣ” аз 02.01.2020с, №1684, 22 с.

| | | |
|---|---|---|
| 2019 | Н.Ш. Валиев | Соҳибкорӣ ин намуди махсуси фаъолияти иқтисодӣ аст, ки мустақилона, эҷодкорона, таваккалона бо мақсади ба даст овардани фоидаи афзуншаванда бо роҳи тавлид, фурӯши маҳсулот ва хизматҳои гуногун амалӣ мегардад. [14] |
| 2019 | З.С. Султонов | Соҳибкорӣ бахши муҳими иқтисодиёт муаррифӣ карда мешавад, ки фаъолияти мустақилона, ташаббускорона, навоварона ва хавфнок мебошад, ки барои ба даст овардани фоидаи ҳадди аксар дар натиҷаи фаъолияти молиявӣ, қонеъгардонидани талаботи аҳолӣ ва иқтисодиёт ба молу хизматҳо дар шароити амиқтар шудани муносибатҳои бозорӣ равона мебошад [15]. |
| 2022 | Пешниҳоди муаллиф | Соҳибкорӣ ин фаъолияти самараноки иқтисодие мебошад, ки барои истеҳсоли молу хизматрасониҳо, харид ва фурӯш ба мизоҷон бо мақсади ба даст овардани фоидаи имонпазир ташкил карда мешавад. |

***Манбаъ:*** *Аз ҷониби муаллиф дар асоси маълумотҳои таҳқиқшуда тартиб дода шудааст.*

[14] Н.Ш Валиев. Ташаккул ва рушди фаъолияти соҳибкории хурд (дар мисоли савдои чаканаи Ҷумҳурии Тоҷикистон) Душанбе – 2021 [Захираи электронӣ]. http://ddtt.tj/failes/sovet/zashitaTJ. (Санаи муроҷиат: 04.03.2021).

[15] З.С. Султонов Организационно-экономические аспекты инфраструктурного обеспечения малого предпринимательства в Республике Таджикистан // Автореферат дисс. кан. экон. наук - Душанбе, 2018. – с. 7.

Олими дигаре, ки қадами муҳимро дар рушди назарияҳои соҳибкорӣ гузошта, идомадиҳандаи анъанаи мактаби фаронсавиҳо ба шумор меравад Ж.Б. Сей мебошад. Ӯ дар асари худ бо номи “Трактати иқтисодиёти сиёсӣ” мафҳуми фаъолияти соҳибкориро ҳамчун пайвасткунандаи алоқамандии се омили классикии истеҳсолот: замин, меҳнат ва сармоя маънидод кардааст[16]. Ж.Б. Сей қобилияти соҳибкории англисҳоро яке аз омилҳои асосии таъминкунандаи ташаккули саноати ҳамонвақта дар Англия меҳисобид. Ж.Б. Сей яке аз соҳибкорони муваффақ маҳсуб меёфт ва аз ин лиҳоз аз дигар иқтисодчиёни классик фарқ мекард. Ӯ соҳибкорро дар маркази раванди истеҳсолот ва назарияи тақсимот монда буд, ки минбаъд ба ақидаҳои намояндагони назарияи иқтисодӣ таъсири назаррас гузошт. Ба ақидаи вай соҳибкор, ин шахсе мебошад, ки аз ҳисоби худ дар шароити хавфу хатар ба манфиати ҷомеа ягон намуди маҳсулотро истеҳсол намуда, даромадаш аз даромади соҳибкорӣ фарқ мекунад[17].

Олими дигаре, ки пайрави Р.Кантилион ва мактаби иқтисодии физиократҳо ба ҳисоб мерафт, Адам Смит (1723-1790) мебошад. А.Смит дар асари худ “Таҳқиқот оид ба табиат ва сабабҳои боигарии халқҳо” қайд намудааст, ки соҳибкор ҳамчун соҳиби сармоя ва моликият барои ба даст овардани фоида ва татбиқи ақидаи тиҷоратӣ талош меварзад. Дар натиҷаи ниҳоӣ фоидаи соҳибкорӣ ин ҷуброни хатар ба ҳисоб меравад. А.Смит ва Д. Рикардо (1772-1823) нақши соҳибкориро дар баланд бардоштани некӯаҳволии ҷомеа, рушди тақсимоти ҷамъиятии меҳнат ва баланд бардоштани ҳосилнокии меҳнат тавсиф намудаанд.

Бояд тазаккур дод, ки пайравони бевоситаи А.Смит намояндагони мактаби неоклассикӣ мебошанд. Онҳо ҳимоятгарони арзишҳои анъанавии иқтисоди капиталистӣ буданда, ташаббуси шахсӣ ва озодии соҳибкории хусусиро дар мадди аввал гузоштаанд.

---

[16] Қ.Қ. Толибов. Механизми ташкилию иқтисодии рушди соҳибкории тиҷоратӣ: назария, методология, амалия диссертатсияи докторӣ. Душанбе 2021. – С. 14.
[17] Ж.Б.Сэй. Трактат политической экономики. - М.; - Экономика. 1986. – С. 17.

Мавқеи асосии назарияи неоклассикҳо ин ширкат ва истеъмолкунандаи алоҳида буда, масъалаи афзудани фоида ва паст кардани сатҳи хароҷот дар фаъолияти соҳибкорӣ ба ҳисоб мерафт.

Дар нимаи дуюми асри XIX усулҳои нави идоракунии молиявии корпоративӣ ба вуҷуд омада, ба рушди босуръати шумораи ширкатҳо боис гардид. Иқтисоддонҳо, ба қадри имкон, кӯшиш намуданд, ки байни соҳибкор ва сармоядор хат ва ё ҳудуди шартиро муайян намоянд, аммо бо душвориҳои зиёд дучор гаштанд. Онҳо фикр доштанд, ки сармоядор нисбати соҳибкор масъулияти баланд ва хавфҳоро ба дӯш мегирад, ки ин нодуруст мебошад[18].

Таҳлили адабиёти иқтисодӣ нишон медиҳад, ки минбаъд дар ин самт дар асри XX таҳқиқотҳо аз ҷониби Й. Шумпетер идома ёфт. Й. Шумпетер чунин мешуморад, ки тағйирпазирӣ шарти зарурии муваффақият дар тиҷорат аст. Ӯ моҳияти консепсияи рушди соҳибкориро муайян карда, қайд мекунад, ки “вазифаи соҳибкорон ислоҳот ва инқилоб кардан дар истеҳсолот тавассути татбиқи ихтироот ва ё бо маънои умумиаш тавассути истифодаи имкониятҳои нави технологӣ барои истеҳсоли молҳои нав ё такмили молҳои кӯҳна тавассути дарёфти манбаи нави ашё, ё ин ки бозори маҳсулоти тайёр то аз навсозии соҳаи саноати кӯҳна ва ташкили соҳаи нав мебошад”[19].

Бояд қайд кард, ки ақидаҳои Й. Шумпетер доир ба баъзе муқаррарот ва моҳияти соҳибкор ва соҳибкорӣ аз ақидаҳои дигар иқтисодчиён тафовут дорад. Ба ақидаи ӯ соҳибкор дар асл молик ҳисобида намешавад, зеро вай омилҳои истеҳсолотро вобаста ба зарурат аз ҳисоби қарз истифода мебарад, ки онро сармоядороне, ки таваккал мекунанд, пешниҳод менамоянд[20].

Ба андешаи мо, ба ҳақиқат он иқтисоддонҳое наздиканд, ки ба ақидаи онҳо соҳибкорон омодаанд, дар чаҳорчӯбаи муайян ба кори таваккалкорона машғул шаванд ва дар ин қисмат аз дигарон фарқ намекунанд.

---

[18] В.Карлофф. Деловая стратегия. Перевод с английского / Научная редакция и авторское послесловие. М.; Экономика, 1991. С. 23.
[19] Шумпетер Й. Теория экономического развития. – М.; Прогресс. 1985. С. 150-174.
[20] Шумпетер Й. Теория экономического развития. – М.; Прогресс. 1985. С. 150-174.

Тавре, ки таҳқиқот нишон медиҳад, аксари соҳибкорони касбӣ пеш аз оғози фаъолияти нав вазъи имконпазири бозорро бодиққат омӯхта, оқибатҳои интизоршавандаи ҳар як қадами хавфро хуб ба назар мегиранд. Дар ин маврид, онҳо ба ҳеҷ далел ба хавфу хатари бузург дучор шуда наметавонанд.

Аз нуқтаи назари А. Маршал на ҳамаи хоҳишмандон соҳибкор шуда метавонанд. Интихоби табиии соҳибкор дар табиат, ки аз ҷониби Чарлз Дарвин кушода шудааст, ба вуҷуд меояд[21].

Ба ақидаи олими иқтисодшинос С.Ҷ. Комилов "Соҳибкорӣ ин ташкили фаъолияти иқтисодии худӣ, ки ба гирифтани фоида нигаронида шуда, ҳамчун ҷараёни динамикӣ бо қобилияти соҳибкорӣ тавсиф меёбад ва онро метавон чун яке аз захираҳои иқтисодии ба суръати рушди иқтисодӣ ва фаъолияти инноватсиониву сармоягузорӣ таъсиррассон муайян намуд"[22].

Мувофиқи ақидаи Қ.Қ. Толибов: "Соҳибкорӣ ба худ завқ, ташаббускорӣ, мустақилият ва фаъолияти навовариро дар субъектҳои хоҷагидорӣ, барои мақсади фоидаи зиёд ба даст овардан ва ноил шудан ба имкониятҳои нав аз натиҷаҳои имконпазир таҷассум менамояд"[23].

Ба ақидаи професссор С.Ҳ. Ҳабибов ва Д.К. Эшов: "Соҳибкорӣ ин фаъолияти иқтисодии фаъолона, ташаббускорона, мустақилона, навоварона ва асосан дорои хавфу хатарест, ки ба гирифтани натиҷаи молиявӣ, яъне фоида нигаронида шудааст, аз ин рӯ, барои қонеъ гардонидани талаботи истеъмолгарони молу хизматҳо дар шароити иқтисоди бозорӣ равона шудааст"[24].

Муҳаққиқ Ф.Р. Шаропов мафҳуми соҳибкориро чунин маънидод намудааст: "Соҳибкорӣ ҳамчун фаъолияти ташаббускорона дар субъектҳои худ мавҷудияти муносибатҳои эҷодӣ ба кор, сайъу кушиши доимӣ ба

[21] Альфред Маршалл. Принципы политической экономии [Электронный ресурс]. - Библиотека экономической и деловой литературы. - 2000-2014. – с. 86.

[22] Комилов С.Ҷ., Забиров Н.Х. Предпринимательство: вопросы развития и государственного регулирования. -Душанбе: РИА Статус, 2004, - С.5

[23] Толибов К.К. Приоритетные направления развития малого предпринимательства в Республике Таджикистан. Душанбе – 2004 [Электронный ресурс]. http://www.dslib.net. (Дата обращения: 03.03.2021).

[24] Хабибов С.Х., Эшов Д.К. Малое предпринимательство (вопросы становления, кредитно – финансовой поддержки и развития). – Душанбе: «Ирфон», 2006.

навоварӣ ва ташаббус, ҷустуҷӯ, дарёфт ва қабули қарорҳои ғайриоддӣ, васеъ намудани соҳаи фаъолият, омода будан ба пайдоиши ҳаргуна хавфу хатарҳо ва дарёфти роҳҳои бартараф намудани онҳоро дорад”[25].

Ба андешаи мо, тавсифи моҳияти соҳибкорӣ инъикоси худро дар мафҳуме, ки дар қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи ҳимоя ва дастгирии давлатии соҳибкорӣ”: “Соҳибкорӣ фаъолияти мустақилонаи аз рӯи таваккал амалишавандаи шахсони бо тартиби муқаррарнамудаи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон бақайдгирифташудае, ки барои ба даст овардани фоида аз истифодаи молу мулк, истеҳсол, фурӯши мол (иҷрои кор ё хизматрасонӣ) равона шудааст”[26], дарҷ гардидааст.

Дар таърифи мазкур тавсифи моҳияти соҳибкорӣ ҳамчун фаъолияти ташаббускорона ва навоварона ба инобат гирифта нашудааст.

Ба ақидаи мо, соҳибкорӣ ин фаъолияти мустақилона, ташаббускорона ва навоваронаи шахсони воқеӣ ва ҳуқуқие мебошад, ки бо мақсади ба даст овардани фоидаи бештари имконпазир равона карда шудааст. Соҳибкорӣ ин фаъолияти самараноки иқтисодие мебошад, ки барои истеҳсоли молу хизматрасониҳо, харид ва фурӯш ба мизоҷон бо мақсади ба даст овардани фоидаи имонпазир ташкил карда мешавад.

Дар адабиёти иқтисодӣ якчанд шаклҳои фаъолияти соҳибкорӣ мавҷуданд, ки дар расми 1.1. нишон дода шудааст.

---

[25] Шаропов Ф.Р. Соҳибкории тиҷоратӣ ва стратегияи рушди он дар Тоҷикистон.-Душанбе: «Ирфон», 2006.-С 7.

[26] Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи ҳимоя ва дастгирии давлатии соҳибкорӣ” (Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, с. 2014, №7, қ. 2, мод. 404; с. 2015, №3, мод. 216; Қонуни ҶТ аз 30.05.2017 с., №1436; аз 02.01.2020 с., №1684).




Расми 1.1. Шаклҳои фаъолияти соҳибкорӣ

***Манбаъ:*** *Аз ҷониби муаллиф дар асоси маълумотҳои таҳқиқшуда тартиб дода шудааст.*

Соҳибкории халқи тоҷик таърихи қадима дошта, дар шакли тиҷорат ва шуғл аз замонҳои қадим вуҷуд дошт.

Муҳаққиқ Қ.Қ. Толибов дар таҳқиқоти илмии худ таваҷҷуҳи хосаро бевосита ба марҳилаҳои муҳимтарини соҳибкорӣ ва тиҷорати халқи тоҷик аз замонҳои қадим равона намудааст[27], ки онро дар расми 1.2. нишон медиҳем.

1. •Инкишофи соҳибкорӣ ва тиҷорат аз замони ҳукмронии Дорои I (522- 486 то м.) доманаи васеъ пайдо намуда, давлати Ҳахоманишиён ба сатҳи баланди тараққиёти иқтисодии худ расид.
2. •Рушди иқтисодӣ ва пешрафти соҳибкорӣ ва тиҷорат ба давраи салтанати Кушониён (асри I то мелод- IV мелодӣ) рост меояд.
3. •Рушди бовусъати кишоварзӣ, ҳунармандӣ, тиҷорат ва пешрафти шаҳрҳо боиси ривоҷу равнақ ёфтани тиҷорати дохилию хориҷӣ дар давраи мавҷудияти давлати аввалини тоҷикон- Сомониён (асрҳои IX-X) гардид.
4. •Рушди соҳибкорӣ ва ривоҷу равнақи тиҷорат, савдои дохилию берунӣ ба давраи ҳукмронии Темуриён (1370-1507) рост меояд.
5. •Рушди соҳибкорӣ ва тиҷорат аз замони салтанати Шайбониён (1500-1598, аниқтараш аз нимаи дуюми ҳукмрониашон) оғоз гардида, то давраҳои ҳукмронии Аштархониҳо (1599-1753) ва Манғитиҳо (1753-1920, ки номи Аморати Бухоро гирифтааст) идома меёбад.
6. •Аз ибтидои солҳои 30-юми асри XX тамоми шаклҳои моликияти хусусӣ барҳам дода шуда, фаъолияти соҳибкорӣ пурра қатъ гардид. Аз ҳамин давра сар карда, соҳибкорӣ дар ИҶШС то миёнаи солҳои 80-ум мавҷудияти қонунии худро қатъ кард ва ба бахши пинҳонии иқтисод гузашт.
7. •Бо ба даст овардани Истиқлолияти давлатӣ (9 сентябри соли 1991) дар Тоҷикистон марҳилаи сифатан нави фаъолияти соҳибкорӣ оғоз гардид ва барои ташаккул ва рушди муносибатҳои бозорӣ, фаъолнокии соҳибкорӣ, хусусан соҳибкории тиҷоратӣ шароити мусоид фароҳам оварда шуд.

Расми 1.2. Марҳилаҳои муҳимтарини рушди соҳибкории халқи тоҷик

***Манбаъ:*** *Аз ҷониби муаллиф дар асоси маълумотҳои таҳқиқшудаи Қ.Қ. Толибов тартиб дода шудааст.*

Ташаккул ва рушди соҳибкории истеҳсолӣ бо таҳқиқи мунтазами раванди соҳибкории муосир алоқамандии зич дорад. Таҷриба нишон медиҳад, ки марҳилаҳои ташаккули соҳибкориро дар Ҷумҳурии Тоҷикистон аз рӯйи шаклҳои шуғли намояндагони гурӯҳҳои гуногуни соҳибкорӣ ва соҳаи афзалиятноки онро тасниф намоем.

[27] Қ.Қ. Толибов. Механизми ташкилию иқтисодии рушди соҳибкории тиҷоратӣ: назария, методология, амалия диссертатсияи докторӣ. Душанбе 2021. – С. 64.

Муҳаққиқ З.М. Джайлоев дар кори илмии худ раванди ташаккул ва рушди фаъолияти соҳибкориро дар Тоҷикистон ба ду марҳила ҷудо намудааст, ки дар ҷадвали 1.2. оварда шудааст.

Ҷадвали 1.2.

**Марҳилаҳои ташаккул ва рушди соҳибкорӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон**

| Марҳилаҳо | Марҳилаи эҳё | Намуди шуғли соҳибкорон | Соҳаи афзалиятноки соҳибкорӣ |
|---|---|---|---|
| Марҳилаи якум аз соли 1991 то 1997 | Хусусигардонӣ | Мансабдорони давлатӣ; | ✓ савдо;<br>✓ саноат;<br>✓ нақлиёт |
| | Ба расмиятдарории иқтисоди пинҳонӣ | Намояндагони иқтисоди пинҳонӣ дар ҳамаи соҳаҳои иқтисодиёт | ✓савдо;<br>✓соҳаи хизматрасониҳо |
| | Рушди фаъолияти меҳнатии фардӣ | ✓коргарони соҳибтахассус;<br>✓ихтисосмандони зинаи миёна | фаъолияти дилхоҳ, ки тез муваффақият меорад |
| | Фаъолгардии сохторҳои коррупсионӣ | Намояндагони бозор | Ҳамаи соҳаҳои фаъолият |
| Марҳидаи дуюм аз соли 1998 то инҷониб | Аксуламали иқтисоди бозории ташкилшаванда | ✓кормандони муҳандисӣ-техникӣ;<br>✓зиёиён;<br>✓коргарони соҳаи кишоварзӣ | ✓ истеҳсолот, нақлиёт ва сохтмон;<br>✓ хизматрасониҳои зеҳнӣ;<br>✓ соҳаи кишоварзӣ |
| | Фаъолияти натиҷабахш дар соҳаҳои марҳилаи аввал | моликиятдорони бозор | ✓ инфрасохтори бозор (бонкҳо, биржаҳо, ситемаҳои иттилоотӣ - коммуникатсионӣ);<br>✓ нақлиёт, саноат ва сохтмон |

***Манбаъ:*** *Аз ҷониби муаллиф дар асоси маълумотҳои таҳқиқшудаи З.М. Джайлоев тартиб дода шудааст.*

Чи гунае, ки аз ҷадвали 1.2. бар меояд, марҳилабандии эҳёи соҳибкорӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон имкон медиҳад, ки на фақат хусусиятҳои асосии он вобаста ба омилҳои таъсиррасон ҷудо карда шаванд, балки як қатор аломатҳои фарққунанда вобаста ба тавсифи намояндагони гурӯҳои соҳибкорӣ дар марҳилаҳои якум ва дуюм муайян карда шаванд. Ин на танҳо

назариявӣ, балки дар амал низ ҷолиб буда, метавонад барои коркарди сиёсати самараноки дастгирӣ ва тараққӣ додани соҳибкорӣ хизмат намояд[28].

Нақши муҳимро дар ташаккули аломатҳои фарққунандаи соҳибкорӣ муҳити иҷтимоию иқтисодӣ бозида, дар он соҳибкорӣ ба вуҷуд омад. Ҳамаи гурӯҳҳои ҷудошуда ҳангоми машғул шудан ба фаъолияти соҳибкорӣ аз манфиатҳои гуногуни иҷтимоию иқтисодӣ бархурдор буданд. Равандҳои иҷтимоию иқтисодии солҳои охир боиси зинда гардидани фаъолияти корӣ дар ҳамаи соҳаҳои иқтисодиёт гардиданд.

Яке аз шаклҳои маъмул ва муҳими иқтисоди миллӣ ин соҳибкории истеҳсолӣ ба ҳисоб меравад. Соҳибкории истеҳсолӣ раванди истеҳсолот ва хариди мол ва хизматрасониҳоро пешбинӣ менамояд.

Соҳибкории истеҳсолиро метавон ҳамчун шакли пешбарандаи соҳибкорӣ арзёбӣ намуд. Дар ин ҷо истеҳсоли маҳсулот, мол, корҳо амалӣ шуда, хизматрасониҳо роҳандозӣ мегарданд ва арзишҳои муайяни маънавӣ ташкил карда мешаванд. Дар шароити гузариш ба бозор ин соҳаи фаъолият ба як қатор таъсироти манфӣ дучор гардид, ки дар натиҷа фурӯши маҳсулот, алоқамандиҳои хоҷагидорӣ паст рафта, таъминоти моддию техникӣ вайрон ва ҳолати молиявии корхонаҳо якбора бадтар гардид. Дар ин робита дарояндаи наздик ба соҳибкории
истеҳсолӣ бештар аҳамият додан ба мақсад мувофиқ аст.

Ба соҳибкории истеҳсолӣ инноватсия, фаъолияти илмию техникӣ, истеҳсоли бевоситаи мол ва хизматрасониҳо, истеъмоли онҳо, инчунин фаъолияти иттилоотӣ дар ин соҳа дохил мешавад.

Соҳибкории истеҳсолӣ дар навбати худ ба намудҳои гуногун таснифот карда мешавад. Намудҳои маъмултарини соҳибкорӣ истеҳсолӣ, инноватсионӣ, илмӣ-техникӣ, истеҳсоли молҳо, пешниҳоди хизматрасониҳо,

---

[28] Ф.Ф. Хамидуллин. Формирование институциональной среды развития системы малого предпринимательства//Автореферати дисс.. номз.илм.икт.-Казань. 2007.С.-39.

истеъмоли истеҳсолии молҳо, истеъмоли истеҳсолии хизматрасониҳо ва иттилоотӣ мебошанд[29], ки дар расми 1.3. оварда шудааст.




Расми 1.3. Намудҳои соҳибкории истеҳсолӣ

***Манбаъ:*** *Аз ҷониби муаллиф дар асоси маълумотҳои таҳқиқшудаи тартиб дода шудааст.*

Соҳибкории истеҳсолӣ бо истеҳсоли мол, хизматрасонӣ, иҷрои корҳо, таъмини иттилоотӣ, инчунин бо фаъолияти инноватсионӣ, илм- техникӣ ва иттилоотӣ машғул аст.

Фаъолияти соҳибкории истеҳсолӣ хеле васеъ буда, истеҳсоли маҳсулоти саноатӣ ва кишоварзиро барои эҳтиёҷоти саноатӣ, молҳои истеъмолӣ, корҳои сохтмонӣ, ҳамлунақли бор ва мусофирон, хизматрасонии алоқа, коммуналӣ ва хизмати маишӣ, истеҳсоли иттилоот, нашри китобу маҷаллаҳоро дар бар мегирад.

Соҳибкории истеҳсолӣ ин эҷоди ҳама гуна маҳсулоти муфидест, ки қобилияти фурӯш ё иваз кардани молҳои дигарро дорад. Азбаски соҳибкории истеҳсолӣ дар соҳаи истеҳсолоти моддӣ сурат мегирад, онро вобаста ба соҳаи фаъолияти иқтисодӣ ба саноат, сохтмон, кишоварзӣ ва ғайра тақсим кардан мумкин аст. Истеҳсол ин раванди таъсири инсон ба табиат барои эҷоди

---

[29] Кузьмина, Е.Е. Предпринимательская деятельность: учебное пособие для среднего профессионального образования / Е.Е. Кузьмина. — 4-е изд., перераб. и доп. — Москва: Издательство Юрайт, 2023. — 25 с. — (Профессиональное образование). — ISBN 978-5-534-14369-0. — Текст : электронный // Образовательная платформа Юрайт [сайт]. — URL: https://urait.ru/bcode/513976 (дата обращения: 18.02.2023).

неъматҳои моддӣ (маҳсулот, хизматрасонӣ) мебошад, ки бидуни он ҷомеа зиндагӣ ва рушд карда наметавонад.

Самаранокии амалисозии сиёсати саноатикунонии босуръати иқтисодиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба рушди соҳибкории истеҳсолӣ равона карда шудааст. Аҳамияти ташаккули соҳибкории истеҳсолӣ дар рушди иқтисодиву иҷтимоии кишвар, таъсиси ҷойҳои кории нав ва беҳтар кардани сатҳи некӯаҳволи мардум зарурати фароҳам овардани фазои мусоиди фаъолиятро тақозо мекунад. Ташаккул ва рушди соҳибкории истеҳсолӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон яке аз масъалаҳои муҳими илмию амалии рушди иқтисодиёт ба шумор меравад.

Таъмини инфрасохтори мукаммали дастгирии рушди соҳибкории истеҳсолӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон фазои мусоиди рушди соҳибкориро ба вуҷуд оварда, ба ташаккули сохторҳои устувори соҳибкорӣ, татбиқи навовариҳо дар равандҳои истеҳсолот мусоидат хоҳад кард. Таҷрибаи амалии бисёр кишварҳои ҷаҳон дар самти рушди соҳибкорӣ, аз ҷумла, соҳибкории истеҳсолӣ собит менамоянд, ки давлат дар рушди мусоиди соҳаи соҳибкорӣ нақши муҳим дорад.

Аз ин лиҳоз, фароҳам овардани инфрасохтори соҳибкории истеҳсолӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон бояд дар маркази таваҷҷӯҳи сиёсати давлатии дастгирии соҳибкорӣ қарор дода шудааст. Зеро пешрафти устувори инфрасохтори мусоид ба рушди соҳибкории истеҳсолӣ таъсири мусбат мерасонад.

Мавриди зикр аст, ки бидуни ташаккули механизми зарурии рушди инфрасохтори соҳибкории истеҳсолӣ, ҷалб ва истифодаи имконияту иқтидорҳои соҳибкорону сармоягузорон ва ташкилотҳои молиявии байналмилалӣ дар ҳалли масъалаҳои иқтисодиву иҷтимоӣ, хусусан саноатикунонии босуръати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва дар ҳар се самти иқтисоди миллӣ: микро, мезо ва макроиқтисодиёт ғайриимкон аст [30].

[30] Тагаев Б.Ш. Ташаккул ва рушди инфрасохтори соҳибкории истеҳсолӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон. [Захираи электронӣ]: www.tguk.t. (Санаи муроҷиат: 26.11.2020).

Пешбурди фаъолияти соҳибкорӣ ва фароҳам овардани фазои мусоид ба ташаккули муносибатҳои бозорӣ заминаи асосии рушди устувори иқтисодии кишвар ба шумор меравад. Дар шароити муносибатҳои бозорӣ рушди соҳибкории истеҳсолӣ ба инфрасохтори мукаммали таъминкунандаи фаъолият вобастагии калон дорад.

Ҷиҳати ҳимоя, дастгирии фаъолияти соҳибкорӣ ва ҷалби сармоя аз ҷониби Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар Паёми худ ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон иброз намуданд: “Ҷиҳати ҳимояву дастгирии фаъолияти соҳибкорӣ ва ҷалби сармоя аз ҷониби Ҳукумати кишвар дар се соли охир дар соҳаҳои саноати сабук, кишоварзӣ, дорусозӣ, паррандапарварӣ, чорводорӣ, сайёҳӣ ва дигар бахшҳои афзалиятнок иловатан 30 намуди имтиёзу сабукиҳо ҷорӣ карда шуданд. Танҳо солҳои 2016-2018 маблағи умумии имтиёзҳои ҷоришуда беш аз 15 миллиард сомониро ташкил намуд, ки ин саҳми Ҳукумати мамлакат ба рушди соҳибкорӣ дар соҳаҳои иқтисодиву истеҳсолӣ мебошад”. [31]

Ба ақидаи мо соҳибкорӣ дар иқтисодиёти миллӣ нақши асосиро бозида, ба тамоми сохторҳои иқтисодиёт, комплексҳои соҳавию байнисоҳавӣ, байниминтақавӣ ва минтақавӣ таъсири мутақобилаи худро мерасонад. Фаъолияти соҳибкорӣ ва сармоягузорӣ дар беҳтар намудани сатҳу сифати зиндагии аҳолӣ тавассути таъмини рушди устувори иқтисодӣ, шуғли аҳолӣ ва истеҳсолоти ватанӣ хеле муҳим мебошад.

Ғайр аз ин, соҳибкорӣ ба навовариҳои илму техника, тағйироти талабот ва вазъи бозори байналхалқиву минтақавӣ ба зудӣ мутобиқ шуда, дар ин замина, ба роҳ мондани истеҳсоли маҳсулоти рақобатпазири ватаниро таъмин мекунад. Бо дарки амиқи ҳамаи ин омилҳо Ҳукумати Тоҷикистон рушди соҳибкорӣ ва сармоягузориро яке аз самтҳои афзалиятноки сиёсати иқтисодии худ эълон намудааст.

---

[31] Эмомалӣ Раҳмон. Паёми Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон ш. Душанбе – 2019.

Дар натиҷаи таҳқиқотҳо муайян гардид, ки дар шароити нави хоҷагидорӣ масъалаи рушди соҳибкории истеҳсолӣ мутобиқ ба талаботи нав омӯзиши нисбатан амиқро талаб мекунад. Назарияи муосири иқтисодӣ соҳибкориро ҳамчун фаъолияти дорои ибтикор ва мустақилонаи шахсон муқаррар мекунад, ки барои гирифтани фоида тавассути ташкил ва истифодаи захираҳо бо мақсади истеҳсол ва фурӯши маҳсулот равона карда шудааст. Бидуни соҳибкорӣ иқтисодиёт самаранок набуда, бозор ва тиҷорат ҳам дар кишвар вуҷуд дошта наметавонад.

Имрӯз Тоҷикистон аъзои комилҳуқуқи СММ ва ташкилотҳои гуногуни байналмилалӣ, сиёсати дохилӣ ва берунаи худро соҳиб буда, дар тақсимоти байналмилалии меҳнат иштирок мекунад. Дар замони истиқлолият дар Тоҷикистон иқтисодиёти серсоҳаи миллӣ ба вуҷуд омад, ки дар таркиби он соҳаҳои саноат дар маҷмӯъ рушд меёбанд. Масъалаҳои расидан ба амнияти озуқаворӣ, коммуникатсионӣ, энергетикӣ, иқтисодии ҷумҳурӣ чун самтҳои стратегии рушди иқтисодиёти бозорӣ ҳаллу фасл шуда истодаанд.

Айни замон Тоҷикистон ба бозори ҷаҳонӣ маҳсулоти алюминий, пахта, семент, меваи хушк, сабзавот, полезиҳо ва ғайра содирот мекунад, ки дар маҷмӯъ наметавонад амнияти иҷтимоӣ-иқтисодии ҷумҳуриро пурра таъмин намояд.

Таҳқиқи ташаккул ва рушди соҳибкорӣ ҳамчун соҳаи муҳими иқтисодиёти миллӣ нишон медиҳад, ки соҳаи мазкур ҳанӯз дар ибтидои солҳои 90-уми асри гузашта оғоз ёфтааст. Таҳлилҳо нишон медиҳанд, ки фаъолияти соҳибкории истеҳсолӣ дар мамлакат бо пайдоиши як қатор тамоилҳои ба таври кофӣ мусбӣ марбут буда, дар ниҳояти кор ба афзоиши шумораи соҳибкорон оварда расонидааст.

Дар соли 2020 Ҷумҳурии Тоҷикистон аз рӯйи рейтинги пешбурди фаъолияти соҳибкорӣ миёни давлатҳои ҷаҳон мавқеи 106 – умро ишғол намуд[32], ки дар расми 1.4. нишон дода шудааст.

---

[32] Рейтинг стран мира по индексу ведения бизнеса. [Электронный ресурс]: https://gtmarket.ru. (Дата обращения: 18.03.2023).




Расми 1.4. Мавқеи Ҷумҳурии Тоҷикистон дар пешбурди фаъолияти соҳибкорӣ давоми солҳои 2016-2020

***Манбаъ:*** *Аз ҷониби муаллиф дар асоси маълумотҳои таҳқиқшудаи сомонаи https://gtmarket.ru. тартиб дода шудааст.*

Маълумотҳои расми 1.4. нишон медиҳад, ки Ҷумҳурии Тоҷикистон соли 2020 дар рейтинги пешбурди фаъолияти соҳибкорӣ миёни давлатҳои ҷаҳон мавқеи 106-умро ишғол намуд, ки нисбат ба соли 2016-ум 26 зина болотар мебошад.

Бо вуҷуди натиҷаҳои назаррас бояд дар мамлакат шароит ва инфрасохтори зарурӣ барои пеш бурдани фаъолияти соҳибкорӣ фароҳам оварда шавад. Инфрасохтори соҳибкории истеҳсолӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон самти афзалиятнок маҳсуб ёфта, дастгирии он ба корхонаҳои истеҳсолӣ имкон медиҳад, ки ба омилҳои асосии истеҳсолӣ дастрасӣ пайдо намуда, фаровонии бозор таъмин гардида, барои гузаштан ба зинаи сифатан нав шароиту заминаҳои мусоид барпо карда шавад. Барои ин дар солҳои минбаъда дарку ҳалли масъалаҳои муҳими рушди иқтисодӣ, инчунин таъмин намудани фаъолияти пешқадами шаклҳои соҳибкорӣ зарур аст.

Илова бар ин, зарурияти таъмини равнақу болоравии истеҳсолот ва самаранокии он, баланд бардоштани сатҳи зиндагии мардум водор месозад, ки соҳибкории истеҳсолӣ рушду равнақ дода шавад. Чунки ин ҳолат натанҳо ҳамчун хусусияти соҳибкориро дар бар мегирад, балки ба сифати омили дигаргунсозии куллии мавқеи инсон дар ҷомеа баромад мекунад.

Ҳамин тариқ, ҳангоми рушди соҳибкории истеҳсолӣ мо метавонем соҳаи саноати миллиро бо технологияи муосир таъмин намуда, таҷдиди онро ба роҳ

монем. Бо назардошти шароити муосири пешравии илму техника ин масъалаи якрӯза ва осон набуда, масъулияти баланду кордониро талаб мекунад.

Ба ақидаи мо, шарти муҳими рушди соҳибкории истеҳсолӣ дар иқтисоди миллӣ ин мавҷудияти инфрасохтори мукаммали институтсионалӣ буда, таъмини он дар ташаккул ва нигоҳдории фазои мусоиду шароити созгор барои рақобатпазирии субъектҳои соҳибкорӣ замина мегузорад.

Инчунин, унсури асосӣ дар рафти ин раванд ташаккули корхонаҳои истеҳсолӣ, илмӣ-техникӣ, молиявию қарзӣ, иттилоотӣ, кадрӣ ва ҳуқуқии соҳибкории истеҳсолӣ ба ҳисоб меравaнд.

## 1.2. Моҳият ва аҳамияти иҷтимоию иқтисодии минтақаҳои озоди иқтисодӣ дар рушди соҳибкории истеҳсолӣ

Яке аз самтҳои стратегии сиёсати иқтисодии давлат ин дуруст муайян намудани бартариятҳо ва майлкунонии равандҳои иқтисодӣ баҳри ба даст овардани афзоиши устувори иқтисодӣ, коҳиш додани сатҳи камбизоатӣ ва баланд бардоштани сатзи некӯаҳволии аҳолӣ мебошад.

Дар ин асно, ташаккули минтақаҳои озоди иқтисодӣ унсури муҳим дар роҳи амалисозии сиёсати иқтисодии давлати мустақил, барои гузаронидани ислоҳоти амиқи иқтисодӣ, ҷустуҷӯи роҳҳои тақвият бахшидани алоқаҳои хоҷагии ҷаҳонӣ дар асоси амалисозии сиёсати “дарҳои кушод”, истифодаи имкониятҳои ҳамгироии васеъ ва иштирок дар тақсимоти байналхалқии меҳнат мебошад.

Минтақаҳои озоди иқтисодӣ (МОИ) ҳамчун иттиҳодияи минтақавии иқтисодӣ решаҳои чуқури таърихӣ дошта, кашфиёти нави инсоният дар соҳаи рушди иқтисодӣ мебошанд. Минтақаҳои озоди иқтисодӣ дар худ имкониятҳои бузурги соҳибкориро дар асоси имтиёзҳои андозӣ ва реҷаи имтиёзноки арзию гумрукӣ доранд. Онҳо метавонанд сохтори муҳими хоҷагидории миллӣ гардида, дар ин замина бо ҷалби фаъоли онҳо дар равандҳои хоҷагидории ҷаҳонӣ ва таъмини рушди иқтисодӣ ва рақобатпазирии мамлакат мусоидат намоянд.

МОИ аз ҷумлаи шаклҳои мухталифи муносибатҳои иқтисодие мебошанд, ки таърихи тулонии пайдоиши худро дорад. Аввалин намунаҳои он дар баъзе кишварҳо дар асрҳои X1V-XV дар намуди шаҳрҳо ва шаҳрҳои "озод", "Порто-франко" (Порто Франко калимаи итолиёӣ буда, бандар, шаҳр ё вилояти наздибаҳрии озод мебошад,) ки дар қаламрави он воридот ё содироти молҳои хориҷӣ бе пардохти гумрукӣ, озодона сурат мегиранд.

Мувофиқи сарчашмаҳои таърихӣ муҳаққиқон таъсисёбии аввалин МОИ-ро дар соли 1547 ба шаҳри Ливорнои Италия вобаста мекунанд, ки ҳамчун "Шаҳри савдои озод" эълон шуда буд.[33] Дар ин шаҳр тоҷирон ҳуқуқи тиҷоратро бе пардохти андоз ба даст оварда буданд. Баъзе муҳаққиқон таърихи пайдоиши аввалин МОИ-ро ҳатто ба давраи пеш аз мелод мешуморанд. Онҳо иброз медоранд, ки зиёда аз 2000 сол қабл (соли 166 пеш аз мелод) ҳокимони давлати юнонӣ дар ҷазираи Делос ба хотири мусоидат намудан барои рушди савдо нахустин минтақаи озоди иқтисодиро таъсис дода буданд, ки дар тиҷорати байни Ғарбу Шарқ дорои мавқеи намоён буд. Дар ин ҷазира савдогарони беруна аз андоз, пардохт ва дигар расмиятдарориҳои маъмурӣ озод карда мешуданд.[34]

Ҷазираи Делос нақши миёнаравиро байни Ғарб ва Шарқ муддати 80 сол бозидааст. Пайдошавии бандарҳои озодро нисбат ба минтақаҳои озоди савдо боз ҳам қадимтар ёдовар мешаванд. Аввалин бандари озодро, ки дар Карфаген (дар Шимоли Африқо давлат - шаҳри қадима, ки дар шаҳри ҳозираи Тунис воқеъ буд) вуҷуд дошт, ба соли 814 - уми то мелод мансуб медонанд.

Дар асрҳои миёна мубодилаи байналхалқӣ аз тартиби мавҷудаи сатҳи боҷу хироҷ зарари калон медид. Расмиёти гумрукӣ ниҳоят фавқулода буда, хароҷотҳои калонро талаб мекард. Маҳз аз ҳамин лиҳоз дар шаҳрҳои наздибаҳрӣ бандарҳои озод, аз ҷумла дар Гамбург, Бремен, Марсел, Ливорно,

---

[33] Арская Е.В., Кравченко Л.Н., Усатова Л.В. Этапы возникновения и развития свободных экономических зон // Экономика. Информатика. 2018. №3. URL: https://cyberleninka.ru/article/n/etapy-vozniknoveniya-i-razvitiya-svobodnyh-ekonomicheskih-zon (Дата обращения: 04.03.2021).
[34] Воскеричян Р.О. Свободные экономические зоны – сущность, типы и роль в период переход к рыночной экономике. Экономика и финансы.- 2002, №19. С. - 15.

Мессини ва дигарҳо ба вуҷуд омада буданд. Дар ибтидои асри XX "Порто-франко" дар Гибралтар, Малта, Сулина, Сингапур, Аден пайдо шуданд.

Дар таҷрибаи ҷаҳонии фаъолияти иқтисоди берунӣ минтақаҳои озоди иқтисодӣ (МОИ) шабакаҳо барои ҷалби минтақаҳои гуногун ва мамлакатҳои сармоягузори хориҷӣ, технологияҳо ва малакаҳои идоракунӣ гаштаанд. Дар замони муосир МОИ мисли сиёсати "дарҳои кушод" дар низоми хоҷагидории ҷаҳонӣ гардидаанд. Минтақаҳои озоди иқтисодии муосир бо мазмуну мундариҷаи нави истеҳсолӣ ва таҷрибаи корӣ пурра гардида, баҳри фаъолияти озодонаи иқтисоди берунаи фаъол равона карда шудааст.

Айни замон, дар 140 мамлакати ҷаҳон зиёда аз 4500 МОИ мавҷуд аст, ки наздики 70 млн. нафарро ба кор фаро гирифтааст. Дар соли 2020 ба минтақаҳои озоди иқтисодӣ аз 20 то 25% - и гардиши моли ҷаҳонӣ рост омадааст[35]. МОИ гарчанде, ки сохтори қадимаи хоҷагидорӣ ба ҳисоб раванд ҳам, аммо мафҳум ва моҳияти он солҳои охир ба миён омад. Зиёда аз 20 намудҳои асосии мафҳуми МОИ вуҷуд дорад. Ҳамаи онҳо ба қисми маҳдуди ҳудуди миллии давлатӣ, ки дар он шартҳои махсуси имтиёзноки иқтисодӣ (имтиёзҳои гумрукӣ, андозӣ, раводидӣ, реҷаи меҳнатӣ ва ғайра) барои корхонаҳои хориҷӣ ва миллӣ амал мекунад ва барои рушди саноат ва маблағгузории сармояи хориҷӣ шароит фароҳам меоварад. Аммо, мафҳуми пуррае, ки мазмуну мундариҷаи МОИ - ро инъикос кунад ҳанӯз вуҷуд надорад. Вожаҳои зиёд набудани таснифоти умумиқабулкардашудаи МОИ - ро мефаҳмонад.

Аз ҷониби муаллиф дар ҷадвали 1.3. мафҳумҳои нисбатан умумиқабулкардашудаи МОИ дар сарчашмаҳои илмӣ ба низом даровarда шудааст.

---

[35] Прогноз сформирован на основании анализов следующих специалистов: Капустин В. Р. Свободные экономические зоны. –М.: Лаборатория книги, 2009, Задорина А.М. Правовой статус свободных экономических зон Республики Беларусь и особых экономических зон Российской Федерации к системе мер поддержки евразийской интеграции // Международное сотрудничество евразийских государств: политика, экономика, право. №2. 2015; Шнейдер О.А., Шибанов В.Е. Особенности налогообложения НДС при осуществлении внешнеторговых операций на территории особых экономических зон Российской Федерации. Владивосток, 2015.

Ҷадвали 1.3.

## Таърифи мафҳумҳои минтақаҳои озоди иқтисодӣ (МОИ)

| Сана | Муаллиф | Таъриф |
|---|---|---|
| 1 | 2 | 3 |
| 1973 | Конвенсияи байналхалқӣ оид ба соддагардонӣ ва ҳамоҳангсозии қоидаҳои гумрукӣ (Ҷопон, майи соли 1973) (Конвенсияи Киото) | Минтақаҳои озоди иқтисодӣ қисми ҳудуди мамлакат мебошанд, ки дар он молҳо ҳамчун объектҳое, ки берун аз ҳудуди қаламрави миллии гумрукӣ ҷойгир шудаанд, аз ин рӯ назорати муқаррарии гумрукӣ ва андозбандӣ карда намешаванд[36]. |
| 1993 | Коршиносони СММ | Минтақаҳои озоди иқтисодӣ ин ҳудуди махсусе, ки як қисми қаламрави мамлакатро, ки реҷаи гумрукӣ ва тиҷоратии бебоҷ дошта, дар он ширкатҳои хориҷие, ки ба истеҳсоли маҳсулоти ба содирот нигаронидашуда машғуланд, як қатор имтиёзҳои андозӣ ва молиявиро соҳибанд. |
| 1997 | Игнатов В., Бутов В. | Минтақаҳои озоди иқтисодӣ ҳудудҳои маҳдуд, бандарҳои баҳрӣ ва ҳавоие мебошанд, ки дар онҳо шартҳои махсуси имтиёзҳои иқтисодӣ барои соҳибкорони миллӣ ва хориҷӣ, ки баҳри ҳалли вазифаҳои тиҷорати хориҷӣ, умумииқтисодӣ, иҷтимоӣ, илмию техникӣ ва илмӣ - технологӣ мусоидат мекунад[37]. |
| 1998 | Семенов К.А. | Минтақаҳои озоди иқтисодӣ ҳудудҳои ҷуғрофие мебошанд, ки марказҳои сиёсии онҳо нисбат ба дигар ҳудудҳои мамлакати мазкур имтиёзҳои реҷаи фаъолияти хоҷагидорӣ доранд[38]. |

[36] Конвенсияи байналхалқӣ оид ба соддагардонӣ ва ҳамоҳангсозии қоидаҳои гумрукӣ (Ҷопон, майи соли 1973) (Конвенсияи Киото).
[37] Игнатов В., Бутов В. Свобод экономические зоны. – М.: “Ось – 89”, 1997. – 192 с.
[38] Семенов К.А. Международные экономические отношения. – М., 1998 г. – 181 с.

| | | |
|---|---|---|
| 1998 | Данько Т.П., Округ З. | Минтақаҳои озоди иқтисодӣ ин ҳудуди соҳибистиқлоли давлате мебошанд, ки қисми таркибии комплекси хоҷагидории мамлакатро ташкил дода, истеҳсол ва тақсимоти маҳсулоти ҷамъиятиро барои ба даст овардани ҳадафҳои муайян ва мушаххаси умумимиллӣ, корпоративӣ бо истифодаи механизмҳои махсуси танзими муносибатҳои ҷамъиятӣ – иқтисодии истеҳсол ва тақсимотро дар бар мегирад[39]. |
| 2000 | Друзик Я.С. | Минтақаҳои озоди иқтисодӣ қисми соҳибистиқлоли ҳудуде, ки дар онҳо реҷаи имтиёзноки гумрукӣ, андозӣ, арзию асъорӣ, меҳнатӣ ва иҷоравӣ мебошад ва ғайр аз ин дар ҳудудҳои мазкур шароити мусоиди ҷалби сармояи хориҷӣ фароҳам оварда мешавад[40]. |
| 2004 | Богуславский М.М. | Минтақаҳои озоди иқтисодӣ ин қисми ҷудонашавандаи ҳудуди давалат мебошад. Дилхоҳ минтақаҳои озоди иқтисодӣ новобаста аз макони ҷойгиршавӣ ва ҳадафҳои ташкилшавияшон қисми ҷудонашавандаи ҳудуди давлати муайян ба шумор меравнд[41]. |
| 2005 | Зименков Р.И. | Минтақаҳои озоди иқтисодӣ қисми фазои миллии иқтисодӣ мебошанд, ки дар онҳо барои соҳибкорони миллӣ ва хориҷӣ имтиёзҳои махсуси реҷаи хоҷагидорӣ, ки дар дигар қисмҳои он дида намешавад ва баҳри ҳалли масъалаҳои гуногуни иҷтимоию иқтисодӣ ва илмию техникӣ мусоидат мекунад[42]. |
| 2005 | Смитиенко Б.М. | Таҳти мафҳуми минтақаи озод (махсус) – и иқтисодӣ як қисми қаламрав (фазои иқтисодӣ) – и давлат бо реҷаи махсуси хоҷагидорӣ, савдои хориҷӣ ва фаъолияти сармоягузорӣ фаҳмида мешавад[43]. |
| 2005 | Шоидарвозова М.С. | Минтақаҳои озоди иқтисодӣ ин ҳудуди махсуси қаламрави хоҷагидорӣ буда, чун қоида, барои фаъолияти молиявӣ – хоҷагидории дилхоҳ мамлакат кушода буда, барои рушди иқтисодӣ, илмӣ – техникӣ, экологӣ ва иҷтимоӣ бо роҳи ҳуқуқ ва ваколатҳои иловагӣ бо |

[39] Данько Т.П., Округ З. Свободые экономические зоны. – М.: Инфра – М., 1998. – 185 с.
[40] Друзик Я.С. Свободые экономические зоны в системе мирового хозяства // Практическое пособие. – Минск: “ФАУ информ”, 2000. – 304 с.
[41] Богуславский М.М. Особые экономические зоны во внешнеэкономической деятельности //Журнал росийского права. 2004. - №6. – С.95 – 105.
[42] Зименков Р.И. Свободые экономические зоны. – М.: ЮНИТИ – ДАНА. – 2005. – 223 с.
[43] Смитиенко Б.М. Международные экономические отношения. – М.: ИНФРА – М, 2005. – С. 262.

| | | |
|---|---|---|
| | | сарҳадҳо, қонунгузорӣ, низоми буҷавӣ, андозӣ ва мақомотҳои идоракунии муайян мусоидат мекунад[44]. |
| 2010 | Павлов П.В. | Минтақаҳои озоди иқтисодӣ ин институти мустақиле мебошанд, ки меъёрҳои ҳуқуқие, ки муносибатҳои ҷамъиятиро дар соҳаи ташкил, амал ва қатъи фаъолияти ташкилотҳои махсуси ҳудудиро муттаҳид мекунанд[45]. |
| 2010 | А. Азрилиян | Минтақаҳои озоди иқтисодӣ қисми ҳудуди миллии давлат, ки дар он шартҳои махсуси имтиёзноки иқтисодӣ барои соҳибкорони хориҷӣ ва миллӣ (имтиёзҳои гумрукӣ, андозӣ, раводидӣ, меҳнатӣ ва ғайра) амал намуда, барои рушди саноат ва маблағгузории сармояи хориҷӣ шароит фароҳам меорад[46]. |
| 2012 | Қодиров Ф.А. | Минтақаҳои озоди иқтисодӣ ин қисми қаламрави Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошанд, ки бо сарҳадҳои аниқ муайяншуда, ки дар он реҷаи махсуси фаъолияти соҳибкорӣ амалӣ шудааст[47]. |
| | Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи минтақаҳои озоди иқтисодӣ” аз 25 марти соли 2011, № 700. | Минтақаи озоди иқтисодӣ – қитъаи алоҳидаи (маҳдуди) қаламрави Ҷумҳурии Тоҷикистон бо ҳудуди аниқ муқарраркардашуда, ки дар он барои фаъолияти соҳибкорӣ ва сармоягузорӣ шароити имтиёзноки иқтисодӣ ва низоми махсуси ҳуқуқӣ муҳайё карда шудааст[48]. |
| 2022 | Пешниҳоди муаллиф | Минтақаҳои озоди иқтисодӣ ҳудуди махсуси аниқ муқарраргардидаи давлат буда, дар онҳо имтиёзҳои иқтисодӣ ва андозӣ барои соҳибкорон бо мақсади рушди иҷтимоӣ, иқтисодӣ ва илмию техникии минтақа ва кишвар фароҳам оварда шудааст. |

***Манбаъ:** Аз ҷониби муаллиф дар асоси маълумотҳои таҳқиқшуда тартиб дода шудааст.*

[44] Шоидарвозова М.С. Свободые экономические зоны как форма привличения иностранных инвестиций в экономику Республики Таджикистан //Автореферат Диссертации к.э.н.- Душанбе, 2005.

[45] Павлов П.В. Институт особых экономических зонв Российской Федерации: финансово – правовые и организаыионно – экономические аспекты функционирования //Монография. – М.: Магистр: ИНФРА – М, 2010. – 256 с.

[46] А. Азрилиян. Большой экономический словарь. – 2010.-1472 с.

[47] Қодиров Ф.А. Малая открытая экономика Республики Таджикистан: вопросы привлечия региональных форм инностранного инвестирования//Монография. Душанбе. “Ирфон”, 2012. – 112 с.

[48] Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи минтақаҳои озоди иқтисодӣ” аз 25 марти соли 2011, № 700 (Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон соли 2011, №3, мод. 167).

Гуногунии мафҳум ва вожаҳое, ки муаллифони гуногун барои муайян кардани моҳияти МОИ истифода кардаанд, аз бисёр ҷиҳат аз навоварии пайдошудаи (“порто - франко”) аз рӯи дараҷаи рушд ва паҳншавии худ доимо хусусияту паҳлуҳҳои навро ба худ касб мекунад. Аз ин рӯ, зарур аст, ки пеш аз ҳама ҳамаи ин мафҳумҳоро муайян намуда, паҳлуҳои умумӣ ва хусусии ҳар яки онҳоро дар низоми идоракунӣ ошкор созем.

Тибқи Конвенсияи Киото мафҳуми МОИ қисми ҳудуди мамлакат мебошанд, ки дар он молҳо ҳамчун объектҳое, ки берун аз ҳудуди қаламрави миллии гумрукӣ ҷойгир шудаанд, аз ин рӯ назорати муқаррарии гумрукӣ ва андозбандӣ карда намешаванд[49], пешниҳод шудааст.

Мувофиқи ақидаи Игнатов В., Бутов В. “МОИ ҳудудҳои маҳдуд, бандарҳои баҳрӣ ва ҳавоие мебошанд, ки дар онҳо шартҳои махсуси имтиёзҳои иқтисодӣ барои соҳибкорони миллӣ ва хориҷӣ, ки баҳри ҳалли вазифаҳои тиҷорати хориҷӣ, умумииқтисодӣ, иҷтимоӣ, илмию техникӣ ва илмӣ - технологӣ мусоидат мекунад”[50].

Муҳаққиқ Семенов К.А. МОИ-ро ҳудудҳои ҷуғрофие меҳисобад, ки марказҳои сиёсии онҳо нисбат ба дигар ҳудудҳои мамлакати мазкур имтиёзҳои реҷаи фаъолияти хоҷагидорӣ доранд[51].

Аз нуқтаи назари Зименков Р.И. “МОИ қисми фазои миллии иқтисодӣ мебошанд, ки дар онҳо барои соҳибкорони миллӣ ва хориҷӣ имтиёзҳои махсуси реҷаи хоҷагидорӣ, ки дар дигар қисмҳои он дида намешавад ва баҳри ҳалли масъалаҳои гуногуни иҷтимоию иқтисодӣ ва илмию техникӣ мусоидат мекунад”[52].

Мувофиқи ақидаи муҳаққиқи тоҷик Шоидаврвозова М.С. “МОИ ин ҳудуди махсуси қаламрави хоҷагидорӣ буда, чун қоида, барои фаъолияти молиявӣ – хоҷагидории дилхоҳ мамлакат кушода буда, барои рушди иқтисодӣ, илмӣ – техникӣ, экологӣ ва иҷтимоӣ бо роҳи ҳуқуқ ва ваколатҳои

---

[49] Конвенсияи байналхалқӣ оид ба соддагардонӣ ва ҳамоҳангсозии қоидаҳои гумрукӣ (Ҷопон, майи соли 1973) (Конвенсияи Киото).
[50] Игнатов В., Бутов В. Свобод экономические зоны. – М.: “Ось – 89”, 1997. – 192 с.
[51] Семенов К.А. Международные экономические отношения. – М., 1998 г. – 181 с.
[52] Зименков Р.И. Свободые экономические зоны. – М.: ЮНИТИ – ДАНА. – 2005. – 223 с.

иловагӣ бо сарҳадҳо, қонунгузорӣ, низоми буҷавӣ, андозӣ ва мақомотҳои идоракунии муайян мусоидат мекунад”[53].

Қодиров Ф.А. МОИ-ро қисми қаламрави Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошанд, ки бо сарҳадҳои аниқ муайяншуда, ки дар он реҷаи махсуси фаъолияти соҳибкорӣ”[54] шарҳ додааст.

Тибқи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи минтақаҳои озоди иқтисодӣ” мафҳуми МОИ – қитъаи алоҳидаи (маҳдуди) қаламрави Ҷумҳурии Тоҷикистон бо ҳудуди аниқ муқарраркардашуда, ки дар он барои фаъолияти соҳибкорӣ ва сармоягузорӣ шароити имтиёзноки иқтисодӣ ва низоми махсуси ҳуқуқӣ муҳайё карда шудааст[55], тавсиф гардидааст.

Бо назардошти ин таърифҳо хулоса баровардан мумкин аст, ки МОИ ин як қисми фазои иқтисоди миллӣ буда, дар он дахолати давлатӣ ба манфиатҳои иқтисодии соҳибкорони миллӣ ва хориҷӣ маҳдуд гардонида шуда, реҷаи махсуси имтиёзноки хоҷагидорӣ ташкил карда шуда, он ба мақсади амалисозии бартариятҳои иқтисодии иқтисодиёти миллӣ хизмат мекунад.

Ба андешаи мо, МОИ ҳудуди махсуси аниқ муқарраргардидаи давлат буда, дар онҳо имтиёзҳои махсуси иқтисодӣ ва андозӣ барои соҳибкорон бо мақсади рушди иҷтимоӣ, иқтисодӣ ва илмию техникии минтақа ва кишвар фароҳам оварда шудааст.

МОИ дар ҳар мамлакат ба таври гуногун номгузорӣ шудааст. Масалан дар кишварҳои Чин, Россия ва як қатор кишварҳои дигар минтақаҳои махсуси иқтисодӣ номгузорӣ шудаанд.

Мо чунин мешуморем, ки дар Ҷумҳурии Тоҷикистон тарзи дурусти номгузории онҳо на минтақаҳои озоди иқтисодӣ, балки минтақаҳои махсуси иқтисодӣ номгузорӣ карда шавад. Зеро дар чунин минтақаҳо озодӣ на ба

---

[53] Шоидарвозова М.С. Свободые экономические зоны как форма привличения инностранных инвестиций в экономику Республики Таджикистан //Автореферат Диссертации к.э.н.- Душанбе, 2005.

[54] Қодиров Ф.А. Малая открытая экономика Республики Таджикистан: вопросы привлечия региональных форм инностранного инвестирования//Монография. Душанбе. “Ирфон”, 2012. – 112 с.

[55] Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи минтақаҳои озоди иқтисодӣ” аз 25 марти соли 2011, № 700 (Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон соли 2011, №3, мод. 167).

маънои мутлақ, балки ба маънои нисбӣ омадааст, яъне субъектҳои минтақаҳои мазкур аз ҳама андозҳо ва дигар пардохтҳо пурра озод мебошанд.

Марҳилаҳо ва вазифаҳои рушди МОИдар ҷаҳон дар ҷадвали 1.4. оварда шудааст.

Ҷадвали 1.4.

**Марҳилаҳо ва вазифаҳои рушди минтақаҳои озоди иқтисодӣ дар ҷаҳон**

| **Вақти пайдоиш ва ташкилёбӣ** | **Марҳила** | **Омилҳои асосии ташкилёбӣ** | **Хусусиятҳо** | **Намудҳои маъмулӣ** |
|---|---|---|---|---|
| То асри XVI | Ташаккули номунтазами МОИ | Рушди тиҷорати байниминтақавӣ | Савдо | Шаҳрҳо ва бандарҳои озод |
| То миёнаи асрҳои XX | Давраи пайдоиши МОИ | Озодшавӣ аз мустамликадорӣ | Савдо | Бандарҳои озод, минтақаҳои савдои озод |
| То солҳои 90 – и асри XX | Давраи рушди МОИ | Пешрафти илмӣ - техникӣ | Савдо, истеҳсолот | Минтақаҳои содиротӣ - истеҳсолӣ |
| То замони мо | Давраи камолоти МОИ | Ҳамгироии байниминтақавии қитъавӣ | Савдо, истеҳсолот, коркард, хизматрасонӣ ва ғайраҳо | Минтақаҳои комплексии озод |

***Манбаъ:*** *Аз ҷониби муаллиф дар асоси маълумотҳои таҳқиқшуда тартиб дода шудааст.*

МОИ сохтори ташкилию иқтисодие мебошанд, ки ҳоло дар ҷаҳон густариши васеъ ёфта, дар кишварҳои зиёди дунё, новобаста аз иқтидори иқтисодӣ ва сатҳу сифати рушди иҷтимоии онҳо бунёд гардидаанд. Онҳо ифодакунандаи инкишофи робитаҳои тиҷоратию молиявӣ, истеҳсолию технологии давлатҳо буда, ба макони густариши муносибатҳои бозорӣ, рушди соҳибкорӣ, такмили технологияҳои истеҳсолӣ ва санъати идоракунӣ мубаддал гаштаанд. Ин гуна сохторҳои ҷаҳонӣ махсусан дар охирҳои асри XX ба омили назарраси рушди иқтисодӣ, бахусус рушди тиҷорати байналмилалӣ табдил гашта, нишондиҳандаҳои бемисли пешравиро соҳиб шудаанд.

Бунёд ва рушди МОИ ҳамеша мадди назари Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва махсусан, Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон буда, дар аксар баромадҳо, вохӯриҳо бо соҳибкорон ва паёмҳои худ ин нуқтаро қайд месозанд. Аз ҷумла, дар Маҷлиси васеи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон доир ба натиҷаҳои рушди иқтисодиву иҷтимоии мамлакат дар соли 2008 - ум ва вазифаҳо барои соли 2009, аз 16 - уми январи соли 2009 иброз намуданд: "Минтақаҳои озоди иқтисодӣ воситаи муҳими ҷалби сармояҳо ба ҳудудҳои алоҳидаи кишвар ва рушди иқтисодии онҳо мебошанд. Аз фароҳам овардани заминаи ҳуқуқӣ барои ташкил намудани минтақаҳои озоди иқтисодӣ дар қаламрави ҷумҳурӣ мақсади мо рушди соҳаҳои коркарди ашёи хоми маҳаллӣ ва истеҳсоли маҳсулотӣ ниҳоӣ, зиёд намудани иқтидори содиротии кишвар, истифодаи самараноки сарватҳои табиӣ, таъмини рушди бештари иқтисодиву иҷтимоии ноҳияҳои ниёзманд мебошад.

Барои ташкили минтақаҳои махсуси саноатӣ ва сайёҳӣ дар мамлакатамон имкониятҳои васеъ мавҷуданд ва онҳоро ба манфиати мардум ва баланд бардоштани сатҳи зиндагии аҳолӣ самарабахш истифода намудан аз аҳамият холӣ нахоҳад буд..." [56].

Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон МОИ бо мақсади таъмини шароити мусоид барои суръатбахшии рушди иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон, аз ҷумла, бо мақсадҳои ҷалби сармоягузориҳои хориҷӣ, таъмини шуғли аҳолӣ, рушди бемайлони иқтисодиёт дар асоси ҷалби техника ва технологияи нав, таҷрибаи пешқадами хориҷӣ, муттаҳидсозӣ ва истифодаи маҷмӯии сармояи давлатӣ, тиҷоратӣ ва хориҷӣ, санҷиши усулҳои нави хоҷагидорӣ, ки ба омӯзиши шаклҳои гуногуни моликият асос ёфтаанд, дар иқтисодиёт ҷорӣ намудани ихтироот ва коркарди илмию техникии ватаниву хориҷӣ бо истифодаи минбаъдаи онҳо дар дигар ташкилотҳои ҷумҳуриявӣ,

[56] Эмомалӣ Раҳмон. Суханронӣ дар Маҷлиси васеи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон доир ба натиҷаҳои рушди иқтисодиву иҷтимоии мамлакат дар соли 2008 - ум ва вазифаҳо барои соли 2009, аз 16 - уми январи соли 2009. "Ҷумҳурият", 20 - уми январи соли 2009.

густариши истеҳсолоти молҳои истеъмолӣ ва хизматрасониҳо, афзун намудани содироти маҳсулот ва ғайраҳо ташкил карда шудаанд.

Ҳамин тарик, ҳадафҳои асосии таъсиси МОИ дар кишварҳои ҷаҳон гуногун буда, аз вазифаҳо ва муаммоҳои бартаридоштаи ҳар як давлат бармеояд, ки онҳоро дар маҷмӯъ ба се ҳадафи асосӣ ҷудо мекунанд, ки дар расми 1.5. оварда шудааст.




Расми 1.5. Ҳадафҳои асосии таъсиси минтақаҳои озоди иқтисодӣ

***Манбаъ:*** *Аз ҷониби муаллиф дар асоси маълумотҳои таҳқиқшуда тартиб дода шудааст.*

**Минтақаҳои озоди иқтисодӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон бо мақсадҳои зерин таъсис дода мешаванд:** [57]

✓ рушди иқтидори иқтисодӣ ва иҷтимоии ҷумҳурӣ, минтақаҳо ва маҳалҳои алоҳидаи он;

[57] Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи минтақаҳои озоди иқтисодӣ”, Боби 1. Муқаррароти умумӣ аз 25 марти соли 2011, № 700 (Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон соли 2011, №3, мод. 167)., http://fezdangara.tj.

✓ фароҳам овардани шароити мусоид барои ҷалби сармоягузорӣ ба бахшҳои воқеии иқтисодиёт;

✓ нигоҳдории ҷойҳои кории мавҷуда ва ташкили ҷойҳои нави корӣ;

✓ ҷалби техникаи муосир ва технологияи инноватсионӣ;

✓ ташкил ва рушди инфрасохтори муосири нақлиётӣ, истеҳсолӣ ва иҷтимоӣ;

✓ беҳтар кардани сифати идоракунӣ, таъмини самараноки истеҳсолот ва истеҳсоли маҳсулоти дар бозори ҷаҳонӣ рақобатпазир;

✓ баланд бардоштани иқтидори содирот ва рушди истеҳсолоти ивазкунандаи воридот;

✓ ғанӣ гардонидани бозори дохилӣ;

✓ фаъолгардонии муносибатҳои иқтисодии хориҷӣ ва минтақаҳо;

✓ азхудкунии мавзеъҳои нав ва таъмини рушди шаҳрсозӣ;

✓ нигаҳдорӣ ва истифодаи самарабахши захираҳои табиии барқароршаванда ва барқарорнашаванда.

Ҳамин тариқ, ҳадафи ташкил ва бунёди МОИ аз дараҷаи рушди иҷтимоию иқтисодии мамлакатҳо, нақшаҳои стратегии онҳо ва ғайраҳо вобастагӣ дорад. Масалан: дар мамлакатҳои тарақикардаи саноатӣ МОИ одатан барои пурзур кардани робитаҳои иқтисодии беруна, тақвияти иқтисодӣ бахшидани минтақаҳо ва дар баъзе ҳолатҳо корхонаҳои мушаххас ташкил карда мешаванд.

Барои баҳисобгирӣ, таҳлил ва баланд бардоштани самаранокии МОИ таснифоти илман асосноккардашудаи он зарур аст. Таснифоти илман асосноккардашудаи МОИ ба мо имконият медиҳад, ки на танҳо онҳоро ба ҳисоб гирем, балки дараҷа ва истифодабарии онҳоро таҳлил намуда, дар ин асос иттилооти объективиро барои таҳия ва ташаккули механизми самараноки ташкили МОИ-ро ба даст оварем. Аз рӯи ҳадафи умумии худ МОИ ба якдигар монанд буда, вазифаҳои онҳо гуногун мебошад.

Мисол, нисбатан таснифоти комплексиро оид ба МОИ Крюкова Е. В. дар рисолаи илмии худ овардааast, ки дар он МОИ-ро аз рӯи хусусияти фаъолият ва таъиноти мақсад дар расми 1.6. нишон дода шудааст:[58]




Расми 1.6. Намудҳои гуногуни минтақаҳои озоди иқтисодӣ мувофиқи махсусгардонии хоҷагидории онҳо

***Манбаъ:*** *Аз ҷониби муаллиф дар асоси маълумотҳои таҳқиқшудаи Крюкова Е. В. тартиб дода шудааст.*

Нишондиҳандаи нисбатан асосии минтақаҳои озоди иқтисодӣ аз рӯи хусусияти фаъолият ё таъиноти вазифавӣ ҷудо намудани онҳо мебошад, ки дар расми 1.7. нишон дода шудааст.

[58] Крюкова Е.В. Эффективность функционирования зон с особым экономическим статусом: автореферат дис. ... кандидата экономических наук: / Крюкова Екатерина Викторовна.- Волгоград, 2014.




Расми 1.7. Гурӯҳбандии МОИ аз рӯи хусусияти фаъолият

**Манбаъ:** Аз ҷониби муаллиф дар асоси маводҳои таҳқиқшуда тартиб дода шудааст

Дар адабиёти илмӣ бо зиёда аз 30 намуди МОИ вохӯрдан мумкин аст. Гуногунии МОИ-ро маҷмӯи омилҳои таъсиррасони пайдоиш ва рушди он муайян мекунад. Таснифоти мавҷудаи МОИ-ро аз рӯи чанд нишондиҳандаҳо овардан мумкин аст. Сохтори намудӣ ва хусусиятҳои МОИ дар расми 1.8. оварда шудааст.




Расми 1.8. Сохтори намудӣ ва хусусиятҳои минтақаҳои озоди иқтисодӣ

***Манбаъ:*** *Аз ҷониби муаллиф дар асоси маълумотҳои таҳқиқшуда тартиб дода шудааст.*

Шакли аз ҳама паҳншудатарини чунин намуди минтақаҳо дар ИМА во мехӯранд, ки шумораи онҳо тақрибан ба 218 адад мерасад. Минтақаҳои озоди тиҷоратӣ (МОТ) ба мақсади васеъ намудани доираи ҷалби сармоягузориҳои хориҷӣ ва ҳавасмандгардонии рушди иқтисодиёти минтақаву мамлакат равона карда шудааст. МОТ дар баъзе ҳолатҳо истеҳсоли маҳсулот низ ҷой дорад, масалан васлкунии маҳсулот аз қисмҳои

эҳтиётии маҳаллӣ ё хориҷӣ. Хусусиятҳои функсионалии фаъолият дар минтақаҳои озоди савдоро ба ҳисоб гирифта, онҳоро ба чунин гурӯҳҳо ҷудо кардан мумкин аст:

✓ бандаргоҳҳои озоди транзитӣ;

✓ минтақаҳои озоди гумрукӣ;

✓ минтақаҳои савдою истеҳсолӣ.

Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон МОИ мувофиқи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи минтақаҳои озоди иқтисодӣ" дар намудҳои саноатӣ (истеҳсоли маҳсулоти саноатӣ), савдо ва тиҷоратӣ, хизматрасонӣ, инноватсионӣ, илмӣ - таҳқиқотӣ ва ҷорикунанда таъсис дода шудаанд[59], ки дар расми 1.9. нишон дода шудааст.




Расми 1.9. Намудҳои минтақаҳои озоди иқтисодӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон

***Манбаъ:*** *Аз ҷониби муаллиф дар асоси маълумотҳои Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи минтақаҳои озоди иқтисодӣ" тартиб дода шудааст.*

Ҳамин тариқ, дар сурати рушди соҳибкории истеҳсолӣ дар минтақаҳои озоди иқтисодӣ истеҳсолоти ватанӣ рушд намуда, бозори истеъмолӣ бо маҳсулоти хушсифат таъмин мегардад. Ҳамзамон, барои паст кардани сатҳи камбизоатӣ, баланд бардоштани некӯаҳволии мардум ва дар умум механизми афзалиятноки таъмини рушди устувори иқтисоди миллӣ заминаи мусоид фароҳам меоранд.

[59] Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи минтақаҳои озоди иқтисодӣ", Боби 1. Муқаррароти умумӣ аз 25 марти соли 2011, № 700 (Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон соли 2011, №3, мод. 167)., http://fezdangara.tj.

### 1.3. Таҷрибаи ҷаҳонии ташаккул ва рушди соҳибкории истеҳсолӣ дар минтақаҳои озоди иқтисодӣ

Таҷрибаи ҷаҳонӣ нишон медиҳад, ки яке аз ҳадафҳои таъсис ва рушди минтақаҳои озоди иқтисодӣ рушди соҳибкории истеҳсолӣ ва таъмини бозори истеъмолӣ бо маҳсулоти босифати ватанӣ мебошад. Рушди иқтисодиёти ҳар як давлат аз соҳаи саноати он вобастагии калон дорад. Ҷумҳурии Тоҷикистон низ дар ин замина аз таҷрибаи бойи мамлакатҳои тараққикардаи саноатӣ истифода намуда, дар ин самт чораҳои мушаххаси заруриро андешида истодааст.

Омӯзиши таҷрибаи ҷаҳонии мавҷуда таҳлили таҷрибаи андӯхтаи мамалакатҳои тараққикарда ва рӯ ба тараққӣ ба мо имкон медиҳад, ки ба имкониятҳо ва дурнамои ташкил ва рушди МОИ дар иқтисодиёти Тоҷикистон баҳои объективӣ диҳем. Дар аксари давлатҳои тараққикарда МОИ асосан рушди минтақаҳои озоди тиҷоратӣ ва минтақаҳои илмӣ – техникиро тақозо мекунад. Иқтисодиёти мамлакатҳои аз ҷиҳати саноатӣ тараққикарда ба равандҳои хоҷагидории ҷаҳонӣ амиқ ворид гаштаанд. Аз ин лиҳоз, МОИ-и ин мамлакатҳо дар раванди тақсимоти байналхалқии меҳнат васеъ ҷалб гардидаанд.

Таҷрибаи ҷаҳонӣ нишон медиҳад, ки МОИ самаранокии худро дар ҳалли ҳадафҳои иқтисодии рушд ва инкишоф исбот карда бошанд ҳам, онҳо дар ҳама мамлакатҳо баробар бомуваффақият фаъолият намекунанд. Муваффақияти фаъолияти МОИ дар Осиёи Шарқӣ ва Амрикои Лотиниро бо минтақаҳои озоди иқтисодии Африқо муқоиса кардан душвор буда, онҳо муваффақ нестанд.

Дар сохтори мамлакатҳои рӯ ба тараққӣ минтақаҳои истеҳсолӣ – содиротӣ бартарӣ доранд, ки ин бо ҳадафҳои ташкил ва ба даст даровардани дараҷаи баланди рушди саноатӣ ва ворид шудан ба тақсимоти байналхалқии меҳнат алоқамандӣ дорад. Аз ин рӯ, ташкили МОИ асоси консепсияи рушди

дарозмуддати иқтисодиёти ин мамлакатҳоро барои 15 – 20 сол муайян мекунад.

Баррасии ҳаматарафаи таҷрибаи мамлакатҳои гуногун ба шаклҳои ҷудогонаи МОИ ғайриимкон аст, зеро таҳлили он бениҳоят гуногуншакл мебошад. Шумораи аниқи МОИ – ро дар ҷаҳон аз сабаби гуногуншаклии мафҳум ва номукаммалии усули ҷамъоварии маълумотҳо муайян кардан хеле душвор аст, ки ин имконият намедиҳад онҳоро аз рӯи намуд тафриқабандӣ намоем[60].

Айни замон дар ҷаҳон 25 намудҳои ҷудогона ва зиёда аз 4500 минтақаҳои озоди иқтисодӣ, аз ҷумла, 400 минтақаҳои озоди тиҷоратӣ, зиёда аз 300 минтақаҳои содиротӣ – истеҳсолӣ ва 100 минтақаҳои таъиноти махсус (экологӣ – иқтисодӣ, оффшорӣ, сайёҳӣ ва ғайра) вуҷуд доранд. Минтақаҳое вуҷуд доранд, ки ба бозори берунӣ ва инчунин минтақаҳое, ки ба бозори дохилӣ нигаронида шудаанд. Барои ҳалли ин вазифаҳо дар онҳо имтиёзҳои гуногуни гумрукӣ, иҷора, арзӣ, раводидӣ, меҳнатӣ ва ғайраҳо мавҷуд аст, ки барои рушди саноат ва маблағгзории хориҷӣ шароити мусоид фароҳам меоварад[61]. Ғайр аз ин, бештари мамлакатҳо дар бораи МОИ иттилоот намедиҳанд. Аз ин рӯ, масъалаи таҳлили рушди давра ба давраи МОИ дар амалияи ҷаҳонӣ нисбатан кам омӯхта шудааст. Аз ин ҷиҳат, таҷрибаи ҷаҳонии рушди давра ба давраи МОИ мувофиқи мақсад буда, кӯшиш намудем, ки онро мавриди таҳлил қарор диҳем.

Дар диссертатсияи худ мо таҷрибаи ҷаҳонии ташаккул ва рушди соҳибкории истеҳсолиро дар МОИ дар мамлакатҳои ИМА, Чин, Россия ва Ҷумҳурии Ӯзбекистон мавриди омӯзиш ва таҳқиқ қарор додем.

Дар Иёлоти Муттаҳидаи Амрико оғози рушди МОИ ба соли 1934 рост меояд. МОИ дар ИМА ба намуди минтақаҳои озоди тиҷоратӣ (МОТ) ва

---

[60] Абдураҳмон Ҳ. Таҷрибаи ҷаҳонии таъсис ва рушди минтақаҳои озоди иқтисодӣ. Паёми ДДТТ. 4/2 (34)., Душанбе, 2020. – С. 14.

[61] Лешина И. Е. Предпосылки и цели создания свободных экономических зон. Проблемы и перспективы развития [Захираи электронӣ]: http://www.samoupravlenie. ru/1612.htm. (Санаи муроҷиат: 04.03.2020.)

минтақаҳои соҳибкорӣ бештар рушд намудааст. То ибтидои соли 2017 дар ин кишвар 270 минтақаҳои савдои берунӣ амал мекард. Нахустин минтақаҳои савдои беруна дар ИМА дар асоси Қонун “Дар бораи минтақаҳои савдои берунӣ” бунёд гардидаанд[62]. Қонуни мазкур мақсади коҳиш додани бекорӣ ва тақвият бахшидани дараҷаи иҷтимоию иқтисодии мамлакатро баъди “Депрессияи бузург”, инчунин ҳавасманд гардонидани рушди тиҷоратро пешбинӣ менамояд.

Бояд қайд кард, ки дар марҳилаи ибтидоии рушди микдорӣ ва сифатии бунёди МОИ дар ИМА дар дараҷаи нисбатан пасти рушд қарор дошта, як қатор омилҳои дохилӣ ва берунӣ ба афзоиши суръати рушди онҳо таъсири худро расониданд. Дар ИМА минтақаҳои озоди тиҷоратӣ дар давраи “Депрессияи бузург”, яъне давраи таназзули иқтисодиёти миллӣ ва афзоиши бекорӣ пайдо шуданд. Мувофиқи он ҳадафи ташкили чунин минтақаҳо мустаҳкам кардани иқтисодиёт, баланд бардоштани рақобатпазирии саноати миллӣ дар бозори ҷаҳонӣ ва ҳамзамон коҳиш додани сатҳи бекорӣ буд.

Дар ИМА дар шароити ҳозира се намуди асосии МОИ-и зерин вуҷуд доранд:[63]

1. Минтақаҳои озоди тиҷоратӣ (МОТ);
2. Минтақаҳои соҳибкорӣ (МС);
3. Бошишгоҳҳои (паркҳои) технологӣ (БТ).

Нахустин минтақаҳои озоди тиҷоратӣ дар ИМА дар асоси қонун “Дар бораи минтақаҳои савдои хориҷӣ”, ки онро Конгресси мамлакат соли 1934 тасдиқ намуда буд, таъсис ёфтааст. Ҳадафи онҳо васеъ намудани фаъолияти иқтисодӣ дар минтақаҳои алоҳида, инчунин паст намудани сатҳи бекории дар давраи “депрессияи бузург” бениҳоят афзуда ва ҳарчи бештар ба тиҷорати байналмилалӣ ҷалб намудани ширкатҳои мамлакат мебошад. Дар ҷадвали

[62] The Foreign-Trade Zones Act 1934. [Захираи электронӣ].: http://enforcement. trade. gov/ftzpage/ grantee/ regs.html (Санаи муроҷиат: 05.03.2020).
[63] Зименков Р. И. Опыт США в создании и функционировании свободных экономических зон // Российский внешнеэкономический вестник. 2005. №11. URL: https://cyberleninka.ru/article/n/opyt-ssha-v-sozdanii-i-funktsionirovanii-svobodnyh-ekonomicheskih-zon (Дата обращения: 05.03.2021).

1.5. ҳадафҳои асосӣ, имтиёзҳо ва афзалиятҳои махсуси МОТ дар ИМА оварда шудааст.

Ҷадвали 1.5.

**Ҳадафҳои асосӣ, имтиёзҳо ва афзалиятҳои махсуси минтақаҳои озоди тиҷоратӣ дар ИМА**

| Таъриф | Ҳадафҳои асосӣ | Имтиёзҳо ва афзалиятҳои махсуси минтақа |
|---|---|---|
| Минтақаҳои озоди тиҷоратӣ ин минтақаҳое, ки аз ҷиҳати ҷуғрофӣ дар ҳудуди ИМА ҷойгир буда, аммо аз тарафи қонунгузорӣ ҳамчун минтақаҳое, ки аз ҳудуди гумрукии мамлакат берун ҷойгир шудаанд, баррасӣ шудааст. | ❖ баланд бардоштани рақобатпазирии саноати миллӣ дар бозори ҷаҳонӣ бо роҳи васеъ намудани фаъолнокии иқтисодӣ дар ҳудудҳои муайян;<br>❖ коҳиш додани сатҳи бекорӣ. | ❖ аз тарифҳои “баръакс” озод шудан;<br>❖ дар ҳолати озод шудан аз боҷи реэкспорти маҳсулот;<br>❖ озодшавӣ аз боҷи партовҳо ва шикастапораҳо;<br>❖ ҳисоботи ҳарҳафтаина оид ба боркунӣ;<br>❖ ба таъхир афтодани партохти боҷҳо. |

***Манбаъ:*** *Аз ҷониби муаллиф дар асоси маълумотҳои таҳқиқшуда тартиб дода шудааст.*

Дар ИМА минтақаҳои савдои хориҷӣ (МСХ) маънои минтақаҳои озоди савдо ё бандари озодро доранд. Тибқи қонунгузории мамлакат МСХ қаламрави таҳти назорати Хадамоти гумрукии кишварбуда ҳисобида мешавад, аммо айни ҳол аз лаҳзаи ба кор даромадани ин минтақаҳо онҳо минбаъд қаламрави гумрукии Иёлоти Муттаҳида ҳисобида намешаванд.

Минтақаҳои савдои хориҷӣ ҳамчун минтақаҳои тиҷоратӣ ва тиҷоратию истеҳсолӣ ба сифати қисми қаламрави миллӣ боқӣ монда, аз нигоҳи реҷаи гумрукӣ, буҷетию андозбандӣ ва молиявӣ минтақаи берун аз ҳудуди давлат воқеъбуда ҳисоб меёбанд.

Нахустин МОТ дар бандарҳои калон – дар Ню – Йорк, Орлеанаи Нав, Сан – Франсиско, Окленд, Лос – Анҷелес ва Сиэтл ҷойгир шуда буданд. Дар ибтидои соли 2013 дар ИМА 174 минтақаҳои озоди тиҷоратӣ фаъолона амал

мекарданд. Дар ҳудуди онҳо зиёда 3200 ширкатҳо бо теъдоди 370 ҳазор кормандон фаъолият мекарданд.

Умуман, МОТ дар ИМА ба иқтисодиёти кишвар ҳиссагузорӣ намуда, бо ёрии имтиёзноки андозбандӣ барои афзоиши истеҳсоли маҳсулоти гуногун дар дохили худи мамлакат мусоидат мекунанд, ки нисбат ба маҳсулоти аз берун воридшаванда бештар рақобатпазир ҳастанд[64].

Минтақаҳои озоди соҳибкорӣ (МОС) дар ИМА одатан дар шаҳрҳои калони аз ҷиҳати иқтисодӣ сусттараққие, ки дараҷаи баланди бекорӣ дар онҳо дида мешаванд, таъсис дода шудаанд. Тибқи қоида онҳо дар масоҳати 2,5 – 5 км$^2$ ташкил карда мешаванд. Дар аксари иёлотҳо минтақаҳои озоди соҳибкорӣ ба муҳлати 10 – 20 сол таъсис дода мешаванд. Бо мақсади рушди истеҳсолот ва зиёд намудани шуғли аҳолӣ дар ҳудуди минтақаҳои мазкур ба ширкатҳои амрикоӣ имтиёзҳои гуногун пешкаш карда мешаванд. Дар зинаи федералӣ тахфиф дар андозаи 5% барои андоз ҳангоми корҳои сохтмонӣ, таъмир ва ғайраҳо пешкаш карда мешавад[65].

Бошишгоҳҳои (паркҳои) технологӣ (БТ) дар ИМА шакли самараноки ҳамгироии илм ва истеҳсолот, макони фаъолияти инноватсионӣ ва таҳияи технологияҳои нав мебошанд. Ба хусусиятҳои бошишгоҳҳо инчунин, давраи дуру дарози ташкилшавӣ мансуб мебошад. Мисол, бошишгоҳи технологии Водии Силикон наздики 35 сол, ба секунҷаи Каролинаи Шимолӣ 30 сол, ба бошишгоҳи донишгоҳи Юта қариб 20 сол лозим шудааст.

Нишондиҳандаҳои фаъолияти минтақаҳои озоди тиҷоратӣ дар ИМА дар ҷадвали 1.6. оварда шудааст.

---

[64] Зименков Р. И. Опыт США в создании и функционировании свободных экономических зон // Российский внешнеэкономический вестник. 2005. №11. URL: https://cyberleninka.ru/article/n/opyt-ssha-v-sozdanii-i-funktsionirovanii-svobodnyh-ekonomicheskih-zon (Дата обращения: 05.03.2021).

[65] Зименков Р. И. Опыт США в создании и функционировании свободных экономических зон // Российский внешнеэкономический вестник. 2005. №11. URL: https://cyberleninka.ru/article/n/opyt-ssha-v-sozdanii-i-funktsionirovanii-svobodnyh-ekonomicheskih-zon (Дата обращения: 05.03.2021).

Ҷадвали 1.6.

**Нишондиҳандаҳои фаъолияти минтақаҳои озоди тиҷоратӣ дар ИМА дар солҳои 2014 – 2018 (млрд. долл.)**[66]

| **Нишондиҳандаҳо** | **Солҳо** | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|
| | **2014** | **2015** | **2016** | **2017** | **2018** | **2018/2014,%** |
| Истеҳсоли маҳсулот, млрд. долл. | 798,1 | 659,4 | 610,4 | 669,2 | 793.8 | 99,5 |
| Ҳаҷми содирот, млрд. долл. | 99,2 | 84,6 | 75,7 | 87,1 | 112,9 | 113,8 |
| Шумораи минтақаҳои тасдиқгарида, адад | 258 | 262 | 263 | 262 | 260 | 100,8 |
| Шумораи минтақаҳои фаъол, адад | 179 | 186 | 195 | 191 | 195 | 108,9 |

***Манбаъ:*** *Аз ҷониби муаллиф дар асоси маълумотҳои https://www.trade.gov/annual-report тартиб дода шудааст.*

Аз маълумотҳои дар ҷадвали 1.6. овардашуда мушоҳида кардан мумкин аст, ки шумораи минтақаҳои фаъол ва минтақаҳои тасдиқгардида ва нишондиҳандаҳои ҳаҷми содирот низ сол аз сол зиёд гардидааст.

Бояд қайд кард, ки шумораи аз ҳама бештари МОИ дар ҷаҳон ба ИМА рост меояд. Ҳамаи иёлотҳои ИМА ба Барномаи МОИ ҷалб гардида, саҳми онҳо дар рушди иқтисодиёти он назаррас мебошад. Мавқеи 10 иёлоти ИМА аз рӯи шакли фаъолияти МОТ дар ҷадвали 1.7. оварда шудааст.

Ҷадвали 1.7.

**Мавқеи 10 иёлоти ИМА аз рӯи шакли фаъолияти минтақаҳои озоди тиҷоратӣ**

| **Мавқеъ аз рӯи истеҳсоли мол** | **Иёлот** | **Мавқеъ аз рӯи содироти мол** | **Иёлот** |
|---|---|---|---|
| 1 | Техас | 1 | Техас |
| 2 | Луизиана | 2 | Луизиана |
| 3 | Калифорния | 3 | Каролинаи Ҷанубӣ |
| 4 | Иллинойс | 4 | Флорида |
| 5 | Каролинаи Ҷанубӣ | 5 | Пуэрто – Рико |
| 6 | Теннесси | 6 | Калифорния |
| 7 | Кентуки | 7 | Алабама |
| 8 | Пенсилвания | 8 | Ҷорҷия |
| 9 | Огайо | 9 | Индиана |
| 10 | Индиана | 10 | Кентуки |

***Манбаъ:*** *Аз ҷониби муаллиф дар асоси маълумотҳои https://www.trade.gov/annual-report тартиб дода шудааст.*

---

[66] Annual Report of the Foreign - Trade Zones Board to the Congress of the United States [Захираи электронӣ]. https://www.trade.gov/annual-report (Санаи мурољиат - 08.02.2020).

Яке аз омилҳои рушди соҳибкории истеҳсолӣ дар МОИ аз модели дурусти таҳияшуда вобастагӣ дорад. Модели фаъолияти МОИ пояи меъёрию ҳуқуқӣ, сохтори ташкилӣ ва ҳаҷми сармоягузориҳоро дар бар мегирад. Модели фаъолияти МОИ дар ИМА дар расми 1.10. оварда шудааст.




Расми 1.10. Модели фаъолияти минтақаҳои озоди иқтисодӣ дар ИМА[67]

***Манбаъ:*** *Аз ҷониби муаллиф дар асоси маълумотҳои таҳқиқшуда тартиб дода шудааст.*

Ҳамин тариқ, МОИ ба иқтисодиёти ИМА амиқ пайваст гардида, дар рушди иҷтимоию иқтисодии мамлакат нақши муассир мегузоранд. Ин пеш аз ҳама тавассути ҳавасманд гардонидани ширкатҳои миллӣ бо ёрии як қатор имтиёзҳо оид ба истеҳсоли маҳсулоти тайёр дар худи ИМА, молҳои нисбатан рақобатпазир дар муқоиса бо ширкатҳои хориҷӣ амалӣ карда мешавад.

Таҷрибаи таъсис ва рушди МОТ дар ИМА-ро метавон дар МОИ-и Ҷумҳурии Тоҷикистон татбиқ ва васеъ истифода ва дар рушди соҳибории истеҳсолӣ замина гузошт.

Ҷумҳурии Мардуми Чин дар муқоиса бо дигар мамлакатҳои тараққикардаи ҷаҳон дар миёнаҳои асри XX ба ташкили минтақаҳои махсуси иқтисодӣ (ММИ) шурӯъ намуд. Онҳо таҷрибаи дигар мамлакатҳои Осиё аз қабили, Индонезия, Сингапур, Гонконг, Макао, Таиванд ва Малайзияро

[67] Корнейко О. В., Лю Ин Сравнительный анализ свободных экономических зон в США, Китае и России в XXI веке // RJOAS. 2017. №9. URL: https://cyberleninka.ru/article/n/sravnitelnyy-analiz-svobodnyh-ekonomicheskih-zon-v-ssha-kitae-i-rossii-v-xxi-veke (дата обращения: 05.03.2021).

истифода бурданд. Қарор дар бораи ташкил намудани нахустин чор минтақаҳои махсуси иқтисодӣ: Шенҷен, Ҷухай, Шантоу ва Сямин танҳо дар охирҳои солҳои 70 - уми ва 80 - уми асри гузашта қабул карда шуд[68]. Баъди оне, ки нақшаи ташкили нахустин чор МОИ – ро Чин бо муваффақият амалӣ намуд, дар соли 1984 қарор оид ба кушодани 14 шаҳрҳо – бандарҳо, ки дар соҳилҳои баҳрҳои Зард, Чини Шарқӣ ва Чини Ҷанубӣ қабул карда шуд[69].

Дар Чин аввалин МОИ дар соли 1978 ҳамчун озмоишгоҳ барои рушди босуръати иқтисодӣ ва назорати воридоти технология ва сармояи хориҷӣ таҳия карда шуда буданд. Ҳадафҳои асосӣ, имтиёзҳо ва афзалиятҳои махсуси МОИ дар Чин дар ҷадвали 1.8. оварда шудааст.

Ҷадвали 1.8.

**Ҳадафҳои асосӣ, имтиёзҳо ва афзалиятҳои махсуси минтақаҳои озоди иқтисодӣ дар Чин [70]**

| **Таъриф** | **Ҳадафҳои асосӣ** | **Имтиёзҳо ва афзалиятҳои махсуси минтақа** |
|---|---|---|
| Минтақаҳои махсуси иқтисодии Чин ин минтақаҳои ҷудогонае мебошанд, ки дар онҳо тартиби соддакардашудаи танзими фаъолияти иқтисоди беруна амал мекунад. | ❖ озмоишҳо бо усулҳои гуногуни сиёсӣ;<br>❖ ҷалби сармояи хориҷӣ ва технологияи пешқадам;<br>❖ зиёд намудани ҳаҷми маблағҳои арзии содиротӣ;<br>❖ таъсиси ҷойҳои иловагии корӣ;<br>❖ ҳавасмандгардонии рақобат байни минтақаҳо. | ❖ низоми имтиёзноки андозӣ барои корхонаҳои дорои сармояҳои хориҷӣ (бозгашти 40% аз андоз аз даромад ба сармоягузорони хориҷӣ, ки ба мӯҳлати на камтар аз 5 сол сармоягузорӣ мекунанд), имтиёз-ҳои андозӣ ҳангоми сармоягузорӣ ба маблағи беш аз 5 миллион доллар);<br>❖ меъёри андози даромад барои шаҳрвандон чор маротиба кам карда шуда, 5% - ро ташкил медиҳад;<br>❖ барои андози замин, рухсатии андоз барои панҷсола ва баъдан 50% - и меъёри андози ҷорӣ;<br>❖ миқдори зиёди қувваи кории арзон. |

***Манбаъ:*** *Аз ҷониби муаллиф дар асоси маълумотҳои таҳқиқшудаи муҳаққиқон Корнейко О. В., Лю Ин тартиб дода шудааст.*

[68] Wall D. Special Economic Zones in China: the administrative and regulatory framework//The journal of Asian Affairs. 2000. - № 2. - P.64.

[69] Campbell N., Adlington P. China business strategies//Oxford* Pergamon-Press, 2002 P.53.

[70] Корнейко О. В., Лю Ин. Сравнительный анализ свободных экономических зон в США, Китае и России в XXI веке // RJOAS. 2017. №9. URL: https://cyberleninka.ru/article/n/sravnitelnyy-analiz-svobodnyh-ekonomicheskih-zon-v-ssha-kitae-i-rossii-v-xxi-veke (дата обращения: 05.03.2021).

Аз оғози соли 1980 дар Чин 5 ММИ таъсис ёфтааст, ки онҳо дар ҷанубу шарқи Чин ҷойгир шудаанд. Фаъолияти ин минтақаҳо асосан ба бозорҳои байналмилалии мол равона карда шуда буданд. Аз ин лиҳоз, зиёда аз 50% - и маҳсулоти истеҳсолшуда ба хориҷа содир карда мешуд. Дар ин ҷо пеш аз ҳама саноати коркард, фаъолияти илмӣ – таҳқиқотӣ ва савдо - фурӯш рушд ёфта буд[71]. Модели фаъолияти МОИ дар Чин дар расми 1.11. оварда шудааст.




Расми 1.11. Модели фаъолияти минтақаҳои озоди иқтисодӣ дар Чин

***Манбаъ:*** *Аз ҷониби муаллиф дар асоси маълумотҳои таҳқиқшудаи Campbell N., Adlington P. тартиб дода шудааст.*

Ҷиҳатҳои ҷалбкунандаи МОИ-и Чин дар нақшаи ҷалби қувваи арзони корӣ, муътадилии вазъи сиёсии кишвар, додани имтиёзҳо ва афзалиятҳо барои сармоягузорон мувофиқи қонунгузориҳои он ба шумор меравад.

Айни замон дар ҳудуди Чин чунин МОИ бо реҷаи имтиёзнок фаъолият мекунанд:[72]

5-минтақаҳои махсуси иқтисодӣ;

90-минтақаҳои рушди техникӣ – иқтисодии сатҳи давлатӣ;

---

[71] Меджидов З.У. Зарубежный опыт функционирования особых экономических зон // Вестник ВУиТ. 2016. №1. URL: https://cyberleninka.ru /article/n/zarubezhnyy – opyt - funktsionirovaniya - osobyh-ekonomicheskih-zon-1(Захираи электронӣ), (Сана мурочиат: 05.03.2020).

[72] Козлова Н. А. Функционирование свободных экономических зон в Китае // Вестник ПГУ им. Шолом - Алейхема. 2015. №4 (21). [Захираи электоронӣ]: https://cyberleninka.ru /article/n/ funktsionirovanie - svobodnyh-ekonomicheskih-zon-v-kitae (Санаи мурочиат: 09.04.2020).

114-минтақаҳои нав ва технологияҳои баланд;

13-минтақаҳои озоди гумрукӣ;

14-минтақаҳои наздисарҳадии ҳамкориҳои иқтисодии сатҳи давлатӣ.

Айни замон Хайнан яке аз минтақаҳои махсуси озоди бузурги Чин ба ҳисоб меравад. Он дар ҷануби мамлакат ҷойгир буда, ҷазираҳои муайянро дар бар мегирад. Дар ҳайати он панҷ минтақаи махсусгардонидашуда дохил мешавад. Дар он ҷо барои ҷалби сармояи хориҷӣ низомҳои гуногуни тахфиф ва имтиёзҳои андозӣ дар соҳаҳои гуногун (саноати коркард, кишоварзӣ, нақлиёт, технологияҳои баланд ва ғайраҳо) пешниҳод шудааст.

Минтақаҳои махсуси иқтисодии (ММИ) Шенҷен дар ҳайати худ чор ноҳияҳои дар музофоти Гуандун, Лоху, Футиян, Наншан ва Янтян бо масоҳати умумии 493 $км^2$ фаро мегирад. ММИ - и Шантоу дар ҷанубу шарқи Чин ҷойгир буда, аз ду қисм иборат аст: ноҳияҳои шарқии Шантоу (бо масоҳати 22,6 $км^2$) ва ноҳияҳои ҷанубу шарқии Гуанҷоу (бо масоҳати 30 $км^2$)[73].

Дар ММИ - и Ҷуҳай зиёда аз 4980 корхона бо сармоягузории хориҷӣ фаъолият мекунад. Дар минтақаи мазкур маблағҳо ба соҳаҳои хизматрасонӣ, саноати вазнин, электроника, сохтмони бандар, роҳҳо ва ғайраҳо ҷудо карда шудааст. 80 % - и ин маблағҳо ба Гонконг, Макао, Тайван ва Сингапур рост меояд.

Дар ММИ - и Сямэн зиёда аз 4150 корхона бо сармояи хориҷӣ, 80 % - и ин сармояҳо аз Тайван мебошад, фаъолият мекунанд. Соҳаҳои асосии маблағгузорӣ асосан – электроника, нассоҷӣ, саноати хӯрокворӣ ва химия ба шумор меравад.

Дар ММИ - и Хайнан зиёда аз 7320 корхона бо ҳаҷми умумии сармояҳои 22, 3 млрд. долл. ИМА фаъолият мекунад. Самтҳои асосии фаъолияти

[73] Киевская А. С., Ананичева Е. П. Организационно-экономический механизм образования территорий опережающего развития в Китайской Народной Республике // Московский экономический журнал. 2018. №5 (2). С. - 4, (Захираи электронӣ), URL: https://cyberleninka.ru/article/n/organizatsionno-ekonomicheskiy-mehanizm obrazovaniya-territoriy - operezhayuschego - razvitiya-v-kitayskoy - narodnoy-respublike (Санаи муроҷиат: 14.04.2020).

минтақаи мазкур сайёҳӣ, истеҳсолоти саноатӣ, боркашониҳои баҳрӣ ва захираҳои канданиҳои фоиданок мебошад.

Натиҷаҳои босамари МОИ – ро таҳлил намуда, қайд кардан ба маврид аст, ки дар Чин ММИ яке аз шаклҳои рушди минтақаҳои ҷудогонаи дигар маҳсуб меёбанд. Ҷиҳатҳои фарқунандаи чунин минтақаҳо дар Чин, диверсификатсияи васеи фаъолият, фарогирии ҳудуди зиёд, ҷалби сармояи хориҷӣ ва техникаи муосир, реҷаи сармоягузории мавзун, самаранок истифода бурдани захираҳои табиӣ, инчунин омодасозии мутахассисони миллӣ ба ҳисоб меравадн.

Ҳамин тариқ, дар шароити муосири рушди иқтисодиёти Тоҷикистон, ки бо мутаносибии афзоиши истеҳсолот дар бисёр соҳаҳои хоҷагӣ тавсиф дода мешавад, таҷрибаи Чин оид ба ташкили МОИ барои рушди ноҳияҳои қафомонда қобили қабул аст. Чунин минтақаҳо аз ҳисоби ба соҳибкорон пешниҳод намудани озодии бештар барои фаъолият ва имтиёзҳои муайяни иқтисодӣ метавонанд ба ҷоннок кардани соҳибкории хурд ва миёна дар ноҳияҳои қафомонда мусоидат намуда, сатҳи бекориро коҳиш диҳад.

Дар Федератсияи Россия масъалаи таъсиси МОИ ва умуман дар собиқ ИҶШС дар охири солҳои 1980 - уми асри гузашта ба миён омада бошад ҳам, бо сабаби вуҷуд надоштани ҳуҷҷатҳои зарурии ҳуқуқӣ ҳалли амалии худро наёфта буд[74]. Дар давраи Иттиҳоди Шӯравӣ фаъолият дар бахши таъсиси МОИ амалан дар аввали соли 1989 бо таҳияи тарзи умумии таъсисдиҳии онҳо оғоз ёфта буд[75].

Аввалин МОИ дар Россия дар давраи Шӯравӣ дар шакли анборҳои гумрукӣ ва минтақаҳои озоди гумрукӣ пайдо шуда буданд. Ин гуна анборҳо бе пардохти гумрукӣ барои нигоҳ доштани молҳои воридотӣ, инчунин

---

[74] А.Ю. Архипов, П.В. Павлов, А.В. Татарова Институты особой экономической зоны и приграничной торговли как структуры эффективного развития международной инвестиционной деятельности Монография. – Таганрог: Изд-во ТТИ ЮФУ, 2011. – 294 с. http://www.aup.ru /books/m 1497/2_3.htm (дата обращения: 05.03.2021).

[75] М. Ю. Тулаева Свободные экономические зоны в России: проблемы правового регулирования и перспективы развития // Наука. Инновации. Технологии. 2003. №33. URL: https://cyberleninka.ru /article/n/svobodnye-ekonomicheskie-zony-v-rossii-problemy-pravovogo-regulirovaniya-i-perspektivy-razvitiya (дата обращения: 05.03.2021).

содироти онҳо истифода мешуданд[76]. Бо қарори Ҳукумати Федератсияи Россия аз 21 декабри соли 2005 дар мамлакат чор адад минтақаҳои махсуси иқтисодии ҷорикунии техникӣ ташкил карда шудааст.

Таъсисди ММИ дар асоси қоидаҳои барасмиятдарорӣ ва пешниҳоди дархост бо қарори Ҳукумати Федератсияи Россия аз 13 сентябри соли 2005, № 564 “Дар бораи тасдиқ намудани Қоидаҳои барасмиятдарорӣ ва пешниҳоди дархост барои таъсисдиҳии минтақаҳои махсуси иқтисодӣ” сурат мегирад.

Таъриф, ҳадафҳои асосӣ, имтиёзҳо ва афзалиятҳои махсуси МОИ дар Россия дар ҷадвали 1.9. оварда шудааст.

Ҷадвали 1.9.

**Таъриф, ҳадафҳои асосӣ, имтиёзҳо ва афзалиятҳои махсуси минтақаҳои озоди иқтисодӣ дар Россия**

| Таъриф | Ҳадафҳои асосӣ | Имтиёзҳо ва афзалиятҳои махсуси минтақа |
|---|---|---|
| Дар Россия минтақаҳои махсуси иқтисодӣ ин қисми ҳудуди он буда, реҷаи махсуси фаъолияти соҳибкорӣ ва дигар намуди фаъолиятҳо, инчунин тартиби гумрукии минтақаҳои озоди гумрукӣ истифода мешавад. | ❖ рушди соҳаҳои коркарди иқтисодиёт, соҳаҳои технологияҳои пешқадами иқтисодиёт, рушди сайёҳӣ, соҳаи санаторию курортӣ ва зерсохтори нақлиётӣ;<br>❖ таҳияи технологияҳо ва тиҷоратикунии натиҷаи онҳо;<br>❖ истеҳсоли намудҳои нави маҳсулот. | ❖ низоми савдои озод (мавҷуд набудани боҷҳои гумрукӣ ва баргардонидани ААИ);<br>❖ низоми махсуси андозбандӣ (кам кардани андозҳо аз фоида, молу мулк, нақлиёт ва андози замин барои 5 - 10 сол). |

***Манбаъ:*** *Аз ҷониби муаллиф дар асоси маълумотҳои таҳқиқшуда тартиб дода шудааст.*

Дар Россия байни ҳадафҳои асосӣ авлавиятҳо барои рушди соҳаҳои иқтисодиёти он равона карда шуда буд. Таҳлили самаранокии минтақаҳои озоди иқтисодии Россия дар муқоиса бо Чин ва Амрико бояд диққати асосиро ба таҷрибаи ташаккул ва рушди онҳо диҳад.

[76] Абдураҳмон Ҳ. Таҷрибаи ҷаҳонии таъсис ва рушди минтақаҳои озоди иқтисодӣ. Паёми ДДТТ. 4/2 (34)., Душанбе, 2020. – С. 18.

Айни замон дар Федератсияи Россия чор намуди ММИ-и зерин фаъолият мекунанд:[77]

- ➢ минтақаҳои истеҳсолии саноатӣ;
- ➢ минтакаҳои ҷорикунии техникӣ;
- ➢ минтақаҳои сайёҳию рекреатсионӣ (осоишгоҳӣ);
- ➢ минтақаҳои махсус дар бандаргоҳҳо.

Дар Федератсияи Россия рушди муназзами минтақаҳои махсуси иқтисодӣ аз соли 2005 баъди қабули Қонуни федералӣ “Дар бораи минтақаҳои махсуси иқтисодӣ” аз 22.07.2005 ба чашм мерасад[78]. Модели фаъолияти ММИ дар Россия дар расми 1.12. нишон дода шудааст.




Расми 1.12. Модели фаъолияти минтақаҳои махсуси иқтисодӣ дар Россия[79]

***Манбаъ:*** *Аз ҷониби муаллиф дар асоси маълумотҳои таҳқиқшудаи Корнейко О. В., Лю Ин. тартиб дода шудааст.*

Айни замон МОИ-и ИМА ва Чин аллакай самаранокии худро собит намудаанд, дар ҳоле ки дар Россия танҳо қисме аз онҳо самаранок ҳисобида мешаванд.

---

[77] Федеральный закон “Об особых экономических зонах в Российской Федерации”(с изменениями на 30 декабря 2020 года). [Электронный ресурс]: https://docs.cntd.ru/document/(дата обращения: 05.03.2021).

[78] Об особых экономических зонах в Российской Федерации: Федеральный закон №116-ФЗ (от 22.07.2005 г.) в ред. №240-ФЗ (от 30.10.2007 г.) // СЗ РФ. – 2005. – №30 (Ч. 2). – Ст. 3127; СЗ РФ. – 2007. – №45. – Ст. 5417.

[79] Корнейко О. В., Лю Ин. Сравнительный анализ свободных экономических зон в США, Китае и России в XXI веке//RJOAS. 2017. №9. [Электронный ресурс]: https://cyberleninka.ru /article/n/sravnitelnyy - analiz-svobodnyh-ekonomicheskih-zon-v-ssha-kitae-i-rossii-v-xxi-veke (дата обращения: 05.03.2021).

Афзалиятҳои муҳими ММИ-и Россия барои резидентҳо инҳо ба шумор меравад:

- ✓ Имтиёзҳои андозии федералӣ ва минтақавӣ;
- ✓ Кафолатҳои давлатӣ;
- ✓ Рушди инфрасохтор;
- ✓ Иҷораҳои имтиёзнок ва хариди қитъаҳои замин;
- ✓ Минтақаи озоди гумрукӣ.

Мувофиқи маълумотҳо дар соли 2019 дар ҳудуди Федератсияи Россия 28 ММИ ба қайд гирифта шудааст, ки аз онҳо 11 – адад минтақаҳои саноатӣ – истеҳсолӣ, 6 – адад минтақаи ҷорисозии техникӣ, 10 – адад сайёҳӣ - рекреатсионӣ ва 1 – адад минтақаи бандарӣ мебошад. Дар 2018 дар ММИ – и Федератсияи Россия шумораи умумии резидентҳо 707 адад, аз ҷумла 131 адади он резидентҳои хориҷӣ мебошанд. Дар соли 2018 дар ММИ – и Россия 33 кишвари хориҷӣ, аз ҷумла Кипр, ИМА, Нидерландия, Туркия, Олмон, Швейтсария, Белгия, Италия, Исроил, Дания ва дигар давлатҳо сармоягузорӣ намудаанд[80].

Ҳамин тариқ, ММИ-и Федератсияи Россия рақобатпазир буда, дар қиёс бо дигар мамлакатҳо аз рӯи имтиёзҳои интихобгардида ва миқёс афзалият доранд. Ба ҳамаи ин нигоҳ накарда, як қатор камбудиҳо низ дида мешаванд, ки бо гузашти вақт тавассусти истифодаи таҷрибаи бой ва босамари хориҷӣ онҳоро бартараф кардан мумкин аст.

Ақидаи таъсиси МОИ дар Ҷумҳурии Ӯзбекистон дар охирҳои солҳои 80 – уми асри XX ба миён омада, ҳамчун механизми наву ояндадори табаддулоти иқтисодиёти ҷумҳурӣ арзёбӣ шуда буданд.

Дар Ҷумҳурии Ӯзбекистон пояи меъёрию ҳуқуқии МОИ ташкил карда шуда, Қонун “Дар бораи минтақаҳои озоди иқтисодӣ” амал карда, зиёда 40 санадҳои зерқонунӣ қабул карда шудааст.

---

80 Бизнес - навигатор по особым экономическим зонам России – 2019 / И.В. Голубкин, М.М. Бухарова, Л.В. Данилов и др.; Ассоциация развития кластеров и технопарков России. – М.: АКИТ РФ, 2019. – С. - 16., [Захираи электронӣ]: http://akitrf.ru/upload/Special_Economic_Zones_Business_Navigator-2019_rus.pdf (дата обращения:15.04.2020).

Айни замон дар Ӯзбекистон 21 МОИ ва 135 минтақаҳои хурди саноатӣ ташкил карда шудаанд. Аз ҷониби онҳо дар соли 2017 ба маблағи 1,76 трлн. сум маҳсулот истеҳсол гардидааст, ки назар ба соли 2016 29,14 % зиёд мебошад. Аз ҷумла, 42, 8 млн. доллари он (афзоиш ба 10, 9%) ба содирот рост меояд. Ҳамзамон, қисматҳои дурнамои истеҳсол ва содирот мутаносибан ба 89,2 % ва 60,6 % иҷро гардиданд[81].

Минтақаҳои асосии озоди иқтисодии Ӯзбекистон инҳо мебошанд: “Навоӣ”, “Ангрен", “Ҷиззах”, “Ургут”, “Ғиждувон”, “Қуқанд”, “Ҳазорасп”, “Чорвок”, “Нукус – фарма”, “Зомин – фарм”, “Қосонсой – фарм”, “Сирдарё – фрам”, “Бойсун – фарм”, “Бустонлик – фарм”, “Панкетинт – фарм”, “Сирдарё”, “Намангон”, “Термиз”, “Балик ишлаб чигарувчи”, “Бухоро – агро” ва “Спорт”.

Айни замон дар ҳудуди МОИ-и Ҷумҳурии Ӯзбекистон 99 лоиҳаҳои сармоягузорӣ ба арзиши умумии 639 млн. доллари ИМА бо арзиши миёнаи 1 лоиҳа дар ҳаҷми 4,6 млн. доллари ИМА амалӣ карда шудааст[82].

Дар доираи лоиҳаҳо ҳамагӣ дар МОИ – и Ӯзбекистон наздики 300 млн доллари ИМА сармоягузории чунин мамлакатҳои хориҷӣ аз ҷумла, Чин (40% аз ҳаҷми умумӣ), Британияи Кабир 10%, Корея 5%, Сингапур ва Австрия 37%, Булғория, Аморати Муттаҳидаи Араб, Ҳиндустон, Италия ва дигар мамлакатҳо ҷалб карда шудаанд[83].

Ташкили истеҳсоли номгӯи васеи маҳсулоти шишагӣ (28,9 млн. доллари ИМА сармоягузории хориҷӣ) дар МОИ “Ҷиззах” ва истеҳсоли тахтачаҳои керамикӣ (15 млн. доллари ИМА сармоягузории хориҷӣ) дар МОИ “Сирдарё” ба роҳ монда шудааст, аммо сармоягузорони хориҷӣ танҳо ба 52 лоиҳаҳои амалишуда ҷалб карда шудаанду халос.

---

81 Об актуальных проблемах развития свободных экономических зон в Республике Узбекистан., Информационно-аналитический доклад подготовлен проектом Программы Развития ООН «Совершенствование инвестиционного климата в Республике Узбекистан»., Ташкент – 2018., С – 4.

82 Абдураҳмон Ҳ. Таҷрибаи ҷаҳонии таъсис ва рушди минтақаҳои озоди иқтисодӣ. Паёми ДДТТ. 4/2 (34)., Душанбе, 2020. – С. 20.

83 Совместный проект “Welton International Enterprises Pte. Ltd.” (Сингапур), “Kito Investment Pte. Ltd.” (Сингапур) и “SEID Handelsgesellschaft m.b.H.” (Австрия) по строительству в Ташкентской области на территории свободной экономической зоны “Ангрен” сахарного завода “Ангрен шакар” мощностью 1000 тонн в сутки.

Бояд қайд кард, ки дар Ӯзбекистон диди аниқи стратегии рушди МОИ дар мамлакат вуҷуд надорад. МОИ-и бунёдшаванда аксаран ҳадафи аниқи фаъолияти худро надоранд. Минтақаҳои озоди иқтисодии нав бошад бе гузаронидани таҳқиқоти амиқи зарурият, ҷобаҷогузорӣ ва фаъолияти махсусгардонӣ таъсис дода мешаванд. Дар санадҳои меъёрӣ бошад, ҳадафҳо хусусияти декларативӣ ва номушаххас дошта, барои ҳамаи МОИ умумӣ ҳисобида шуда, ҳадафи онҳо аниқ нест.

Ҳамин тариқ, самаранокии МОИ-и Ӯзбекистон аз сиёсати дурусти давлатӣ, дараҷаи рақобатпазири давлат, рақобат байни минтақаҳо ва ғайра вобастагӣ дорад. Онҳо олоти амалисозии ҳадафҳои макроиқтисодӣ, сиёсӣ, микроиқтисодии давлат, минтақа ва ширкат ба ҳисоб мераванд.

Ҳамин тавр, дар асоси омӯзиши таҷрибаи ҷаҳонӣ ва амалияи як қатор мамлакатҳои хориҷӣ нуктаҳои асосии зеринро қайд кардан бамаврид аст:

1. Таҷрибаи баррасинамудаи мо нишон медиҳад, ки бунёди МОИ дар сиёсати иқтисодии мамлакат мавқеи махсусро ишғол намуда, мақсади онҳо ташкили нуктаҳои рушд барои иқтисодиёти минтақаҳои ҷудогона мебошад. Амалия нишон медиҳад, ки маҳз дар ҳудуди МОИ лоиҳаҳои мушаххаси иқтисодӣ ва ташаббусҳои стратегии сохторҳои соҳибкорӣ амалӣ мегарданд.

2. Ҳангоми ташкили МОИ омили ҷуғрофӣ нақши муҳимро мебозад, зеро мавқеи сарҳадӣ, инфрасохтори инкишофёфтаи нақлиётӣ, истеҳсолӣ ва иҷтимоӣ маҳаки муҳими самаранокии фаъолият ва рушди МОИ ба ҳисоб рафта, дар амалия онҳо ҳам барои рушди минтақаҳои нав, ки маҳакҳои дар боло зикргардидаро надоранд ва дар онҳо захираҳои табиӣ муттаҳид гардидаанд, ташкил карда мешаванд.

3. Амалияи мамлакатҳое, ки мо таҳқиқ намудем, нишон дод, ки новобаста аз шакли форматсияи ҷамъиятӣ – иқтисодӣ ва дараҷаи рушди муносибатҳои истеҳсолӣ ва иқтисодиёт дар умум асоси самараноки фаъолияти МОИ, инфрасохтори мустаҳкам, пояи институтсионалии босамар,

механизми ҷалби маблағгузорони хориҷӣ, инчунин ҳавасмандгардонӣ ва ҳимояи манфиатҳои онҳо мебошад.

4. Таҳлили таҷрибаи ҷаҳонӣ нишон дод, ки ташаккул ва фаъолияти самараноки МОИ аз мавҷудияти як қатор шартҳо вобастагӣ дорад. Ин шартҳоро дар қисматҳои зерин муттаҳид кардан мумкин аст:

А). Қисмати шартҳои иқтисодӣ:

- ҳолати умумии иқтисодиёт;

- дараҷаи вобастагии байниҳамдигарии механизми МОИ бо механизмҳои дохилии хоҷагидорӣ;

- мавҷудияти шартҳои иқтисодӣ ва арзӣ – молиявӣ барои рушди фаъолияти бозорӣ;

- дараҷаи рушди низоми молиявӣ:

- дараҷаи рушди инфрасохтор;

- мавҷудияти марказҳои таълимӣ, пажуҳишгоҳҳои таҳқиқотӣ бо имкониятҳои баланди илмӣ:

- кӯшиши корхонаҳои саноатӣ ва манфиат доштани онҳо дар рушди технологӣ ва аз худ кардани маҳсулоти инноватсионӣ:

- омодагии бонкҳо барои иштирок дар амалисозии лоиҳаҳо.

Б). Қисмати шартҳои ҷуғрофӣ:

- наздик будани МОИ ба марказҳои саноатӣ ва ашёи хоми мамлакат;

- баромад ба бозорҳои хориҷӣ, баҳрҳо ва фурудгоҳҳои хориҷӣ;

- ҷойгиршавии объектҳои саноатӣ ва анборҳо.

Механизми фаъолияти МОИ дар ҳар мамлакатҳо якхела набуда, аз имкониятҳо ва шароити таъсис, намуд, шакли фаъолият ва сохтори маблағгузорӣ аз ҳамдигар тафовут доранд.

Аз ин лиҳоз, мо механизми ММИ дар мамлакатҳои Россия, ИМА, Чин, Ӯзбекистон ва Тоҷикистон дар ҷадвали 1.10. тавсифи муқоисавӣ менамоем.

Ҷадвали 1.10.

**Тавсифи муқоисавии механизми ММИ дар мамлакатҳои Россия, ИМА, Чин, Ӯзбекистон ва Тоҷикистон**

| Мамлакат | Маҳаки таснифот | | | |
|---|---|---|---|---|
| | Намудҳои асосии ММИ | Таваҷҷӯҳ ба бозор | Хусусӣ / давлатӣ | Сохтори маблағгузорӣ |
| Россия | - ММИ саноатию истеҳсолӣ;<br>- ММИ ҷорисозии техникӣ;<br>- ММИ сайёҳию рекреатсионӣ"<br>- ММИ бандарӣ | Дохилӣ ва берунӣ | Давлатӣ | Бештар сармоягузории давлатӣ, сармояи хориҷӣ нисбатан камтар |
| ИМА | - минтақаҳои савдоӣ – истеҳсолӣ;<br>- минтақаҳои таъиноти умумӣ;<br>- субминтақаҳо. | Дохилӣ ва берунӣ | Хусусӣ бо гирифтани иҷозатнома аз давлат | Бештар сармояи хусусӣ, миллӣ ва сармояи хориҷӣ |
| Чин | Минтақаҳои озоди иқтисодии комплексӣ. | Дохилӣ ва берунӣ | Давлатӣ | Бештар сармояи хусусии хориҷӣ |
| Ӯзбекистон | - МОИ савдо;<br>- МОИ истеҳсолӣ;<br>- МОИ илмӣ - таҳқиқотӣ. | Дохилӣ ва берунӣ | Давлатӣ | Бештар сармояи миллӣ ва сармояи хориҷӣ |
| Тоҷикистон | - МОИ саноатӣ (истеҳсоли маҳсулоти саноатӣ);<br>- МОИ савдо ва тиҷоратӣ;<br>- МОИ хизматрасонӣ;<br>- МОИ инноватсионӣ, илмӣ - таҳқиқотӣ ва ҷорикунанда. | Дохилӣ ва берунӣ | Давлатӣ | Сармоягузории давлатӣ ва хориҷӣ |

***Манбаъ:*** *Аз ҷониби муаллиф дар асоси маълумотҳои таҳқиқшуда тартиб дода шудааст.*

Дар асоси маълумотҳои ҷадвали боло диққатро бояд ба афзалиятҳои рақобатии мамлакатҳое, ки нисбат ба Тоҷикистон фаъолияти худро оид ба механизми идоракунии минтақаҳои озоди иқтисодӣ дуруст ба роҳ мондаанд, равона созем.

Бояд тазаккур дод, ки ҳалли мушкилоти бунёд ва фаъолияти МОИ на танҳо хусусияти техникӣ – иқтисодӣ, балки хусусияти миллӣ низ доранд. Аз ин лиҳоз, ҳангоми таҳияи чорабиниҳо ва қабули чораҳо нисбати МОИ бояд

дарк кард, ки ин чораҳо маблағгузорони хориҷиро ҳавасманд мегардонад ва ба рушди соҳибкории ватанӣ шароит фароҳам меоваранд.

Дар асоси маълумотҳои ҷадвали боло якчанд тафовутҳои фаъолияти МОИ – ро дар ИМА, Чин, Россия, Ӯзбекистон ва Тоҷикистон ҷудо кардан мумкин аст. Мисол, дар Чин минтақаҳои озоди иқтисодие, ки ба дараҷаи пурра самаранокии фаъолияти худро собит кардаанд, инъикос нагардидааст. Ҳамзамон, дар ИМА ва Россия пояи меъёрию ҳуқуқӣ вуҷуд дорад, ки ҷанбаҳои гуногуни ташкил ва фаъолияти МОИ – ро инъикос мекунад.

Таҷрибаи ИМА қобили таваҷҷӯҳ буда, бунёд ва идоракунии ММИ ҷӣ давлатӣ ва ҷӣ хусусиро истифода кардан мувофиқи мақсад мебошад. Ин модели нисбатан самаранок назар ба бунёди давлатии чунин минтақаҳо мебошад.

Камбудӣ дар модели идоракунӣ дар ММИ – и Россия ба мисли дигар мамлакатҳои хориҷӣ дар он аст, ки ду шохаи идораи чунин минтақаҳо, яъне давлатӣ ва хусусӣ вуҷуд дорад. Ҳамзамон, дар Россия идоракунии федералии чунин минтақаҳо назар ба дигар шаклҳо бештар мебошанд.

Дар робита бо камбудиҳои дар фаъолияти ММИ ҷойдошта, бояд мушкилоти асосиеро, ки ба фаъолияти босамари ин минтақаҳо робита доранд, ҷудо намоем, ки инҳо мебошанд:

- ✓ Набудани сиёсати дурусти идоракунии ММИ дар Россия;
- ✓ Шаффоф набудани механизми мавҷудбудаи бастани созишнома бо сармоягузорони ММИ ва интихоби онҳо;
- ✓ Боздеҳии хуб надоштани маблағҳои давлатии равонакардашуда ба ин минтақаҳо;
- ✓ Ҳиссаи калони маблағгузории давлатӣ нисбат ба хусусӣ ҷиҳати ҷалби ширкатҳои хориҷӣ – резидентҳо;
- ✓ Масоҳати аз ҳад зиёд ҷудошуда барои таъсиси ММИ, ки боиси мушкил гардидани идора ва назорати ҳудуди он мегардад;

✓ Бунёди ММИ дар Россия бе назардошти омилҳои иқтисодию ҷуғрофӣ ва масалаҳои рушди минтақаҳо;

✓ Душвор гардидани истифодаи воситаҳои ММИ - и Россия барои рушди дигар минтақаҳои сусттараққӣ.

Тавсифи мухтасари афзалиятҳои рақобатии МОИ-ро дар ИМА, Чин Россия, Ӯзбекистон ва Тоҷикистон дар ҷадвали 1.11. мавриди таҳлили муқоисавӣ қарор медиҳем.

Ҷадвали 1.11.

**Тавсифи мухтасари афзалиятҳои рақобатии МОИ дар ИМА, Чин Россия, Ӯзбекистон ва Тоҷикистон**

| Мамлакат | Афзалиятҳои рақобатии МОИ |
|---|---|
| ИМА | - мутахассисони баландихтисос;<br>- инфрасохтори рушдёфта;<br>- механизми хоҷагидории босамар;<br>- суботи иқтисодӣ ва сиёсӣ;<br>- доираи васеи тақсимоти ҳудудии МОС дар саросари кишвар;<br>- пешниҳоди интихоби пардохтҳо ҳангоми воридот;<br>- реэкспорт, инчунин бе ситонидани боҷ. |
| Чин | - имтиёзҳои назарраси андозӣ барои резидентҳо;<br>- мавҷудияти қувваи кории зиёди арзон. |
| Россия | - мутахассисони баландихтисос;<br>- нисбатан суботи иқтисодӣ ва сиёсӣ;<br>- номгӯи васеи имтиёзҳои андозӣ ва гумрукӣ, инчунин дигар афзалиятҳо;<br>- дастрасӣ ба захираҳо ва канданиҳои фоиданок. |
| Ӯзбекистон | - суботи сиёсӣ;<br>- доираи васеи тақсимоти ҳудудии МОИ дар саросари кишвар;<br>- имтиёзҳои назарраси иқтисодӣ ва андозӣ барои резидентҳо;<br>- мавҷудияти қувваи кории зиёди арзон. |
| Тоҷикистон | - суботи иқтисодӣ ва сиёсӣ;<br>- доираи васеи тақсимоти ҳудудии МОИ дар саросари кишвар;<br>- имтиёзҳои назарраси иқтисодӣ ва андозӣ барои резидентҳо;<br>- мавҷудияти қувваи кории зиёди арзон. |

***Манбаъ:*** *Аз ҷониби муаллиф дар асоси маълумотҳои таҳқиқшуда тартиб дода шудааст.*

Аз омӯзиш ва таҳлили таҷрибаи ҷаҳонӣ омилҳое, ки ба фаъолияти босамари соҳибкории истеҳсолӣ дар МОИ-и Ҷумҳурии Тоҷикистон таъсир мерасонанд, инҳо дохил мешаванд:

1. Интихоби дурусти бахшҳо ва сармоягузорон:

- ошкор намудани афзалиятҳои рақобатии минтақаҳои махсуси иқтисодӣ;

- баҳисобгирии махсусгардонии минтақаи ҷойгиршаваии МОИ;

- ташкили кластерҳо, ташкили фаъолияти байниҳамдигарии фаъоли резидентҳои минтақа байни худ.

2. Ҳавасмандгардонии молиявии резидентҳо тавассути имтиёзҳои андозӣ ва гумрукӣ ва ғайра.

3. Коҳиш додани монеаҳои маъмурӣ;

4. Дар ҳудуд ва наздикии он мавҷуд будани инфрасохтори инкишофёфтаи нақлиётию логистикӣ (роҳҳои автомобилгард, роҳи оҳан, фурудгоҳҳо, бандарҳо ва ғайра);

5. Дастрасӣ ба объектҳои ғайриманқул, инфрасохтори муҳандисӣ ва замин ҳангоми зарурияти васеъсозии истеҳсолот;

6. Имиҷи ҷалбкунандаи минтақа барои сукунати ҳайати кормандони баландихтисос (сохтмони маҷмааҳои манзилӣ ва инфрасохтори иҷтимоӣ);

7. Модели дуруст ва босамари идораи МОИ, ки аз инҳо ибора мебошад:

- дастгирии давлатии резидентҳо ва сармоягузорон;

- мавҷудияти низоми ҳавасмандгардонии менеҷменти лоиҳа, ки барои рушд ва баланд бардоштани самаранокии МОИ равона карда шудааст;

- низоми дастрас ва шаффофи назорати самараноки фаъолияти МОИ.

Ҳамин тариқ, омӯзиши таҷрибаи ҷаҳонии ташаккул ва рушди МОИ нишон доданд, ки онҳо дар рушди иқтисодиёти ҳар як мамлакат саҳми калон гузошта, дар баланд бардоштани истеҳсолоти ватанӣ, ҷалби сармояи хориҷӣ, ворид намудани техникаву технологияи муосири инноватсионӣ, ташкили ҷойҳои нави корӣ ва некӯаҳволии мардум такони ҷиддӣ медиҳанд.

Аз ин лиҳоз, истифода аз таҷрибаи бойи таъсис ва фаъолияти самараноки МОИ махсусан, кишварҳои ИМА, Чин, Россия ва Ӯзбекистон барои Тоҷикистон мувофиқи мақсад мебошанд.

# БОБИ II. ТАҲЛИЛИ ВАЗЪИ МУОСИРИ СОҲИБКОРИИ ИСТЕҲСОЛӢ ДАР МИНТАҚАҲОИ ОЗОДИ ИҚТИСОДИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

## 2.1. Тавсифи ташаккул ва рушди минтақаҳои озоди иқтисодӣ

Минтақаҳои озоди иқтисодӣ ҳамчун сохтори нав дар механизми хоҷагидории иқтисоди миллӣ бояд ба майдони истифодаи усулҳои муосири хоҷагидорӣ дар самти рушди иқтисоди миллӣ, зинаи муҳими амалисозии принсипҳои иқтисодиёти озод табдил дода шуда, дар рушди истеҳсолоти ватанӣ нақши арзанда доранд. Дар ин росто, ошкор намудани заминаҳои ташкилию иқтисодии ташаккули МОИ дар ҷумҳурӣ ҳамчун пояи асосии рушди минбаъдаи онҳо ба шумор меравад. Бояд таваҷҷӯҳро ба баҳогузории шартҳои ибтидоии рушди МОИ бо мақсади таҳияи стратегияи рафъи монеаҳои мавҷуда дар роҳи фаъолияти муътадили онҳо равона созем.

Ташкили МОИ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон интихоби тасодуфӣ набуда, ин ақида дар асоси як қатор омилҳо ва заминаҳо асос меёбад, ки муҳимтаринашон инҳо ба шумор мераванд: иҷтимоию иқтисодӣ, табиию экологӣ, инфрасохторӣ, таърихӣ, миллию анъанавӣ, ҳуқуқӣ ва ғайраҳо. Шартҳои имтиёзӣ, ки ба соҳибкорони хориҷӣ ва ватанӣ пешниҳод карда мешаванд дар маркази таваҷҷӯҳ ва омӯзиши ҷиддӣ аз ҷониби соҳибкорони хориҷӣ қарор мегиранд ва онҳо хоҳиши ҳамкории иқтисодиро дар доираи МОИ амалӣ месозанд.

Бо мақсади рушди минтақаҳои кишвар, баланд бардоштани иқтидори истеҳсолию содиротии мамлакат ва ҷалби ҳарчи бештари сармояи хориҷӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон 5 МОИ-и зерин: “Суғд”, “Данғара”, “Панҷ”, “Ишкошим” ва “Кӯлоб” таъсис дода шуда, айни замон қисман ба фаъолияти истеҳсолию тиҷоратӣ ва хизматрасонӣ машғул мебошанд.

Ҳадафҳои асосӣ, имтиёзҳо ва афзалиятҳои махсуси МОИ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дар ҷадвали 2.1. оварда шудааст.

Ҷадвали 2.1.

**Ҳадафҳои асосӣ, имтиёзҳо ва афзалиятҳои махсуси минтақаҳои озоди иқтисодӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон**

| Таъриф | Ҳадафҳои асосӣ | Имтиёзҳо ва афзалиятҳои махсуси минтақа |
|---|---|---|
| Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон минтақаи озоди иқтисодӣ – қитъаи алоҳидаи (маҳдуди) қаламрави Ҷумҳурии Тоҷикистон бо ҳудуди аниқ муқарраркардашуда, ки дар он барои фаъолияти соҳибкорӣ ва сармоягузорӣ шароити имтиёзноки иқтисодӣ ва низоми махсуси ҳуқуқӣ муҳайё карда шудааст. | ❖ воридшавии бозорӣ миллӣ ба низоми хоҷагии ҷаҳонӣ ба хотири бархурдорӣ аз афзалиятҳои тақсимоти ҷаҳонии меҳнат;<br>❖ ҷалби сармояи ватанию хориҷӣ барои рушди истеҳсолоти рақобатпазири замонавӣ;<br>❖ таъмини шуғли аҳолӣ бо роҳи афзоиш додани ҷойҳои кории нав;<br>❖ паст кардани сатҳи камбизоатӣ, баланд бардоштани некуаҳволии мардум;<br>❖ тақвият бахшидани суръати рушди иқтисодии минтақаҳои ка-фомонда;<br>❖ тайёр намудани кадрҳои миллии коргарӣ;<br>❖ ғанӣ гардонидани бозори дохилӣ бо молҳои босифати ватанӣ;<br>❖ ворид ва истифода намудани технологияи навтарини хориҷӣ;<br>❖ дастрас намудани усулҳои пешқадами менеҷменти кадрӣ;<br>❖ дастрасшавӣ ба комёбиҳои ил-мию техника ва таҷрибаи марказҳои муҳандисию техникӣ. | Дар ҳудуди минтақаҳои озоди иқтисодӣ фаъолияти соҳибкорӣ, новобаста ба шаклҳои моликият, аз пардохти ҳама гуна андозҳо, ки дар Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон пешбинӣ гардидаанд, ба ғайр аз андози иҷтимоӣ ва андоз аз даромади шахсони воқеӣ озод карда мешавад (андоз аз даромад (аз 8 то 13%) аз музди меҳнати коргарон ситонида мешавад ва андози иҷтимоӣ (25%) аз фонди музди меҳнат пардохт карда мешавад). |

***Манбаъ:*** *Аз ҷониби муаллиф дар асоси маълумотҳои таҳқиқшуда тартиб дода шудааст.*

Дар Тоҷикистон шурӯъ аз соли 2008 барои қабули қарор оид ба бунёди МОИ ҳама шароитҳо фароҳам оварда шуда буд. Баҳогузорӣ ва таҳлили шартҳои ибтидоии рушди МОИ дар кишвар хеле муҳим буда, барои ин зарур мешуморем, ки дар ҷадвали 2.2. бунёди МОИ-ро мухтасар тавсиф намоем.

Ҷадвали 2.2.

**Тавсифи умумии минтақаҳои озоди иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон**

| Номи МОИ | Ҷойгиршавӣ | Санаи таъсисёбӣ (Қарори Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олӣ) | Масоҳати умумӣ, га. | Муҳлати фаъолият, сол | Шакли МОИ | Шумораи субъектҳо (дар соли 2022) | Мизони андозҳои амалкунанда дар МОИ, % |
|---|---|---|---|---|---|---|---|
| **Суғд** | ш. Хуҷанд, минтақаи ҷанубу ғарбии саноатӣ | №1146 аз 29.10.2008 | 320 | 25 | Минтақаи саноатӣ-инноватсионӣ | 30 | Андози иҷтимоӣ (20 %)<br>Андоз аз даромад (13%) |
| **Панҷ** | в. Хатлон, н. Ҷайҳун, минтақаи Қарадум | №1147 аз 29.10.2008 | 401,6 | 25 | Минтақаи комплексӣ | 11 | Андози иҷтимоӣ (20 %)<br>Андоз аз даромад (13%) |
| **Данғара** | в. Хатлон, н. Данғара | №1545 аз 20.01.2010 | 521,3 | 25 | Минтақаи истеҳсолӣ-инноватсионӣ | 25 | Андози иҷтимоӣ (20 %)<br>Андоз аз даромад (13%) |
| **Ишкошим** | ВМКБ, н. Ишкошим | №1545 аз 20.01.2010 | 200 | 25 | Минтақаи истеҳсолӣ-тиҷоратӣ | 5 | Андози иҷтимоӣ (20 %)<br>Андоз аз даромад (13%) |
| **Кӯлоб** | в. Хатлон, ш. Кӯлоб | № 97 аз 1.03.2019 | 309 | 25 | Минтақаи саноатӣ-инноватсионӣ | 2 | Андози иҷтимоӣ (20 %)<br>Андоз аз даромад (13%) |

***Манбаъ:*** *Аз ҷониби муаллиф дар асоси маълумотҳои таҳқиқишуда тартиб дода шудааст*

Аз маълумотҳои ҷадвали 2.2. маълум мегардад, ки панҷ МОИ-и кишвар фаъолияти худро дар шароитҳои якхела оғоз намудаанд. Тафовут фақат дар оғози фаъолият, масоҳат ва шакли фаъолияти онҳо дида мешавад. Аммо, МОИ-и дар ҷумҳурӣ амалкунанда бо суръатҳои гуногун рушд кардаанд. Бояд тазаккур дод, ки бо назардошти як қатор камбудиҳо фаъолияти МОИ аз нуқтаи назари стандартҳои байналхалқӣ самаранок ҳисобида намешаванд. Дар аксари ҳолатҳо дараҷаи рушди инфрасохтори маҳал, ки МОИ дар он ҷо ҷойгир шудаанд, ба фаъолияти онҳо таъсир мерасонад.Таъминоти инфрасохтори маҳалли ҷойгиршавии МОИ дар Тоҷикистонро таҳлил намуда, ошкор кардан мумкин аст, ки онҳо аз якдигар тафовути ҷиддӣ доранд, ки дар ҷадвали 2.3. оварда шудааст.

Ҷадвали 2.3.

**Тафовут дар шартҳои ибтидоии рушди минтақаҳои озоди иқтисодӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон**

| МОИ | Дур будан аз, км | | Релеф | Вазъи шохроҳҳо |
|---|---|---|---|---|
| | Маркази вилоят | Роҳи оҳан | | |
| Суғд | - | 11 | ҳамворӣ | қаноатбахш |
| Панҷ | 85 | 62 | доманакӯҳӣ | ғайриқаноатбахш |
| Данғара | 80 | 120 | ҳамворӣ | хуб |
| Ишкошим | 105 | 710 | кӯҳӣ | ғайриқаноатбахш |
| Кӯлоб | 155 | 132 | ҳамворӣ | қаноатбахш |

***Манбаъ:*** *Аз ҷониби муаллиф дар асоси маълумотҳои таҳқиқшуда тартиб дода шудааст.*

*Минтақаи озоди иқтисодии “Суғд”* бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 2 майи соли 2008 № 227 “Дар бораи таъсиси МОИ-и “Панҷи поён” ва “Суғд” бунёд гардидааст. Минтақаи мазкур ба муҳлати 25 сол дар мавзеи саноатии ҷанубу ғарбии шаҳри Хуҷанди вилояти Суғди Ҷумҳурии Тоҷикистон воқеъ буда, дар масоҳати 320 гектар қитъаи замин таъсис дода шудааст.[84] Тахассуси фаъолияти минтақа саноатию бисёрсоҳа буда, расман

[84] Низомномаи минтақаи озоди иқтисодии “Суғд” бо Қарори Ммаҷлиси Намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз «29» октябри соли 2008 №1146 тасдиқ шудааст. [Захираи электронӣ] http://fezsughd.tj.

дар шакли истеҳсолию инноватсионӣ сурат гирифтааст, бинобар ин минтақаи озоди иқтисодии шакли истеҳсолию инноватсионии “Суғд” номида мешавад. Мавзеи ҷуғрофии МОИ-и “Суғд” барои фаъолияти босамари ин минтақа мусоид мебошад.

Минтақаии озоди иқтисодии “Суғд” ҳудуди алоҳидаи Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошад, ки дар ҳудуди он низоми махсуси гумрукию андозӣ, низоми соддагардонидашудаи бақайдгирии субъектҳои МОИ - и “Суғд” ва ҳамчунин тартиби даромад ва баромади резиденту ғайрирезидентҳои он амалӣ мешавад.

Ҳадафи асосии МОИ-и “Суғд” ин фароҳам овардани шароит барои ҷалб намудани сармоягузориҳои дохилию хориҷӣ, воридоти техника ва технологияи пешқадами истеҳсолии инноватсионӣ, тараққиёти илму техника ва инноватсия, истифодаи самараноки захираҳои моддӣ, зеҳнӣ, баланд бардоштани иқтидори содиротӣ, ҷорӣ намудани истеҳсоли маҳсулоти ивазкунандаи воридотӣ, таъмини коркарди бештари ашъёи хоми маҳаллӣ, рушди инфрасохтори саноатӣ ва коммуникатсионӣ, ташкили ҷойҳои нави корӣ, таъмини пурсамари шуғли аҳолӣ ва ғайра мебошад.

Мақоми идоракунандаи МОИ-и “Суғд” маъмурияти он мебошад, ки вазифаи идоракуниро дар асоси Низомномаи МОИ-и “Суғд” ва Оинномаи Муассисаи давлатии Ҷумҳуриявии Маъмурияти МОИ-и “Суғд” (минбаъд “Муассиса” номбар мешавад) иҷро менамояд.

Айни замон дар МОИ-и “Суғд” 30 субъект ба қайд гирифта шуда, аз онҳо 25 субъекти ватанӣ ва 5 субъекти муштарак (ба монанди корхонаҳои Тоҷикистон - Лаҳистон, Тоҷикистон - Туркия) мебошанд[85].

[85] Вазъи иҷтимоию иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон январ - декабри соли 2022 // Ҳисоботи оморӣ. Душанбе, АОнПҶТ, 2023. – С.46.

Ҷадвали 2.4.

**Шумораи субъектҳои минтақаи озоди иқтисодии “Суғд” дар соли 2022**

| Субъектҳое, ки ба истеҳсолот машғуланд | Субъектҳое, ки барои истеҳсолот омодагӣ дида истодаанд | Субъектҳои ватанӣ | Субъектҳои муштарак | **Ҳамагӣ** |
|---|---|---|---|---|
| 15 | 15 | 25 | 5 | **30** |

***Манбаъ:*** *Аз ҷониби муаллиф дар асоси маълумотҳои таҳқиқшуда тартиб дода шудааст.*

Яке аз ҳадафҳои асосии таъсиси МОИ дар кишвар ин ташкили ҷойҳои нави корӣ ба аҳолӣ ба шумор меравад. Айни замон, дар МОИ-и кишвар ҳамагӣ 1091 нафар корманд кору фаъолият мекунанд, ки аз ин шумора 668 нафари онҳо ба МОИ “Суғд” рост меояд, ки 61,2 % - ро ташкил медиҳад, ки дар ҷадвали 2.5. оварда шудааст.

Ҷадвали 2.5.

**Таъсиси ҷойҳои корӣ дар МОИ - и “Суғд” дар солҳои 2018 - 2022 (нафар)**

| **Солҳо** | **2018** | **2019** | **2020** | **2021** | **2022** |
|---|---|---|---|---|---|
| Таъсиси ҷойҳои корӣ | 383 | 400 | 519 | 599 | 668 |

***Манбаъ:*** *Аз ҷониби муаллиф дар асоси маълумотҳои таҳқиқшуда тартиб дода шудааст.*

Аз ҷадвали 2.5. маълум мегардад, ки таъсиси ҷойҳои корӣ дар минтақаи мазкур дар соли 2018-ум 383 нафарро ташкил дода бошад, дар соли 2022 ба 668 нафар расида, афзоиш 174,4%-ро ташкил дод. Бо вуҷуди зиёд гардидани ҷойҳои корӣ ин нишондиҳанда ҳанӯз ҳам қаноатмандкунанда набуда, минтақаи мазкур ҳадафи худро нисбат ба таъсиси ҷойҳои нави корӣ самаранок анҷом дода натавониста истодааст.

Бояд қайд кард, ки танҳо дар сурати ҷалби сармояи дохилию хориҷӣ, ташкили корхонаҳо, ба роҳ мондани истеҳсолот ва фурӯши маҳсулот метавон шумораи ҷойҳои кории навро дар ин минтақа зиёд намуд.

*Таъсисдиҳии минтақаи озоди иқтисодии “Панҷ”* бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 2 майи соли 2008 № 227 “Дар бораи таъсиси минтақаҳои озоди иқтисодии “Панҷи поён” ва “Суғд” асос ёфта, он ба

муҳлати 25 сол дар мавзеи Қарадуми ноҳияи Ҷайҳун (собиқ Қумсангир) – и вилояти Хатлони Ҷумҳурии Тоҷикистон бо масоҳати умумии 400 гектар қитъаи замин бунёд гардидааст. Тахассуси фаъолияти минтақа дар шакли комплексӣ мебошад[86].

МОИ "Панҷ" дар қисми ҷанубии ноҳияи Ҷайҳун дар масофаи 24 км аз маркази ноҳия, 85 км аз маркази вилоят - шаҳри Бохтар ва дар масофаи 184 км аз шаҳри Душанбе воқеъ гардидааст.

Азбаски минтақа бо шоҳроҳҳо пайваст мебошад, мавзеи интихобшуда дар ноҳияи Ҷайҳуни вилояти Хатлон барои таъсис додани минтақаи озоди шакли комплексӣ, аз ҷумла, тиҷоратӣ, рушди саноати сабук (коркард ва истеҳсоли маҳсулот аз ашёи хоми маҳаллӣ мисли пахта, чарм ва ғайра) мувофиқи мақсад мебошад.

Мақсади асосии ташкили МОИ "Панҷ" инҳо мебошанд[87]:

✓ ҳавасмандгардонии рушди иқтидори иқтисодии вилоят, аз ҷумла ҷалб намудани сармояи ватанию хориҷӣ, ҷорӣ намудани усулҳои пешқадами идоракунӣ ва менеҷмент;

✓ ҳамроҳгардонии иқтисодиёти минтақа ва кишвар дар тақсимоти байналмилалии меҳнат, равнақ додани ҳамкориҳои тиҷоратию иқтисодӣ бо кишварҳои хориҷӣ, афзун намудани иқтидори содиротии ҷумҳурӣ;

✓ рушди шаҳрсозӣ дар минтақаҳои атрофи МОИ "Панҷ", ташкил намудани инфрасохтори муосири муҳандисию нақлиётӣ, телекоммуникатсионӣ, истеҳсолӣ ва иҷтимоӣ;

✓ ташкили шабакаи истеҳсолоти аз ҷиҳати экологӣ тоза, истеҳсолоти молу маҳсулоти рақобатпазири содиротӣ;

✓ бо кор таъмин намудани аҳолии минтақа ва ҷумҳурӣ, ташкили ҷойҳои иловагии кор, баланд бардоштани сатҳи зиндагии аҳолӣ, афзун намудани афзоиши даромади коргароне, ки дар МОИ "Панҷ" кор мекунанд ва ҳалли

---

[86] Низомномаи минтақаи озоди иқтисодии "Панҷ", Қарори Маҷлиси Намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, 29 октябри соли 2008 № 1147.
[87] Низомномаи минтақаи озоди иқтисодии "Панҷ", Қарори Маҷлиси Намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, 29 октябри соли 2008 № 1147.

дигар масъалаҳои иҷтимоию иқтисодии минтақа.

Мувофиқи низомномаи МОИ “Панҷ” вазифаҳои асосии он муайян гардидааст, ки аз инҳо иборат мебошанд: [88]

- рушди иқтидори иқтисодии минтақа дар асоси ҳамгироии сармоягузориҳои хориҷӣ ва ватанӣ;
- ҷалб намудани сармояи хориҷӣ, техника ва технологияҳои муосир, таҷрибаи хориҷии идоракунӣ ва усулҳои нави хоҷагидорӣ;
- ҷорӣ намудани навоварӣ ва ихтирооти илмию техникии ватанӣ ва хориҷӣ дар истеҳсолот, бо истифодаи минбаъдаи онҳо дар минтақаҳои дигари кишвар;
- таъмини устувории иҷтимоию иқтисодии минтақа;
- кам намудани хароҷоти истеҳсолот, истифодаи пурраи захираҳои озоди меҳнатӣ, табиӣ ва дигар захираҳои маҳаллии истеҳсоли молу маҳсулот барои содирот ва таъмини бозори дохилӣ;
- бунёд ва ободонии ҳудуди МОИ “Панҷ”, ҳифз ва ҳимояи муҳити зист;
- дар ҳудуди МОИ ташкил намудани инфрасохтори истеҳсолӣ дар сатҳи меъёрҳои байналмилалӣ (алоқа, нақлиёт, коммуникатсия ва ғайра).

Мувофиқи маълумотҳои оморӣ то соли 2022 дар МОИ “Панҷ” 11 субъект ба қайд гирифта шудааст, ки аз онҳо 4-субъекти ватанӣ, 3-субъекти хориҷӣ ва 4-субъекти муштарак мебошад. Аз шумораи умумии субъектҳо дар соли 2022 се корхонаи саноатӣ фаъолият намудаанд.

Дар соли 2022 истеҳсоли маҳсулоти саноатӣ ба маблағи 4679,7 ҳазор сомониро ташкил додааст. Аз ҷумла, ҶДММ “Технологияҳои офтобӣ” – 492,3 ҳазор сомонӣ, ҶДММ “Тоҷикистон Тахор пластик” – 182,9 ҳазор сомонӣ ва ҶСП “Фон дарё” – 4004,5 ҳазор сомонӣ маҳсулот истеҳсол намудаанд[89]. Дар соли 2022 корҳои сохтмонӣ дар минтақаи мазкур ба маблағи 1500,0 ҳазор сомонӣ иҷро гардидааст.

---

[88] Низомномаи минтақаи озоди иқтисодии “Панҷ”, Қарори Маҷлиси Намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, 29 октябри соли 2008 № 1147.

[89] Вазъи иҷтимоию иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон январ - декабри соли 2022 // Ҳисоботи оморӣ. Душанбе, АОнПҶТ, 2023. – С.46.

Бояд қайд карад, ки дар соли 2022 дар МОИ “Панҷ” шумораи умумии кормандони он 52 нафарро ташкил намуд, ки назар ба МОИ “Суғд” ва “Данғара” ин нишондиҳанда хеле кам мебошад.

*Минтақаи озоди иқтисодии “Данғара”* дар ҳудуди ноҳияи Данғараи вилояти Хатлони Ҷумҳурии Тоҷикистон бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар асоси Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи минтақаҳои озоди иқтисодӣ” №700 аз 25 марти соли 2011 бо қарори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон №1545 аз 20.01.2010 “Дар бораи таъсиси минтақаҳои озоди иқтисодии “Ишкошим” ва “Данғара” ташкил ёфтааст. МОИ дар ноҳияи Данғара ба муҳлати 25 сол дар масоҳати 521,32 гектар таъсис дода шудааст. Мавқеи ҷуғрофии МОИ “Данғара’’ дар қисми ҷанубии ҳудуди маъмурии шаҳраки Данғара воқеъ буда, дар масофаи 120 км аз шаҳри Душанбе ва 80 км аз маркази вилоят - шаҳри Бохтар ҷойгир мебошад[90].

Шоҳроҳи Душанбе - Кӯлоб аз ҳудуди ноҳияи Данғара гузашта, ба воситаи роҳи Дарвоз - Хоруғ - Ишкошим - Мурғоб тавассути гузаргоҳи Қулма - Қароқурум ба Ҷумҳурии Мардумии Чин мебарояд. Шоҳроҳи Кӯлоб - Данғара – Бохтар - Панҷи Поён тавассути пули Панҷи Поён минтақаро ба Ҷумҳурии Исломии Афғонистон мепайвандад. Роҳи оҳани Кӯлоб - Бохтар - Термиз минтақаро бо кишварҳои Осиёи Марказӣ ва Аврупо мепайвандад.

Дар ноҳияи Данғара фурудгоҳи ҳавоӣ, инчунин роҳи автомобилгард, хати барқ, майдони ҳавоӣ, чун инфрасохтор хизмат мекунад. Масофаи роҳ аз мавзеи МОИ то фурудгоҳ ва роҳи оҳан мутобиқи стандарти роҳҳои байналмилалӣ бояд васеъ ва тармим карда шавад.

Мақсади асосии таъсиси МОИ “Данғара” ин таъмини иштироки самараноки иқтисодиёти минтақа ва кишвар дар тақсимоти байналмилалии меҳнат, тараққӣ додани ҳамкориҳои тиҷоратию иқтисодӣ бо кишварҳои хориҷӣ, афзун намудани иқтидори содиротии ҷумҳурӣ, таъмин намудани аҳолии минтақа ва ҷумҳурӣ бо кор, ташкили ҷойҳои иловагии корӣ, баланд

---

90 Низомномаи минтақаи озоди иқтисодии “Данғара”., бо Қарори Маҷлиси Намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумхурии Тоҷикистон аз 20.01.2010 с. №1545 тасдиқ шудааст. [Захираи электронӣ:] http://fezdangara.tj.

бардоштани сатҳи зиндагии аҳолӣ ва ҳалли дигар масъалаҳои иҷтимоию иқтисодии минтақа мебошад.[91]

Дар МОИ “Данғара” 25 субъект ба қайд гирифта шудааст, (9 субъекти ватанӣ ва 16 субъекти хориҷӣ), ки аз онҳо 22 субъектро корхонаҳои саноатӣ – истеҳсолӣ ва ва 3 субъектро корхонаҳои соҳаи хизматрасонӣ ташкил медиҳад.

Яке аз вазифаҳои асосии МОИ-и “Данғара” ин ташкили ҷойҳои нави корӣ барои аҳолии минтақа ба ҳисоб меравад. Дар соли 2022 шумораи умумии кормандон дар минтақаи озоди иқтисодии мазкур 350 нафарро ташкил додааст.

Ҷадвали 2.6.

**Таъсиси ҷойҳои корӣ дар МОИ - и “Данғара” дар солҳои 2018 - 2022 (нафар)**

| **Солҳо** | **2018** | **2019** | **2020** | **2021** | **2022** |
|---|---|---|---|---|---|
| Таъсиси ҷойҳои корӣ | 500 | 450 | 456 | 407 | 350 |

***Манбаъ:** Аз ҷониби муаллиф дар асоси маълумотҳои таҳқиқшуда тартиб дода шудааст.*

Аз ҷадвали 2.6. маълум мегардад, ки таъсиси ҷойҳои корӣ дар минтақаи мазкур дар соли 2018 агар 500 нафарро ташкил дода бошад, дар соли 2022 ин нишондиҳанда ба 350 нафар расидааст. Яъне, шумораи таъсиси ҷойҳои корӣ назар ба солҳои қаблӣ камтар мебошад. Сабаби асосии он ба фаъолияти истеҳсолӣ оғоз накардани баъзе аз субъектҳои минтақа ва дигар омилҳо ба шумор меравад. Бояд қайд кард, ки танҳо дар сурати ба истеҳсолот оғоз кардани ширкату корхонаҳои минтақаи мазкур шумораи кормандони он зиёд мегардад.

Дар соли 2022 дар минтақаи мазкур корҳои сохтмонӣ ба маблағи 19520,5 ҳазор сомонӣ иҷро гардидааст, ки аз ҳисоби ҶДММ “Ганҷ технolожӣ”, ба маблағи 1450,0 ҳазор сомонӣ, ҶДММ “Технополоиш” 8121,0 ҳазор сомонӣ ва

[91] Низомномаи минтақаи озоди иқтисодии “Данғара”., бо Қарори Маҷлиси Намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 20.01.2010 с. №1545 тасдиқ шудааст. [Захираи электронӣ:] http://fezdangara.tj.

ҶДММ “ТК Ойл” ба маблағи 9949, 5 ҳазор сомонӣ ба қайд гирифта шудааст[92].

Ҳамин тариқ, аз рӯи бисёр нишондиҳандаҳо МОИ-и “Данғара” минтақаи нисбатан ояндадор ба ҳисоб рафта, он бояд муътадил рушд намуда, амалисозии як қатор чорабиниҳои муайян амалӣ карда шавад.

*Минтақаи озоди иқтисодии “Ишкошим”* дар асоси Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи минтақаҳои озоди иқтисодӣ” №700 аз 25 марти соли 2011 бо қарори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон №1545 аз соли 2010 ҳамчун қитъаи алоҳидаи (маҳдуди) Ҷумҳурии Тоҷикистон бо ҳудуди аниқ муқаррааргардида таъсис ёфта, дар он барои фаъолияти соҳибкорӣ ва сармоягузорӣ шароити имтиёзноки иқтисодӣ ва низоми махсуси иқтисодӣ муҳайё карда шудааст[93].

Намуди МОИ “Ишкошим” - истеҳсолию тиҷоратӣ буда, ба муҳлати 25 сол ташкил шудааст. Низомномаи МОИ - и “Ишкошим” бо қарори Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон №2010 ва №1545 аз 20.01.2010 тасдиқ гардиданд.

МОИ “Ишкошим” дар чорраҳаи се давлат Чин (Қошғар) – Тоҷикистон (Ишкошим) – Афғонистон (Файзобод) – Қирғизистон (Ош) мавқеъ гирифта, дар оянда барои соҳаи соҳибкории ин давлатҳо метавонад ҳамчун маркази ҳамоҳангсоз хизмат намояд. Аз ҳамкорӣ бо МОИ “Ишкошим” соҳибкорони ҳар ду соҳили дарёи Панҷ – Бадахшони Тоҷикистону Афғонистон манфиат хоҳанд гирифт.

Ноҳияи Ишкошим яке аз ноҳияҳои кӯҳистон ва дурдасттарини ВМКБ ба ҳисоб рафта, бо хусусиятҳои хоси худ аз дигар минтақаҳои кишвар ба куллӣ фарқ мекунад. Ноҳия яке аз минтақаҳои зеботарини Тоҷикистон маҳсуб ёфта, бо табиати асрорангез, чашмаҳои гарму шифобахш дар ҷумҳурӣ машҳур гардидааст.

---

[92] Вазъи иҷтимоию иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон январ - декабри соли 2022 // Ҳисоботи оморӣ. Душанбе, АОнПҶТ, 2023. – С.46.
[93] Низомномаҳои минтақаҳои озоди иқтисодии “Ишкошим” ва “Данғара” бо Қарорҳои Маҷлиси Намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон №2010 ва №1545 аз 20.01.2010. [Захираи электронӣ:] http://fezdangara.tj.

Мавҷуд будани бузургтарин чашмаҳои гарм ва минералӣ аз қабилӣ: Гармчашма, Биби Фотимаи Зӯҳро, Сист, Баршор, Авҷ, Удит, Даршай, Ямчун, Вранг, Ширгин, Зонг ва ғайра диққати бештари сайёҳонро ба худ ҷалб намуда, барои рушди соҳаи сайёҳӣ дар минтақа заминаи воқеӣ мегузорад.

Инчунин, дар ҳудуди ноҳия конҳои сангҳои қиматбаҳо (яке аз машҳуртарин кони "Куҳи Лаъл", ки дар он санги киматбаҳои "Лаъл" истихроҷ мешавад) ҷойгир аст. Инчунин, дар ин минтақа сангҳои ороишию сохтмонӣ, захираи зиёди санги мармар мавҷуд мебошад, ки барои ҷалби сармояи дохилию хориҷӣ ва дар ин замина ташкил намудани ҷойҳои нави корӣ мусоидат менамояд.

Мувофиқи маълумотҳои оморӣ то соли 2022 дар МОИ "Ишкошим" ҳамагӣ 5 субъект ба қайд гирифта шуда, 14 нафар кормандон ба ҷойи кор таъмин гардидаанд[94].

Ҳаҷми сармоягузории мустақим дар минтақаи мазкур дар соли 2018 ба 205 ҳаз. сомонӣ ва дар соли 2019 бошад 3,7 млн. сомониро ташкил намуд, ки назар ба МОИ дигар хеле кам мебошад. Сабаби асосии кам ҷудо гаштани сармоягузориҳоро дар минтақаи номбурда дар инфрасохтори рушднаёфта ва иқлими номусоид назар ба дигар минтақаҳо шарҳ додан мумкин аст. Дар соли 2022 корҳои сохтмонӣ ба маблағи 1441,0 ҳаз. сомонӣ амалӣ шудааст[95].

МОИ метавонад ба истеҳсоли доруҳо дар асоси коркарди растаниҳои шифобахши нодири баландкӯҳҳо махсус гардонида шавад. Инчунин, истеҳсоли обҳои маъданиро, ки дар ноҳияи Ишкошим бештар ба назар мерасад, ба роҳ мондан мувофиқи мақсад аст.

Ба ақидаи мо аз рӯи натиҷаи таҳлили фаъолияти МОИ-и "Ишкошим" ба хулоса омадан мумкин аст, ки минтақаи мазкур нисбат ба дигар минтақаҳо сусттараққӣ буда, рушд накардани инфрасохтор, мавҷуд набудани роҳи оҳан ва минтақаи кӯҳсор будани ноҳияи Ишкошим мебошад. Аз ин рӯ, фаъолияти

---

[94] http://fez.tj/tj/newstaj/194-faoliyati-mintaaoi-ozodi-itisodii-umurii-toikiston.html.

[95] Вазъи иҷтимоию иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон январ - декабри соли 2022 // Ҳисоботи оморӣ. Душанбе, АОнПҶТ, 2023. – С.47.

минбаъдаи минтақаи мазкур аз рӯи бисёр нишондиҳандаҳо чандон назаррас нест.

*Минтақаи озоди иқтисодии “Кӯлоб”* тибқи қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 1-уми марти соли 2019, №97 дар майдони 309,2 га. ба муҳлати 25 сол самти фаъолияташ истеҳсолию инноватсионӣ таъсис дода шуд[96].

Мақсади асосии таъсиси минтақаи озоди иқтисодии “Кӯлоб” ин ҳавасмандгардонии рушди иқтидори иқтисодии минтақаи мазкур, аз ҷумла бо роҳи ҷалби сармоягузории ватанию хориҷӣ, ҷорӣ намудани усулҳои муосири идоракунӣ ва менеҷмент, таъмини иштироки самараноки иқтисодиёти минтақа ва кишвар дар тақсимоти байналмилалии меҳнат, тараққӣ додани ҳамкориҳои тиҷоратию иқтисодӣ бо кишварҳои хориҷӣ, афзун намудани иқтидори содиротии ҷумҳурӣ, таъмин намудани аҳолии минтақа ва ҷумҳурӣ бо кор, ҷалби сармоягузориҳои хориҷӣ ва дохилӣ, техника ва технологияҳои муосир, ҷорӣ намудани таҷрибаи хориҷии идоракунӣ ва усулҳои нави хоҷагидорӣ ва бунёд ва ободонии ҳудуди МОИ “Кулоб”, ҳифз ва ҳимояи муҳити зист мебошад[97].

Бояд қайд кард, ки то соли 2022 дар минтақаи мазкур ду корхонаи саноатӣ ҶДММ “Тоҷик Алмос” ва ҶДММ “Кӯлоб Агросаноат” ба қайд гирифта шуда, корҳои сохтмонӣ ба маблағи 12460,0 ҳаз. сомонӣ амалӣ шуда, ҳаҷми истеҳсоли маҳсулоти саноатӣ 29,5 ҳаз. сомониро ташкил дод[98].

Натиҷаи таҳлили фаъолияти соҳибкории истеҳсолиро дар МОИ-и Ҷумҳурии Тоҷикистон натиҷагирӣ карда, фаъолияти минтақаҳои “Суғд” ва “Данғара” нисбатан қаноаткунанда буда, дигар минтақаҳо ғайриқаноатбахш мебошанд.

---

[96]https://kulob.tj.

[97] https://fezkulob.tj/moi-kulob-mavei-ojgirshavii-tiorati-shumo.html.

[98] Вазъи иҷтимоию иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон январ - декабри соли 2022 // Ҳисоботи оморӣ. Душанбе, АОнПҶТ, 2023. – С.47.

## 2.2. Таҳлили вазъи фаъолияти соҳибкории истеҳсолӣ дар минтақаҳои озоди иқтисодӣ

Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон саноатикунонии босуръатро ҳамчун ҳадафи чоруми стратегии кишвар эълон намуда, барои таъмин намудани устувории иқтисодиёти миллӣ, ташкили ҷойҳои нави корӣ, баланд бардоштани иқтидори содиротии мамлакат ва рақобатпазирии маҳсулоти ватанӣ пайваста кӯшишҳо ба харҷ дода истодааст.

Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар Паёми худ ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон дастовардҳои асосии иҷтимоию иқтисодии мамлакатро таҳлилу баррасӣ намуда, қайд намуданд: “Тадбирҳои дар самти рушди саноат ва афзоиши ҳаҷми истеҳсоли маҳсулоти соҳа андешидашуда имкон фароҳам оварданд, ки дар панҷ соли охир афзоиши номгӯйи маҳсулоти саноатии истеҳсоли ватанӣ ба зиёда аз 40% расонида шавад. Дар ин давра 1382 коргоҳу корхонаи саноатӣ бо таъсиси 15 ҳазор ҷойи кории нав сохта, мавриди истифода қарор дода шуд”[99].

Бояд қайд кард, ки солҳои охир як қатор корхонаҳои саноатии пуриқтидор ба фаъолият оғоз намуданд, ки дар раванди саноаткунонии босуръати кишварамон саҳми арзандаи худро гузошта истодаанд.

Дар шароити муосир самти афзалиятноки ислоҳоти сохтории иқтисодиёт ва пешбурди сиёсати иҷтимоию иқтисодӣ, пеш аз ҳама, таъмини шароити мусоид барои рушди устувори иқтисодиёт соҳаи саноат ба ҳисоб меравад. Сохтори саноати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз саноати маъданҳои кӯҳӣ ва металлҳои қиматбаҳо, хӯрокворӣ, масолеҳи сохтмон, истихроҷи ангишт, санотаи сабук ва саноати мошинсозӣ, кокарди металл ва кимиё иборат аст, ки дар расми 2.1. оварда шудааст.

[99] Эмомалӣ Раҳмон. Паёми Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба Маҷлиси Олӣ «Дар бораи самтҳои асосии сиёсати дохилӣ ва хориҷии ҷумҳурӣ» ш. Душанбе 2022.

1. Саноати маъданҳои кӯҳӣ ва металлҳои қиматбаҳо;
2. Саноати хӯрокворӣ;
3. Саноати масолеҳи сохтмон;
4. Саноати истихроҷи ангишт;
5. Саноати сабук;
6. Саноати мошинсозӣ, коркарди металл ва кимиё.

Расми 2.1. Сохтори саноати Ҷумҳурии Тоҷикистон

***Манбаъ:*** *Аз ҷониби муаллиф дар асоси маълумотҳои таҳқиқшуда тартиб дода шудааст.*

Истеҳсолоти саноатӣ раванди мураккаби технологие мебошад, ки аз зерсохторҳои истеҳсолӣ-технологӣ, ки тавассути дастгоҳҳои махсуси саноатӣ ба истеҳсоли деталҳо, қисмҳо ва ашёи хоми нимтайёр ва инчунин ба васлкунӣ ва фурӯши минбаъдаи маҳсулоти тайёри қонеъкунандаи талаботи бозори истеъмолӣ машғуланд, иборат аст.

Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон соҳаҳои истихроҷи маъдан, истеҳсоли маҳсулоти хӯрокворӣ, насоҷӣ ва дузандагӣ, тақсими неруи барқ, газ ва об рӯ ба афзоиш ёфта истодааст, ки дар ҷадвали 2.7. нишон дода шудааст.

Ҷадвали 2.7.

**Шумораи корхонаҳои саноатӣ аз рӯи намудҳои асосии фаъолияти иқтисодии соҳаҳои саноат, (адад)**

| **Нишондиҳандаҳо** | **Солҳо** | | | | | **2022 нисбат ба 2018, %** |
|---|---|---|---|---|---|---|
| | **2018** | **2019** | **2020** | **2021** | **2022** | |
| Саноат, ҳамагӣ<br>аз он ҷумла: | 2161 | 2164 | 2283 | 2397 | 2795 | 129 |
| Саноати истихроҷи маъдан | 249 | 250 | 264 | 291 | 307 | 123 |
| Саноати коркард<br>аз ҷумла: | 1806 | 1746 | 1846 | 1927 | 2323 | 128 |
| - истеҳсоли маҳсулоти хурокворӣ | 468 | 462 | 501 | 515 | 523 | 111 |
| истеҳсоли насоҷӣ ва дузандагӣ | 390 | 368 | 397 | 414 | 428 | 109 |
| Истеҳсолу тақсими неруи барқ, газ ва об | 106 | 168 | 173 | 179 | 165 | 155 |

***Сарчашма:*** *аз тарафи муаллиф дар асоси таҳлили маълумотҳои Омори солонаи Ҷумҳурии Тоҷикистон. - Душанбе: АОнПҶТ, 2022.- С. 252-255 ҳисоб карда шудааст.*

Таҳлили нишондиҳандаҳои омории ҷадвали 2.7. нишон медиҳад, ки соҳаи саноат ба як чанд гурӯҳҳо тақсим мешавад. Соли 2022 шумораи корхонаҳои саноатӣ 2795 ададро ташкил дод, ки ин нишондиҳанда нисбат ба соли 2018-ум 129% зиёд мебошад.

Шумораи корхонаҳои саноати истихроҷи маъдан дар соли 2022-юм 307 ададро ташкил намудааст, ки назар ба соли 2018-ум 123% афзоиш ёфтааст. Шумораи корхонаҳои саноати коркард дар соли 2022-ум 2323 ададро ташкил дода, назар ба соли 2018-ум 128% зиёд гардидааст.

Теъдоди корхонаҳои истеҳсоли маҳсулоти хурокворӣ дар соли 2022-ум 523 ададро ташкил намуда, назар ба соли 2018-ум 111% афзоиш ёфтааст. Истеҳсоли насоҷӣ ва дузандагӣ дар соли 2022-ум 428 ададро ташкил намуда, назар ба соли 2018-ум 109% зиёд мебошад. Истеҳсолу тақсими неруи барқ, газ ва об бошад дар соли 2022-ум 165 ададро ташкил дод, ки назар ба соли 2018-ум 155% афзоиш ёфтааст.

Дар соли 2022 шумораи коргоҳу корхонаҳои истеҳсолӣ ба 2795 адад расида, аз ҷумла дар соҳаҳои истихроҷ 307 адад, коркард 2323 адад, таъминоти нерӯи барқ, газ, буғ ва тозакунии ҳаво 71 адад ва таъминоти об ва коркарди партовҳо 94 адад фаъолият намуданд[100].

Дар соли 2022 шумораи умумии коргоҳу корхонаҳои истеҳсолии фаъолияткунанда дар минтақаҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон 859 адад ба вилояти Суғд, 719 ба вилояти Хатлон, 599 адад ба шаҳри Душанбе, 533 адад ба НТҶ ва 85 адад ба ВМКБ рост меоянд.

Шумораи умумии коргоҳу корхонаҳои истеҳсолӣ дар минтақаҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соли 2022 дар расми 2.2. оварда шудааст.

---

[100] Вазъи иҷтимоию иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон январ-декабри 2022.Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон. Душанбе 2023, С.- 21.




Расми 2.2. Шумораи умумии коргоҳу корхонаҳои истеҳсолӣ дар минтақаҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соли 2022 (адад)

***Сарчашма:*** *аз тарафи муаллиф дар асоси маълумотҳои Вазъи иҷтимоию иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон январ - декабри соли 2022//Ҳисоботи оморӣ. Душанбе, АОнПҶТ, 2023. – С.21 ҳисоб карда шудааст.*

Дар сохтори ҳаҷми истеҳсоли маҳсулоти саноати ҷумҳурӣ ҳиссаи ҳаҷми истеҳсоли маҳсулоти саноатии вилояти Суғд 56,9%, Хатлон 25,0%. ш. Душанбе 8,2%, НТҶ 9,5% ва ВМКБ 0,4%-ро ташкил медиҳанд, ки дар расми 2.3. оварда шудааст.




Расми 2.3. Вазни қиёсии минтақаҳо дар ҳаҷми умумии истеҳсоли маҳсулоти саноатӣ дар соли 2022 (бо %)

***Сарчашма:*** *аз тарафи муаллиф дар асоси маълумотҳои Вазъи иҷтимоию иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон январ - декабри соли 2022//Ҳисоботи оморӣ. Душанбе, АОнПҶТ, 2023. – С.20 ҳисоб карда шудааст.*

Истеҳсоли маҳсулоти саноатӣ ба ҳисоби миёна ба ҳар сари аҳолӣ дар сатҳи ҷумҳурӣ 4472,62 сомониро ташкил медиҳад. Таҳлили истеҳсоли

маҳсулоти саноатӣ ба ҳисоби миёна ба ҳар сари аҳолӣ вобаста ба минтақаҳо фарқияти гуногунро нишон дод, ки дар расми 2.4. оварда шудааст.




Расми 2.4. Истеҳсоли маҳсулоти саноатӣ ба ҳисоби миёна ба ҳар сари аҳолӣ дар сатҳи ҷумҳурӣ дар соли 2022 (млн. сомонӣ)

***Сарчашма:*** *аз тарафи муаллиф дар асоси маълумотҳои Вазъи иҷтимоию иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон январ - декабри соли 2022//Ҳисоботи оморӣ. Душанбе, АОнПҶТ, 2023. – С.20 ҳисоб карда шудааст.*

Амалишавии пай дар пайи чорабиниҳо оид ба рушди соҳаи саноат дар ҷумҳурӣ ба афзоиши ҳаҷми маҳсулоти саноатии минтақаҳои кишвар мусоидат намуд.

Дар соли 2021 ҳаҷми истеҳсоли маҳсулоти саноатӣ ба 38 млрд 826 млн сомонӣ расонида шуда, нисбати соли 2020 ба 22% ё 8 млрд. сомонӣ зиёд мебошад.

Ҳаҷми истеҳсоли маҳсулоти саноатӣ дар саноати коркард ба 22, 306 млн. сомонӣ расонида шудааст, ки нисбат ба соли 2020-ум 16,3% ё ин, ки ба маблағи 3,126 млн. сомонӣ зиёд мебошад.

Дар соли 2021 дар саноати истихроҷ ҳаҷми истеҳсоли маҳсулот ба 8, 401 млн. сомонӣ баробар шудааст, ки нисбат ба соли 2020-ум 2,763 млн. сомонӣ ё 50% зиёд гардидааст[101].

Ҳиссаи соҳаҳои саноати коркард 57,5%, таъминоти неруи барқ, газ, буғ ва тозакунии ҳаво 20,4%, саноати истихроҷ 21,6% ва таъминоти об, тозакунӣ, коркарди партовҳо ва дастраси коркарди дуюмдараҷа 0,5 % - ро ташкил медиҳад.

[101] Вазъи иҷтимоию иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон январ-декабри 2021. Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон. Душанбе 2022.

Ҷадвали 2.8.

**Ҳаҷми истеҳсоли маҳсулоти саноатӣ аз рӯи намудҳои асосии фаъолияти иқтисодии соҳаҳои саноат (бо нархҳои солҳои дахлдор, млн. сомонӣ)**

| Нишондиҳандаҳо | Солҳо | | | | | Суръати афзоиш бо маротиба |
|---|---|---|---|---|---|---|
| | 2017 | 2018 | 2019 | 2020 | 2021 | |
| **Саноат, ҳамагӣ** аз он ҷумла: | **20029** | **23894** | **27613** | **30890** | **38829** | **2** |
| Саноати истихроҷи маъдан | 4524 | 4686 | 4853 | 4309 | 8409 | 2 |
| Истихроҷи маводҳои энергетикӣ | 298 | 331 | 377 | 429 | 485 | 2 |
| Истихроҷи маводҳои ғайри энергетикӣ | 4226 | 4355 | 4476 | 3880 | 7924 | 2 |
| Саноати коркард | 11776 | 13520 | 15952 | 19054 | 22313 | 2 |
| Истеҳсоли маҳсулоти хӯрока, аз ҷумла нӯшокиҳо ва тамоку | 4304 | 4900 | 5399 | 7089 | 7608 | 2 |
| Истеҳсоли насоҷӣ ва дузандагӣ | 2354 | 2479 | 2636 | 2870 | 4096 | 2 |
| Истеҳсоли чарм, маснуот аз чарм ва истеҳсоли пойафзол | 57 | 63 | 71 | 91 | 120 | 2,1 |
| Коркарди чӯбу тахта ва истеҳсолоти маснуот аз чӯб | 119 | 138 | 148 | 142 | 125 | 1 |
| Истеҳсоли селулозаю қоғаз, фаъолияти табъу нашр | 142 | 241 | 260 | 182 | 210 | 1,4 |
| Истеҳсоли маҳсулоти нафт | 79 | 105 | 127 | 87 | 123 | 1,5 |
| Истеҳсоли кимиёвӣ | 107 | 147 | 154 | 182 | 268 | 2,5 |
| Истеҳсоли маснуоти резинӣ ва пластмассӣ | 157 | 200 | 265 | 291 | 390 | 2,4 |
| Истеҳсоли ҳар гуна маҳсулоти ғайрифилизии маъданӣ | 2091 | 2298 | 2593 | 2713 | 2856 | 1,3 |
| Истеҳсоли металлургӣ ва истеҳсоли маснуоти тайёри филизӣ | 2187 | 2708 | 3874 | 4978 | 5967 | 3 |
| Мошинсозӣ | 142 | 203 | 308 | 291 | 392 | 3 |
| Ҳар гуна соҳаҳои саноат | 37 | 38 | 117 | 138 | 158 | 4,2 |
| Истеҳсолу тақсими нерӯи барқ, газ ва об | 3729 | 5688 | 6808 | 7527 | 8107 | 2,1 |

***Сарчашма:*** *аз тарафи муаллиф дар асоси таҳлили маълумотҳои Омори солонаи Ҷумҳурии Тоҷикистон. - Душанбе: АОнПҶТ, 2022.- С. 255-256 ҳисоб карда шудааст.*

Афзоиши истеҳсоли маҳсулот дар соҳаҳои саноати коркард дар соли 2021 нисбат ба соли 2020 дар зерсоҳаҳои истеҳсоли маҳсулоти хӯрокворӣ якҷо бо нӯшокиҳо ва тамоку (104,7%), истеҳсоли нассоҷӣ, дӯзандагӣ, чарм, маҳсулот аз чарм ва пойафзол (140%), истеҳсоли металлургӣ ва истеҳсоли маҳсулоти тайёри филизӣ (109,4%), истеҳсоли маҳсулоти кимиёвӣ (160%), истеҳсоли маснуоти резинӣ ва пластмасса (123,9%) ва истеҳсоли маҳсулоти

фармасевтикӣ (97,4%), ки ҳиссаи соҳаҳои зикршуда дар ҳаҷми умумии маҳсулоти саноати коркард 97,3 - ро ташкил дод[102].

Тибқи маълумоти оморӣ ҳаҷми сармоягузорӣ ба сармояи асосӣ аз рӯи намудҳои фаъолияти иқтисодӣ дар соли 2021 дар соҳаи саноат ҳамагӣ 5,639,2 млн. сомониро ташкил медиҳад. Аз ҷумла, саноати истеҳсол ва тақсимоти неруи барқ 4,484,1 млн. сомонӣ, саноати коркард 988,8 млн. сомонӣ, саноати истихроҷ 166,3 млн. сомонӣ мебошад.

Дар шароити муосир рушди иҷтимоию иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз ташаккул ва рушди соҳибкории истеҳсолӣ вобастагии калон дорад. Афзоиши натиҷаҳои истеҳсолии фаъолияти соҳибкорӣ омили муҳими муайянкунандаи афзоиши боигарии миллӣ ва афзоиши ҳаҷми истеҳсолоти саноатӣ, таъмини рушди иқтисодии мамлакат ва баланд бардоштани некӯаҳволии халқ ба ҳисоб меравад. Соҳибкории истеҳсолӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дар марҳилаи рӯ ба тараққӣ қарор дошта, дар таносуб бо кишварҳои минтақа дар вазъияти ҳасос қарор дорад.

Дар баробари ин, субъектҳои соҳибкории истеҳсолӣ ҳангоми фаъолият ва тараққиёти худ мушкилоти зиёдеро эҳсос менамоянд. Айни замон механизми ташкилию иқтисодии танзими давлатии рушди соҳибкории истеҳсолӣ хеле муҳим мебошад. Инчунин, бояд нишондиҳандаҳои рушди корхонаҳои соҳибкории инфиродӣ баланд бардошта шаванд.

Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон корҳо оид ба омода намудани нақшаҳо ва лоиҳаҳои стратегии рушд ва ҷойгиркунии самтҳоиояндадори соҳибкории истеҳсолӣ беҳбудиро тақозо мекунад. Дар баробари ин масъалаҳои ҷалби сармоягузорӣ ва мушкилоти мавҷуда дар тартиби гирифтани қарзҳои имтиёзнок, номукаммалӣ дар низоми андозситонӣ боиси суст гардидани суръати рушди соҳибкории истеҳсолӣ мегардад. Аз ин лиҳоз, зарурияти гузаронидани таҳлил ва баҳогузории вазъи рушди соҳибкории истеҳсолӣ дар МОИ-и Ҷумҳурии Тоҷикистон хеле зарурӣ ва саривақтӣ мебошад.

[102] https://www.mfa.tj.

Бояд қайд қайд кард, ки яке аз ҳадафҳои асосии таъсис ва рушди МОИ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон рушди саноат ва таъмини бозори истеъмолӣ бо маҳсулоти хушсифати ватанӣ мебошад.

Айни замон фаъолияти истеҳсолии субъектҳои МОИ дар кишвар кофӣ набошанд ҳам, вале саҳми онҳо дар таъмини бозори истеъмолӣ бо маҳсулоти хушсифати ватанӣ дида мешавад.

Аз панҷ минтақаи озоди иқтисодие, ки айни замон дар ҷумҳурӣ фаъолият мебаранд, истеҳсолот танҳо МОИ-и “Суғд”, “Данғара” ва “Панҷ” нисбатан дар сатҳи миёна ба роҳ монда шудааст.

Бояд қайд кард, ки ҳаҷми истеҳсоли маҳсулоти саноатӣ дар МОИ-и Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соли 2022 ба 485 млн. сомонӣ баробар гардид, ки назар ба соли 2018-ум 3,2 маротиба зиёд мебошад, ки дар ҷадвали 2.9. оварда шудааст.

Ҷадвали 2.9.

**Истеҳсоли маҳсулоти саноатӣ дар минтақаҳои озоди иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар солҳои 2018 - 2022, (млн. сомонӣ)**

| | **Солҳо** | | | | | Суръати афзоиш соли 2022/2018, маротиба |
|---|---|---|---|---|---|---|
| | **2018** | **2019** | **2020** | **2021** | **2022** | |
| Ҳаҷми истеҳсоли маҳсулот | 141,7 | 198, 5 | 199,9 | 366,5 | 485 | 3,2 |

***Ҳисоб бо:*** *Вазъи иҷтимоию иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон январ - декабри соли 2018 // Ҳисоботи оморӣ. Душанбе, АОнПҶТ, 2019. – С.41.; Вазъи иҷтимоию иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон январ - декабри соли 2019 // Ҳисоботи оморӣ. Душанбе, АОнПҶТ, 2020. – С.41.; Вазъи иҷтимоию иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон январ - декабри соли 2020 // Ҳисоботи оморӣ. Душанбе, АОнПҶТ, 2021. – С.41., Вазъи иҷтимоию иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон январ - декабри соли 2021 // Ҳисоботи оморӣ. Душанбе, АОнПҶТ, 2022. – С.41.; Вазъи иҷтимоию иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон январ - декабри соли 2022 // Ҳисоботи оморӣ. Душанбе, АОнПҶТ, 2023. – С.46.*

Аз шумораи умумии онҳо истеҳсоли маҳсулоти саноатӣ дар МОИ-и “Суғд” дар соли 2022-ум 408,5 млн. сомониро ташкил дод, ки назар ба соли 2018-ум 3,5 маротиба зиёд мебошад. Дар МОИ-и “Данғара” истеҳсоли маҳсулоти саноатӣ дар соли 2022-ум 71,7 млн. сомониро ташкил дода, назар

ба соли 2018-ум 2,8 маротиба афзудааст. Дар МОИ-и "Панҷ" дар соли 2022 истеҳсоли маҳсулоти саноатӣ ба 4,7 млн. сомонӣ баробар гардид, ки назар ба соли 2018-ум 15, 7 маротиба афзоиш ёфтааст. Дар МОИ-и "Кӯлоб" истеҳсоли маҳсулоти санотӣ дар соли 2022-юм 29,5 ҳаз.сомониро ташкил дод.

Дар МОИ-и "Ишкошим" то соли 2022 ҳамагӣ 5 субъект ба қайд гирифта шуда, корҳои сохтмонӣ ба маблағи 1441,0 ҳаз. сомонӣ амалӣ шуда, фаъолияти истеҳсолӣ ба нақша гирифта нашудааст.

Мутаассифона, дар МОИ-и "Ишкошим" то ҳол субъектҳои бақайдгирифташуда ба фаъолияти истеҳсолӣ оғоз накардаанд.

Қайд кардан бамаврид аст, ки дар соли 2022 саҳми МОИ дар нишондиҳандаи маҷмӯи маҳсулоти дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон 0,42% ва дар маҷмӯи истеҳсоли маҳсулоти саноатӣ 1,1%-ро ташкил намуд.

Ҷадвали 2.10.

**Ҳаҷми маҳсулоти истеҳсолшуда дар минтақаҳои озоди иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар солҳои 2018 - 2022, (млн. сомонӣ)**

| Минтақаҳои озоди иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон | | Ҳаҷми истеҳсоли маҳсулоти саноатӣ, млн. сомонӣ | | | | | Суръати афзоиш соли 2022/2018 маротиба |
|---|---|---|---|---|---|---|---|
| | | Солҳо | | | | | |
| | | 2018 | 2019 | 2020 | 2021 | 2022 | |
| | МОИ "Суғд" | 116,1 | 163,3 | 165,3 | 295,4 | 408,5 | 3,5 |
| | МОИ "Данғара" | 25,3 | 34,3 | 34,5 | 71,1 | 71,7 | 2,8 |
| | МОИ "Панҷ" | 0,3 | 0,9 | 0,05 | - | 4,7 | 15,7 |
| | МОИ "Кӯлоб" | - | - | - | - | 0,03 | - |
| | МОИ "Ишкошим" | - | - | - | - | - | - |
| | **Ҳамагӣ** | **141,7** | **198,5** | **199,9** | **366,5** | **485** | **3,2** |

***Ҳисоб бо:*** *Вазъи иҷтимоию иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон январ - декабри соли 2018 // Ҳисоботи оморӣ. Душанбе, АОнПҶТ, 2019. – С.41.; Вазъи иҷтимоию иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон январ - декабри соли 2019 // Ҳисоботи оморӣ. Душанбе, АОнПҶТ, 2020. – С.41.; Вазъи иҷтимоию иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон январ - декабри соли 2020 // Ҳисоботи оморӣ. Душанбе, АОнПҶТ, 2021. – С.41., Вазъи иҷтимоию иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон январ - декабри соли 2021 // Ҳисоботи оморӣ. Душанбе, АОнПҶТ, 2022. – С.41.; Вазъи иҷтимоию иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон январ - декабри соли 2022 // Ҳисоботи оморӣ. Душанбе, АОнПҶТ, 2023. – С.46.*

Фаъолияти истеҳсолии МОИ-и "Суғд" назар ба дигар минтақаҳо назаррас буда, айни замон номгӯ маҳсулоти саноатии заруриро дар бар

мегирад. Вале, дар минтақа истеҳсоли на ҳама номгӯи маҳсулоти саноатӣ, ки мувофиқи низомномаи он муайян гардидааст, ба роҳ монда шудааст.

Ҳоло дар МОИ - и “Суғд” маҳсулот ба монанди гелио коллекторҳои офтобӣ, қубурҳои пластикӣ, ноқилҳои барқӣ, рангҳои беруни девор ва колерҳо, профилҳои пластикӣ барои дару тиреза, қуттиҳои пластмасӣ барои нигоҳ доштани меваҳои тару тоза, маҳсулоти гӯштӣ ва ғайраҳо истеҳсол карда мешаванд.

Дар ҷадвали 2.11. нишондиҳандаҳои истеҳсоли маҳсулоти саноатӣ дар МОИ-и “Суғд” оварда шудааст.

Ҷадвали 2.11.

**Истеҳсоли маҳсулоти саноатӣ дар минтақаи иқтисодии “Суғд” дар солҳои 2018 – 2022 (ҳаз. сомонӣ)**

| **Минтақаи озоди иқтисодии “Суғд”** | **Субъектҳо** | **Ҳаҷми истеҳсоли маҳсулоти саноатӣ, ҳазор сомонӣ** | | | | | **Суръати афзоиш соли 2022/2018 маротиба** |
|---|---|---|---|---|---|---|---|
| | | **Солҳо** | | | | | |
| | | **2018** | **2019** | **2020** | **2021** | **2022** | |
| | ҶММ «Реал» | 4942,1 | 9651,1 | 10154,4 | 14513,8 | 23037,8 | 4, 6 |
| | ҶММ «Равзана Пласт» | 874,5 | 1513,9 | 1193,0 | 891,0 | 1238,3 | 1,4 |
| | ҶММ «Фортуна Ко» | 3340,2 | 6875,6 | 5534,6 | 6417,9 | 7401,2 | 2, 2 |
| | ҶММ КМ «Силкоат Бойя» | 9785,8 | 10799,0 | 7755,2 | 8654,7 | 12083,7 | 1,2 |
| | ҶММ КМ «Стар Пласт | 11968,3 | 14823,4 | 7918,6 | 6594,0 | 4923,6 | 0, 4 |
| | ҶММ КМ ТТ «Таҷпроф» | 45896,8 | 90790,2 | 94105,1 | 197182,9 | 259538,3 | 5,6 |

***Ҳисоб бо:*** *Вазъи иҷтимоию иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон январ - декабри соли 2018 // Ҳисоботи оморӣ. Душанбе, АОнПҶТ, 2019. – С.41.; Вазъи иҷтимоию иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон январ - декабри соли 2019 // Ҳисоботи оморӣ. Душанбе, АОнПҶТ, 2020. – С.41.; Вазъи иҷтимоию иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон январ - декабри соли 2020 // Ҳисоботи оморӣ. Душанбе, АОнПҶТ, 2021. – С.41., Вазъи иҷтимоию иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон январ - декабри соли 2021 // Ҳисоботи оморӣ. Душанбе, АОнПҶТ, 2022. – С.41.; Вазъи иҷтимоию иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон январ - декабри соли 2022 // Ҳисоботи оморӣ. Душанбе, АОнПҶТ, 2023. – С.46.*

Дар соли 2022 дар МОИ-и “Суғд” 15 корхонаи саноатӣ фаъолият намуда, ҳаҷми истеҳсоли маҳсулоти саноатӣ 408464,6 ҳаз. сомониро ташкил кард, ки нисбат ба соли 2021-ум 38,1% зиёд мебошад. Аз он ҷумла,

корхонаҳои саноатии ҶММ “Реал” ба маблағи 23037,8 ҳаз. сомонӣ, ҶММ “Равзана Пластик” – 1238,3 ҳаз. сомонӣ, ҶММ КМ “Силкоат Бойя” – 12083,7 ҳаз. сомонӣ, ҶММ КМ “Стар Пласт” – 4923,6 ҳаз. сомонӣ, ҶММ КМ ТТ “Таҷпроф” - 259538,3 ҳаз. сомонӣ, ҶММ “Фартуна Ко” – 7401,2 ҳаз. сомонӣ, ҶММ “Тоҷикполиэтилен” – 1309,7 ҳаз. сомонӣ, ҶММ КМ ТТ “Афранг пластик” – 39792,3 ҳаз. сомонӣ, ҶММ “Ариана метал пласт” – 22031,0 ҳаз. сомонӣ, ҶДММ “Донаи алмос” – 8018,5 ҳаз. сомонӣ, ҶДММ “Суғдиён агро” – 1340,0 ҳаз. сомонӣ, ҶДММ “Азияполитекс” – 470, 0 ҳаз. сомонӣ, ҶДММ “Покзарф” – 74,7 ҳаз. сомонӣ, ҶММ “Ҷаҳони нав” – 22,1 ҳаз. сомонӣ маҳсулот истеҳсол намудаанд[103].

Дар соли 2022 дар минтақаи мазкур се субъект ба маблағи 2790,7 ҳаз. сомонӣ хизматрасонии пулакӣ расонидаанд ва як субъект корҳои сохтмонӣ – пудратиро ба маблағи 1228,0 ҳаз. сомонӣ ба анҷом расонидаанд.

Ҳамин тариқ, айни замон фаъолияти соҳибкории истеҳсолӣ дар МОИ “Суғд” нисбат ба дигар минтақаҳои озоди иқтисодии кишвар рушдёфта ваояндадор ба ҳисоб меравад.

Яке аз ҳадафҳои муҳими ташкили МОИ-и “Панҷ” ташкили истеҳсолоти молу маҳсулоти рақобатпазири содиротӣ, ташкили ҷойҳои иловагии корӣ ва баланд бардоштани сатҳи зиндагии аҳолӣ ба шумор меравад. Дар шароити муосири Ҷумуҳурии Тоҷикистон таъсис ва рушди МОИ-и “Панҷ” саривақтӣ буда, ба рушди иқтисодиёти минтақа ва кишвар мусоидат хоҳад кард.

Айни замон дар МОИ-и “Панҷ” 11 корхона ба қайд гирифта шуда, аз онҳо 4 - корхонаи ватанӣ, 3 - хориҷӣ ва 4 - муштарак мебошанд. Аз шумораи субъектҳои бақайдгирифташуда дар соли 2022 дар минтақаи мазкур 3 – корхонаи саноатӣ ба фаъолияти истеҳсолӣ машғул шуда, ба маблағи 4679,7 ҳаз. сомонӣ маҳсулот истеҳсол намудаанд.

Дар соли 2022 дар минтақаи мазкур ҶДММ “Технологияҳои офтобӣ” – 492,3 ҳазор сомонӣ, ҶДММ Тоҷикистон Тахор пластик” – 182,9 ҳаз. сомонӣ

---

[103] Вазъи иҷтимоию иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон январ - декабри соли 2022 // Ҳисоботи оморӣ. Душанбе, АОнПҶТ, 2023. – С.46.

ва ҶСП “Фон дарё” – 4004,5 ҳаз. сомонӣ маҳсулоти саноатӣ истеҳсол намудаанд. Корҳои сохтмонӣ ба маблағи 1500,0 ҳаз. сомонӣ иҷро карда шудааст[104].

Дар ҷадвали 2.12. ҳаҷми маҳсулоти истеҳсолшуда дар МОИ-и “Панҷ” дар солҳои 2018 – 2022 оварда шудааст.

Ҷадвали 2.12.

**Ҳаҷми маҳсулоти истеҳсолшуда дар минтақаи озоди иқтисодии “Панҷ” дар солҳои 2018 - 2022, (ҳаз. сомонӣ)**

| | **Солҳо** | | | | | Суръати афзоиш соли 2022/2018, маротиба |
|---|---|---|---|---|---|---|
| | **2018** | **2019** | **2020** | **2021** | **2022** | |
| Ҳаҷми истеҳсоли маҳсулот | 293 | 886,7 | 48,0 | _ | 4679,7 | 16 |

***Ҳисоб бо:*** *Вазъи иҷтимоию иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон январ - декабри соли 2018 // Ҳисоботи оморӣ. Душанбе, АОнПҶТ, 2019. – С.41.; Вазъи иҷтимоию иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон январ – декабри соли 2019 // Ҳисоботи оморӣ. Душанбе, АОнПҶТ, 2020. – С.41.; Вазъи иҷтимоию иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон январ – декабри соли 2020 // Ҳисоботи оморӣ. Душанбе, АОнПҶТ, 2021. – С.46., Вазъи иҷтимоию иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон январ – декабри соли 2021 // Ҳисоботи оморӣ. Душанбе, АОнПҶТ, 2022. – С.45., Вазъи иҷтимоию иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон январ – декабри соли 2022 // Ҳисоботи оморӣ. Душанбе, АОнПҶТ, 2023. – С.46.*

Аз нишондиҳандаҳои ҷадвали 2.12. маълум мегардад, ки ҳаҷми истеҳсоли маҳсулоти саноатӣ дар минтақаи мазкур сол аз сол беҳтар гардида истодааст, вале ин нишондиҳандаҳо ҳанӯз ҳам қаноаткунанда нестанд. Дар соли 2022 истеҳсоли маҳсулоти саноатӣ ба 4679,7 ҳаз. сомонӣ баробар гардид, ки назар ба соли 2018 – ум 16 маротиба афзоиш ёфтааст.

Бояд қайд карад, ки дар соли 2022 дар МОИ-и “Панҷ” шумораи умумии кормандони он 34 нафарро ташкил намуд, ки назар ба МОИ-и “Суғд” ва “Данғара” ин нишондиҳанда хеле кам мебошад.

Ҳамин тариқ, таҳлили вазъи субъектҳои истеҳсолии МОИ-и “Панҷ” нишон дод, ки ҳаҷми истеҳсоли маҳсулоти саноатӣ дар минтақа назар ба МОИ-и “Суғд” ва “Данғара” кам ба назар мерасад.

[104] Вазъи иҷтимоию иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон январ - декабри соли 2022 // Ҳисоботи оморӣ. Душанбе, АОнПҶТ, 2023. – С.47.

Дар рушди МОИ-и “Панҷ” бешубҳа таъсири аз ҳама бештарро вазъияти ҷамъиятию сиёсӣ дар мамлакати ҳамсоя - Ҷумҳурии Исломии Афғонистон дорад. Вазъи нооролм дар мамлакати ҳамсоя ба фазои маблағгузории минтақа таъсири нисбатан манфӣ мерасонад. Мутаассифона, вазъи сиёсӣ дар мамлакати ҳамсоя мавқеи МОИ-и “Панҷ” – ро ҳамчун объеки ғайри таваҷҷӯҳ дар назари сармоягузорони имконпазири хориҷӣ нигоҳ медорад.

Дар МОИ-и “Данғара” бештар коркард ва истеҳсоли маҳсулоти кишоварзӣ ба нақша гирифта шудааст, ки имкониятҳои минтақаи мазкур хеле зиёданд. Махсусан коркард ва истеҳсоли пахта, ресмонҳои дӯзандагӣ, коркарди пӯсти чорво ва ғайра ба нақша гирифта шудааст.

Инчунин, дар корхонаҳои МОИ-и “Данғара” истеҳсоли маҳсулоти саноатӣ ба монанди: коркард ва истеҳсоли қум ва сангу шағал, маводҳои шустушӯӣ, коркард ва истеҳсоли хишт, коркарди меваи хушк, қубурҳои пластикӣ, истеҳсоли таҷҳизоти барқӣ, бандубасти меваҳои хушк ва ғайра ба роҳ монда шудааст.

Айни замон, дар ҳудуди минтақа ҶДММ “МИСР-2001” ба истеҳсоли шағал ва реги сохтмонӣ, ҶДММ “Тоҷи осиё” ба истеҳсоли маводҳои шустушӯӣ, ҶДММ “Грин голд” ба коркарди маҳсулоти донагӣ, ҶДММ “Космос” ба воридот ва фурӯши техникаҳои калонҳаҷми сохтмонӣ, ҶДММ “Ауфен” ба истеҳсоли конструкторҳои металлӣ машғуланд[105].

Дар соли 2022 дар МОИ-и “Данғара” 11 корхонаи саноатӣ фаъолият намуда, ҳаҷми истеҳсоли маҳсулоти саноатӣ 71742,8 ҳаз. сомониро ташкил дод, аз ҷумла ҶДММ “Тоҷпласт – 1” ба маблағи 10846,0 ҳаз. сомонӣ, ҶДММ “Миср – 2001” 235,6 ҳаз. сомонӣ, ҶДММ “Детйен Бетон” 3757,1 ҳаз. сомонӣ, ҶДММ “Ауфен” 53585,0 ҳаз. сомонӣ, ҶДММ “Ғаюр саноат” 1495,9 ҳаз. сомонӣ, ҶДММ “Пиштоз Посоргод Тоҷикистон” 342,1 ҳаз. сомонӣ, ҶДММ “Техно полоиш” 900,6 ҳаз. сомонӣ ва ҶДММ “Грин – голд” 2,0 ҳаз. сомонӣ маҳсулот истеҳсол намудаанд.

---

[105] Абдураҳмон Ҳ. Таҳлили вазъи муосири фаъолияти минтақаи озоди иқтисодии “Данғара” Актуальные проблемы теории и практики бухгалтерского учета, анализа и аудита /Материалы VIII Международной научно-практической конференции (27-28 ноября 2020 г., г. Душанбе). - С.-129.

Дар ҷадвали 2.13. истеҳсоли маҳсулоти саноатӣ дар МОИ-и “Данғара” дар солҳои 2018 – 2022 оварда шудааст.

Ҷадвали 2.13.

**Истеҳсоли маҳсулоти саноатӣ дар МОИ - и “Данғара” дар солҳои 2018 – 2022 (ҳаз. сомонӣ)**

| | Корхонаҳо | Ҳаҷми истеҳсоли маҳсулоти саноатӣ, ҳаз. сомонӣ | | | | | Суръати афзоиш соли 2022/2018 маротиба |
|---|---|---|---|---|---|---|---|
| | | Солҳо | | | | | |
| | | 2018 | 2019 | 2020 | 2021 | 2022 | |
| Минтақаи озоди иқтисодии “Данғара” | ҶДММ “Грин - Голд” | 1953,6 | 1745,0 | 522,0 | 2630,0 | 2,0 | - |
| | ҶДММ “Ауфен” | 2147,0 | 17536,0 | 19888,0 | 44026,0 | 53585,0 | 25 |
| | ҶДММ “Миср – 2001” | 275,0 | 335,0 | 228,2 | 229,3 | 235,6 | 0,8 |
| | ҶДММ “Детйен Бетон” | 1726,2 | 3071,2 | 1757,0 | 3416,8 | 3757,1 | 2,1 |
| | ҶДММ “Точпласт – 1” | 6561,7 | 9520,0 | 10229,0 | 19070,0 | 10846,0 | 1,6 |
| | **Ҳамагӣ** | **12663,5** | **32207,2** | **32654,2** | **69372,1** | **68425,7** | **5,4** |

***Ҳисоб бо:*** *Вазъи иҷтимоию иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон январ - декабри соли 2018 // Ҳисоботи оморӣ. Душанбе, АОнПҶТ, 2019. – С.41.; Вазъи иҷтимоию иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон январ - декабри соли 2019 // Ҳисоботи оморӣ. Душанбе, АОнПҶТ, 2020. – С.46.; Вазъи иҷтимоию иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон январ - декабри соли 2020 // Ҳисоботи оморӣ. Душанбе, АОнПҶТ, 2021. – С.45., Вазъи иҷтимоию иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон январ - декабри соли 2021 // Ҳисоботи оморӣ. Душанбе, АОнПҶТ, 2022. – С.45., Вазъи иҷтимоию иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон январ - декабри соли 2022 // Ҳисоботи оморӣ. Душанбе, АОнПҶТ, 2023. – С.46.*

Дар соли 2022 дар минтақаи мазкур корҳои сохтмонӣ ба маблағи 19520,5 ҳаз. сомонӣ иҷро гардида, аз ҳисоби ҶДММ “Ганҷ техноложӣ” ба маблағи 1450,0 ҳаз. сомонӣ, ҶДММ “Технополоиш” 8121,0 ҳаз. сомонӣ ва ҶДММ “ТК Ойл” ба маблағи 9949, 5 ҳаз. сомонӣ ба қайд гирифта шудааст.

Ҳамин тариқ, фаъолияти истеҳсолии субъектҳои МОИ-и “Данғара” баъди минтақаи “Суғд” дар ҷойи дуюм қарор дошта, дар назар аст, ки дарояндаи наздик ба яке аз минтақаҳои рушдёфта табдил хоҳад ёфт. Зеро, ҳаҷми сармоягузории ватанию хориҷӣ дар минтақаи номбурда хеле назаррас аст.

Ноҳияи Ишкошим яке аз ноҳияҳои кӯҳистон ва дурдасти ВМКБ ба ҳисоб меравад. Ноҳия бо табиати асрорангез, чашмаҳои гарму шифобахш дар

ҷумҳурӣ машҳур буда, диққати сайёҳони дохилию хориҷиро ба худ ҷалб намудааст.

Мувофиқи маълумотҳои оморӣ дар соли 2022 дар МОИ-и “Ишкошим” ҳамагӣ 5 субъект ба қайд гирифта шуда, 14 нафарро ба ҷойи кор таъмин кардааст. Дар соли 2022 дар минтақаи мазкур корҳои сохтмонӣ ба маблағи 1441, 0 ҳаз. сомонӣ амалӣ шудааст[106].

Ҳаҷми сармоягузории мустақим дар минтақаи мазкур дар соли 2018 ба 205 ҳаз. сомонӣ ва дар соли 2019 ба 3,7 млн. сомонӣ ва баробар гардид, ки назар ба дигар МОИ-и кишвар хеле кам мебошад. Сабаби асосии кам ҷалб гаштани сармоягузорони ватанию хориҷӣ дар МОИ-и “Ишкошим” дар инфрасохтори рушднаёфта (роҳ, коммуникатсия) ва иқлими номусоид назар ба дигар минтақаҳо, вазъи нооромии сиёсӣ дар Ҷумҳурии Исломии Афғонистон ва ғайра мебошад. МОИ “Ишкошим” метавонад ба истеҳсоли доруҳо дар асоси коркарди растаниҳои шифобахши нодири баландкӯҳҳо махсус гардонида шавад.

Инчунин, истеҳсоли обҳои маъданиро, ки дар ноҳияи Ишкошим захираҳои он хезе зиёданд, ба роҳ мондан мувофиқи мақсад аст. Ҳамзамон, ноҳия аз канданиҳои фоиданок ва сангҳои қиматбаҳо хеле бой буда, захираи зиёди санги мармар дорад, ки барои ҷалби сармояи дохилию хориҷӣ ва дар ин замина ташкил намудани ҷойҳои нави корӣ мусоидат менамояд.

Дар асоси таҳлил ва баҳогузории фаъолияти соҳибкории истеҳсолӣ дар МОИ-и маълум гардид, ки фаъолияти истеҳсолии субъектҳои МОИ-и “Ишкошим” ғайриқаноатбахш арзёбӣ мегардад.

Ба андешаи мо сабабҳои асосии рушд накардани минтақаи мазкур пеш аз ҳама дар инфрасохтори рушднаёфта (нақлиётӣ, бозорӣ, иҷтимоӣ), мавҷуд намудани захираҳои молиявӣ, мушкилоти шароитҳои табиӣ-иқлимӣ, дур будан аз роҳи оҳан, ғайри самаранок истифода бурдани захираҳои бойи табиӣ, танзими ғайрисамаранок ва идоракунӣ оид ба ҷалби сармоягузорон

[106] Вазъи иҷтимоию иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон январ - декабри соли 2022 // Ҳисоботи оморӣ. Душанбе, АОнПҶТ, 2023. – С.47.

дар бунёди инфрасохтор, самаранокии пасти хароҷотҳои буҷавӣ, нокифоя будани иттилоотонидани сармоягузорони иқтидорӣ, рекламаи сусти маъмурияти МОИ, нарасидани кадрҳои баландихтисос ва ҳавасмандгардонии суст барои кормандони маъмурияти МОИ ба шумор меравад.

Ҳамзамон, нархи баланди ашё, захираҳои энергетикӣ, маводҳо ва нақлиёт, офатҳои табиӣ, обхезӣ, заминларза, вазъияти номуътадили сиёсӣ дар Афғонистони ҳамсоя, сармоягузории нокифояи давлатӣ, эҳтимолияти пеш аз мӯҳлат баста шудани фаъолияти МОИ дар вобастагӣ дар иҷро нашудани барнома (дар давраи гузариш) ба хатарҳои минтақаи мазкур дохил мешавад.

Ҳамин тариқ, таҳлили вазъи фаъолияти МОИ-и “Ишкошим” нишон дод, ки он назар ба дигар МОИ-и кишвар хеле сусттараққӣ мебошад.

Минтақаи озоди иқтисодии Кӯлоб бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ташкил карда шуда, ба Маъмурияти он 309,32 га замин аз ҳудуди ҷамоати Зиракии деҳаи Сарёзидашт ҷудо карда шудааст.

Мавзеи ҷойгиршавии МОИ-и мазкур барои бунёди корхонаҳои саноатӣ ва рушди инфрасохтори минтақа нақши муҳим бозида, дар масофаи 70 км. аз Ҷумҳурии исломии Афғонистон, 250 км. аз Ҷумҳурии Ӯзбекистон, 500 км. Қирғизистон ва 800 км. аз Ҷумҳурии Мардумии Чин қарор доштани он барои ҷалби сармояи дохилию хорҷӣ ва содироти маҳсулоти истеҳсолгардида ба кишварҳои ҳамсоя заминаи мусоид фароҳам меоварад.

Дар баробари ин, дар масофаи наздик ба минтақаи мазкур қарор доштани Фурудгоҳи байналмилалии Кӯлоб (1,5 км) истгоҳи роҳи оҳан (18 км) роҳи автомобилгарди байналмилалӣ “Душанбе-Кӯлоб-Қалъаи Хумб” (14 км) ва роҳи минтақавии “Восеъ - Ховалинг 7 км” метавонад барои пешбурди фаъолияти минбаъдаи он ва ҳавасмандгардонии ҷалби сармоя заминаи устувор гузорад[107].

Моҳи ноябри соли 2020 байни маъмурияти МОИ-и “Кӯлоб” ва Ассотсиатсияи “Koshuma” (Korean Smart Human Technology Association) ёддошти тафоҳум ба имзо расонида шуд. Ҳадафи асосии ба имзо расонидани

[107] [Захираи электронӣ]: https://b2b.tj.

ҳуҷҷати мазкур ин ба роҳ мондани ҳамкории мутақобилан судманд дар самти ҷалби соҳибкорон ва сармоягузорони Ҷумҳурии Корея дар татбиқи лоиҳаҳои афзалиятноки сармоягузорӣ оид ба бунёди корхонаҳои нави саноатӣ дар минтақаи мазкур мебошад. Дар доираи он бунёди корхонаҳои муосири саноатӣ, паркҳои технологӣ, озмоишгоҳҳо, истеҳсоли таҷҳизоти барқӣ, коркарди маҳсулоти кишоварзӣ, истеҳсоли қисмҳои нақлиёти мошингард бо истифодаи технологияҳои пешрафта ва таҷрибаи пешқадами Ҷумҳурии Корея ба нақша гирифта шудааст.

Ҷалби сармоя ва технологияҳои пешрафтаи Ҷумҳурии Корея барои бунёди корхонаҳои нави саноатӣ ва ба кор даровардани иқтидорҳои нави истеҳсолӣ дар ҳудуди МОИ-и "Кӯлоб" ба рушди соҳаҳои гуногуни хоҷагии халқ мусоидат намуда, дар татбиқи ҳадафи чоруми миллӣ, яъне саноатикунонии босуръати мамлакат, таъсиси ҷойҳои нави корӣ ва беҳтар намудани сатҳу сифати зиндагии аҳолӣ заминаи устувор мегузорад.

Айни замон дар минтақаи мазкур ду корхонаи саноатӣ: ҶДММ "Тоҷик Алмос" ва ҶДММ "Кӯлоб Агросаноат" ба қайд гирифта шуда, дар соли 2022 истеҳсоли маҳсулоти саноатӣ 29,5 ҳаз. сомониро ташкил дод. Дар соли 2022 дар минтақаи мазкур корҳои сохтмонӣ ба маблағи 12460,0 ҳаз. сомонӣ амалӣ гардидааст[108].

Ҳамин тариқ, натиҷаи фаъолияти соҳибкории истеҳсолиро дар МОИ-и Ҷумҳурии Тоҷикистон натиҷагирӣ карда, аз панҷ минтақаи айни замон амалкунанда фақат чортои он фаъолияти истеҳсолиро ба роҳ монда, дар марҳилаи ташаккул ва рушд қарор доранд. Вазъи соҳибкории истеҳсолӣ дар МОИ-и "Суғд" ва "Данғара" нисбатан назаррас буда, фаъолияти дигар минтақаҳо ғайриқаноатбахш баҳогузорӣ карда мешаванд.

---

[108] Вазъи иҷтимоию иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон январ - декабри соли 2022 // Ҳисоботи оморӣ. Душанбе, АОнПҶТ, 2023. – С.47.

## 2.3. Таҳқиқи омилҳои таъсиррасон ба рушди соҳибкории истеҳсолӣ дар минтақаҳои озоди иқтисодӣ

Айни замон, дар Ҷумҳурии Тоҷикистон панҷ минтақаи озоди иқтисодӣ расман бунёд гардида, амалан фаъолияти сетои он ба назар мерасад. Ҳамзамон, самаранокии онҳо на он қадар назаррас буда, истеҳсоли маҳсулоти саноатӣ, иҷрои кору хизматрасониҳо ва миқдори воқеии таъсиси ҷойҳои кории онҳо ба нақшаҳо мувофиқат намекунад, ки ин аз дараҷаи пасти фаъолияти соҳибкорӣ аз ҷониби корхонаҳо – резидентҳои имконпазири минтақаҳо гувоҳӣ медиҳад.

Мо кӯшиш мекунем, ки хусусиятҳои ташкили МОИ - и мамлакатҳои хориҷӣ ва ватаниро таҳлил намуда, омилҳо ва шартҳои ба фаъолияти МОИ таъсиррасонро муайян намоем. Ба ақидаи мо ин имконият медиҳад, ки фаъолияти МОИ-и ватанӣ мушаххастар амсиласозӣ карда шуда, ҷустуҷӯи комплексии захираҳо бо мақсади баланд бардоштани самаранокии фаъолияти онҳо амалӣ карда шавад.

Дар асоси амалияи ташкил ва таҳқиқи механизми фаъолияти МОИ ду мавқеи асосиро ҷудо кардан мумкин аст:

1. Мафҳумҳои “шарт” ва “омилҳо” бо ҳамдигар айният дода мешаванд ё хеле печ дар печ маънидод карда мешаванд.

2. Дар баъзе таҳқиқотҳои олимон яке аз ин мафҳумҳо ҳамчун ҷузъиёти муҳими раванди таъсис ва рушди МОИ дар умум ҳатто зикр нагардидааст.

Бояд қайд кард, ки дар адабиёти иқтисодии ватанӣ моҳияти мафҳумҳои омилҳо ва шартҳои ба фаъолияти МОИ таъсиррасон ба таври бояду шояд таҳқиқ ва баррасӣ нашудааст.

Аз ҷониби О.О. Щур таснифоти муаллифони зерин, аз қабили: А.П. Латкиним, Н.С. Кресу, О.Н. Артемева, В.В. Ушаков, И.Б. Прилепкин, М.Ю. Плюхин, Сюй Пин, Ю.Н. Горбунова ва дигарон мавриди омӯзиш қарор додааст. Таснифоти омилҳо ва шартҳое, ки ба фаъолияти самараноки МОИ таъсир мерасонанд дар ҷадвали 2.14. оварда шудааст.

Ҷадвали 2.14.

**Шарҳи таснифоти омилҳо ва шартҳое, ки ба фаъолияти самараноки минтақаҳои озоди иқтисодӣ таъсир мерасонанд[109]**

| № | Муаллиф | Омилҳо | Шароит |
|---|---|---|---|
| 1 | А.П. Латкин ва Н.С. Кресу | Дар доираи асосноккунии қарорҳои идоракунии бунёди МОИ: омилҳои табиию иқлимӣ, иҷтимоӣ, омилҳои рушди то ислоҳотӣ[110];<br>✓ Аз рӯи сифат таъсири: манфӣ;<br>✓ Аз рӯи дараҷаи таъсир: минтақавӣ, давлатӣ ва ҷаҳонӣ. | Муайн карда нашудааст |
| 2 | О.Н. Артемева | Се гурӯҳи омилҳо, ки ба рушди иқтисодии МОИ таъсир мерасонад:[111]<br>✓омилҳои таъминоти ҳуқуқӣ;<br>✓ иқтисодӣ;<br>✓ ташкилӣ. | Муайн карда нашудааст |
| 3 | В.В. Ушаков | ✓Хусусиятҳои ғайримутамарказонидашуда;<br>✓Мукаммалгардонии сохтори маъмурию ҳудудӣ;<br>✓Мундариҷаи сиёсати давлатию минтақавӣ;<br>✓Муҳити институтсионалӣ ва қонунгузорӣ;<br>✓Банақшагирии рушди минтақавӣ;<br>✓Баробаркунии молиявии иқтисодӣ;<br>✓Ҳавсмандгардонии рушди минтақавӣ[112] | Хусусӣ ва умумӣ |
| 4 | И.Б. Прилепкин | ✓ Умумӣ;<br>✓Локалӣ[113]. | ✓ Мавқеи мусоиди нақлиётию ҷуғрофӣ нисбат ба бозорҳои дохилӣ ва берунӣ, мавҷудияти коммуникатсияҳои рушдёфтаи нақлиётӣ; |

[109] О.О. Щур. Классификация факторов и условий функционирования особых экономических зон: критический анализ // Вестник ТГЭУ. 2012. №2.
[110] А.П. Латкин ва Н.С. Кресу. Факторы становления и развития свободных экономических зон (СЭЗ) в Китае и России: Автореф. дисс.– М., 2006.
[111] О.Н. Артемева. Совершенство-вание экономического механизма функционирования свободных экономических зон: Автореф. Дисс. – М., 2004.
[112] В.В. Ушаков. Государственное регулирование создания и функционирования особых экономических зон в России: Автореф. дисс.– М., 2007.
[113] И.Б. Прилепкин. Проблемы создания и функционирования свободных эконо - мических зон в России: Доклад по регионоведению. – М., 1999.

| | | | |
|---|---|---|---|
| | | | ✓ Иқтидори инкишофёфтаи истеҳсолӣ, мавҷудияти инфрасохтори истеҳсолию иҷтимоӣ;<br>✓ Иқтидори табиӣ – захиравӣ. |
| 5 | Таҳлили таҷрибаи ҷаҳонии таъсиси МОИ | ✓ Вазъи муътадили сиёсӣ;<br>✓ Кафолати сармоягузорӣ;<br>✓ Сифати инфрасохтор;<br>✓ Тахассуси қувваи корӣ;<br>✓ Соддагардонии сохторҳои маъмурӣ. | Муайн карда нашудааст |
| 6 | М.Ю. Плюхин | Муайн карда нашудааст | ✓ Ҷолибияти сармоягузорӣ;<br>✓ Қобилияти истифодаи самараноки сармоягузорӣ;<br>✓ Рақобатпазирии минтақа (муҳити соҳибкорӣ);<br>✓ Бехатарии молиякияти саноатӣ ва зеҳнии сармоягузорон;<br>✓ Дараҷаи таъсири тиҷорати байналхалқӣ[114]. |
| 7 | Сюй Пин | ✓Интернатсионализатсияи берунӣ;<br>✓Иқлими мусоиди сармоягузорӣ;<br>✓Дараҷаи кафолати баланди сармоягузорӣ;<br>✓Рушди низоми имтиёзҳо ва ҳавасмандгардонии соҳибкорӣ ва сармояи хориҷӣ;<br>✓Қувваи кории арзон[115]. | Муайн карда нашудааст |
| 8 | Ю.Н. Горбунова | Се гурӯҳи омилҳо аз рӯи таносуби асосӣ[116]:<br>✓ Асосӣ;<br>✓ Тағйирёбандаҳои устувор;<br>✓ Тағйирёбандаҳо. | Дар муносибат бо мамлакатҳое, ки МОИ таъсис дода шудааст: умумӣ ва махсус, ки нисбат ба дараҷаи рушди мамлакатҳо ҷудо шудааст. |

***Манбаъ:*** *Аз ҷониби муаллиф дар асоси маводҳои таҳқиқшудаи муҳақиқ О.О. Щур. тартиб дода шудааст*

114 М.Ю. Плюхин. Специфика и перспективы развития предпринимательской деятельности в особой экономической зоне (на примере Калининградской области): Автореф. дисс. канд. экон. наук. – М., 2006.
115 Сюй Пин. Факторы становления и развития свободных экономических зон (СЭЗ) в Китае и России: Автореф. дисс. канд. экон. наук. – М. 2006.
116 Ю.Н. Горбунова. Особые экономические зоны: мировой опыт и российская практика: дис... канд. экон. наук: 08.00.14. -М.: РГБ, 2005.

Таҳлили таснифоти шартҳо ва омилҳо, ки ба самаранокии фаъолияти МОИ таъсир мерасонанд, имкон дод, ки тавсифи хусусиятҳои онҳоро муайян намоем. Таснифоти нишондодашударо омӯхта, кӯшиш мекунем, ки таснифоти худро пешниҳод намоем.

Саравал таснифоти шартҳое, ки барои ташаккул ва рушди МОИ мусоидат мекунанд, дида мебароем. Ин шартҳоро ба гурӯҳҳои зерин ҷудо намудан мумкин аст:

А) Умумӣ, ки ба ҳамаи намуду шаклҳои МОИ хос аст;

Б) Локалӣ (махсус), ки дар доираи воҳиди ҳудудӣ – ташкилии мушаххас ҷудо карда мешавад.

Таснифоти мазкурро асоснок мекунем. О.О. Щур чунин меҳисобад, ки шартҳои умумӣ, ки ба фаъолияти МОИ таъсир мерасонанд, на бояд аз рӯи принсипи ҳудудӣ, инчунин аз рӯи шакл ва намуди бунёдашон ҷудо шаванд. Бинобар ин, шартҳои умумӣ ин шартҳое мебошанд, ки ҳатман ҳангоми таъсиси дилхоҳ МОИ бояд ба инобат гирифта шаванд. Онҳо дар заминаи таҷрибаи мамлакатҳои хориҷиро оид ба ин масъала ошкор намуда, инчунин таснифоти умумиқабулшудаи шартҳо дар назарияи иқтисодро ба инобат гирифтанд.

Ба он инҳо дохил мешаванд:[117]

1. Ҷойгиршавии мувофиқи ҳудудию ҷуғрофӣ;

2. Низоми муътадили меъёрӣ – ҳуқуқӣ ва пояи инкишофёфтаи қонунгузорӣ;

3. Фазои мусоиди сармоягузорӣ;

4. Мавҷудияти сохтори самараноки идораи минтақа;

5. Мавҷудияти мутахассисони баландихтисос;

6. Низоми рушдёфтаи андозӣ, сабукиҳо ва имтиёзҳои гумрукӣ, пешниҳоди кафолатҳои давлатӣ;

---

[117] О.О. Щур. Классификация факторов и условий функционирования особых экономических зон: критический анализ // Вестник ТГЭУ. 2012. №2. URL: С. 81. https://cyberleninka.ru/ article/n/ klassifikatsiya-faktorov-i-usloviy-funktsionirovaniya-osobyh-ekonomicheskih-zon-kriticheskiy-analiz (Санаи муроҷиат: 21.04.2020).

7. Мавҷудияти консепсияи аниқ таҳиягардидаи бунёд ва рушди МОИ;

8. Рақобатпазирии сохторҳои соҳибкорӣ;

9. Маҳдудияти ҳудуде, ки дар доираи он минтақаҳои озоди иқтисодӣ фаъолият мекунад.

Шартҳои локалӣ (махсус) – ро нисбат ба воҳиди мушаххаси ҳудудӣ – ташкилӣ, ки дар доираи он МОИ фаъолият мекунад, ошкор мекунанд. Ба шартҳои локалӣ мо инҳоро дохил мекунем:

1. Мавҷудияти инфрасохтор ва шабакаҳои нақлиётӣ;

2. Наздик будан ба бозорҳои фурӯш, молтаҳвилгарон ва сармоягузорони имконпазир;

3. Хароҷотҳои нисбатан пасти истеҳсолот ва қувваи кории арзон дар доираи намуди муайяни фаъолияти иқтисодӣ;

4. Дараҷаи нисбатан пасти таваккали сармоягузорӣ;

5. Аниқ муайян намудани ҳадаф ва вазифаҳои бунёди МОИ дар доираи ҳудуди муайян, асосноккунии самаранокии иқтисодии он;

6. Низоми рушдёфтаи сабукиҳое, ки маъмурият пешниҳод мекунанд.

Ҳангоми таҳияи таснифоти омилҳо ва шартҳое, ки ба фаъолияти самараноки минтақаҳои озоди иқтисодӣ таъсир мерасонанд мо таснифоти омилҳое, ки дар назарияи иқтисод қабул гардидааст ва натиҷаи таҳқиқотҳои назариявию методологӣ муаллифони хориҷӣ, ки моҳият ва хусусияти механизми фаъолияти МОИ – ро ошкор сохтаанд, ба инобат мегирем.

Ба ақидаи мо омилҳои нисбатан асосноккардашудаи таснифоти мазкур инҳо мебошанд:

– Бо табиати хоси худ (табиӣ – иқлимӣ, иҷтимоӣ – иқтисодӣ ва истеҳсолӣ – иқтисодӣ);

– Нисбат ба объекти таҳқиқот (дохилӣ ва берунӣ);

– Аз рӯи дараҷаи паҳншавӣ (умумӣ ва махсус);

– Аз рӯи хосияти ҳодисаҳои инъикосшаванда (миқдорӣ ва сифатӣ), аз рӯи хусусияти амал (экстенсивӣ ва интенсивӣ).

Мувофиқи ақидаи мо дигар аломатҳои таснифотии омилҳо, ки дар назарияи иқтисод истифода мешаванд, қобили қабул нестанд, зеро он ба мураккаб гардонидани нақша ва аҳамияти амалии худро гум кардани таснифоти пешниҳодшуда оварда мерасонад.

Дар асоси гуфтаҳои боло мо чунин меҳисобем, ки чунин омилҳоро ба ду блоки асосӣ вобаста аз хусусияти таъсири онҳо ба МОИ (мусбат ё манфӣ) ҷудо намоем. Ҳамзамон, омилҳои мусбат ин ҳамон омилҳо манфӣ мебошанд, аммо бо аломати “ҷамъ”, ки ҳангоми риоя нагардидани таносуби раванд – ҳодиса, ки дар давраи фаъолияти МОИ зоҳир мегарданд. Ҷудокунии мазкур маънои онро дорад, ки ҳар як омил новобаста аз оне, ки ба кадом гурӯҳи (аломати таснифотӣ), ки мансуб аст, дар давраи мушаххаси вақт бо назардошти ҳолатҳои воқеӣ метавонад ба объекти таҳқиқот таъсири мусбат ва ё манфӣ расонад. Дар робита ба ин мо таснифоти пешниҳодшударо дуруст меҳисобем, зеро он метавонад ҳамаи номгӯи омилҳои ошкоршуда ва боз пайдошавандаро бо назардошти аломатҳои таснифотии мухталифи онҳо фаро гирад.

Дар доираи ду блок, мо панҷ аломатҳои таснифотиро ҷудо мекунем:

- Аз рӯи табиати худ;
- Аз рӯи дараҷаи таъсиррасонӣ;
- Аз рӯи хусусияти ошкоршавӣ;
- Бо назардошти дараҷаи рушди воҳиди ҳудудӣ – ташкилӣ;
- Институтсионалӣ.

Аз рӯи аломати таснифотии мазкур омилҳоро мо ба ду гурӯҳ: муайян ва номуайян ҷудо карда метавонем. Тақсимоти мазкурро мо дар расм инъикос накардем, чунки он хусусияти тавсиявӣ дорад.

Аз гуфтаҳои боло бар меояд, ки таснифоти омилҳо ва шартҳое, ки ба фаъолияти МОИ – и Ҷумҳурии Тоҷикистон таъсир мерасонанд, зарур аст, бо назардошти хусусияти таъсири онҳо ба объекти таҳқиқот ташаккул дода шаванд.




Расми 2.5. Нақшаи умумии таснифоти омилҳои таъсиррасон ба фаъолияти самараноки минтақаҳои озоди иқтисод

***Манбаъ:*** *Аз ҷониби муаллиф дар асоси маводҳои таҳқиқшуда тартиб дода шудааст*

Дар шароити иқтисоди бозорӣ яке аз хусусиятҳои хос омӯзиши омилҳое ба шумор мераванд, ки ба ташаккул ва рушди соҳибкории истеҳсолӣ дар МОИ таъсир мерасонанд.

Омилҳои зерин метавонанд ба ташаккул ва рушди соҳибкории истеҳсолӣ дар МОИ мусоидат намоянд;

1. Мавқеи табиӣ – ҷуғрофии ишғолнамудаи минтақа ва ҷойгиршавии аҳолии он;

2. Сиёсати истифодаи самараноки захираҳои меҳнатӣ дар минтақа ва ҳавасмандгардонии онҳо дар бозори меҳнат;

3. Таъмини музди меҳнати баланд ба кормандони корхонаҳои истеҳсолӣ;

4. Мавҷуд будани талаботи баланд ба маҳсулоти корхонаҳои истеҳсолӣ;

5. Дастгирии давлатӣ оид ба ташаккул ва рушди соҳибкории истеҳсолӣ дар МОИ;

6. Самаранок истифода бурдани захираҳои табиӣ барои истеҳсоли маҳсулоти саноатӣ ва ивазкунандаи воридот.

Дар шароити муосир ҳалли масъалаи ташаккул ва рушди фаъолияти самараноки соҳибкории истеҳсолӣ дар сатҳи ҷумҳурӣ мубрам буда, соҳаи калидии иқтисодиёти миллӣ ба шумор меравад. Баҳодиҳии стратегии рушди соҳибкории истеҳсолӣ дар ҷумҳурӣ метавонад ба яке аз воситаҳои муайянкунанди самти рушди иқтисодиёт мубаддал гардад. Вобаста ба ин, барои ташкили идоракунии самаранок ва рушди соҳибкории истеҳсолӣ ҳалли вазифаҳои умумии он такмили методологияи таҳлили низомӣ нақши муҳимро мебозад.

Ба андешаи мо, аз нуқтаи назари фаъолияти илмию амалӣ омилҳои асосии ба рушди соҳибкории истеҳсолӣ таъсиррасон дар шароити иқтисоди бозорӣ ва рақобати шадид дар бозори истеъмолӣ муайян кардан мувофиқи мақсад мебошад.

Дар шароити рушди муносибатҳои бозорӣ ба вазъи соҳибкории истеҳсолӣ сиёсати иқтисодии давлат, механизмҳои танзимкунандаи он ва равандҳои иқтисодию иҷтимоӣ низ таъсир мерасонад.

Устувории низоми иқтисодӣ ба рушди соҳибкории истеҳсолӣ ҳамчун шакли нисбатан пешрафтаи муносибатҳои молию пулӣ дар кишвар мусоидат мекунад.

Дар раванди таҳқиқот аз ҷониби мо омилҳое муайян карда шуданд, ки ба рушди устувори соҳибкории истеҳсолӣ, ҳамчун соҳаи муҳили иқтисодиёти миллӣ таъсир мерасонанд. Омилҳои асосие, ки ба рушди корхонаҳои истеҳсолӣ таъсир мерасонанд, дар шароити воқеии фаъолият ба муҳити дохилӣ ва берунӣ тақсим мешаванд, ки дар расми 2.6. оварда шудааст.




Расми 2.6. Омилҳои асосие, ки ба рушди корхонаҳои истеҳсолӣ таъсир мерасонанд

***Манбаъ:*** *Аз ҷониби муаллиф дар асоси маводҳои таҳқиқшуда тартиб дода шудааст*

Ба ақидаи мо барои муайян намудани мушкилоти рушди соҳибкории истеҳсолӣ дар МОИ гузаронидани таҳлили SWOT аз манфиат холӣ набуда, он имконият медиҳад, ки дар оянда нақшаи чорабиниҳоро оид ба рушди

фаъолияти соҳибкории истеҳсолӣ дар минтақаҳои номбурда муносиб гардонем. Аз ин лиҳоз, мо таҳлили SWOT фаъолияти ҳар як МОИ-ро дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ба таври алоҳида дида мебароем.

Ҷадвали 2.15.

**Таҳлили SWOT-и МОИ "Суғд"**

| **Тарафҳои пурқувват** | **Тарафҳои беқувват** |
|---|---|
| - фарҳанги соҳибкории нисбатан рушдёфта дар минтақа;<br>- қувваи кории зиёди арзон дар минтақа;<br>- инфрасохтори истеҳсолии бозорӣ ва иҷтимоии нисбатан рушдёфта;<br>- масофаи наздик то роҳи оҳан;<br>- мавҷудияти фурудгоҳи муосир;<br>- масофаи наздик то ҷумҳуриҳои ҳамсоя (Қирғизистон ва Ӯзбекистон);<br>- мавҷудияти имтиёзҳои появӣ: андозӣ ва ҳуқуқӣ;<br>- мавҷудияти захираҳои бойи табиӣ. | - дараҷаи пасти сохтори нақлиётӣ;<br>- истифодаи бесамари захираҳои табиӣ;<br>- фаъолияти бесамари ширкатҳои роҳи оҳан;<br>- баъзан маҳдуд гардидани таъминоти қувваи барқ дар давраи зимистон. |
| **Имкониятҳо** | **Хатарҳо** |
| - ба роҳ мондани ҳамкориҳои тиҷорати наздисарҳадӣ;<br>- рушди инфрасохтори нақлиётӣ;<br>- сохтмони НБО – и хурд дар наздикии минтақа;<br>- васеъ гардонидани имтиёзҳо ба резидентҳои МОИ;<br>- ҷалби сармоягузорони ватанӣ ба минтақа. | - афзоиши нархи ашёи хом, захираҳои энергетикӣ, маводҳо ва нақлиёт;<br>- офатҳои табиӣ, обхезӣ, заминларза;<br>- сармоягузории нокифояи давлатӣ;<br>- фирори захираҳои зеҳнӣ ба мамлакатҳои нисбатан рушдёфта;<br>- мавҷуд набудани ҳавасмандгардонии корхонаҳои ватанӣ ба маблағгузорӣ. |

***Манбаъ:*** *Аз ҷониби муаллиф дар асоси маводҳои таҳқиқшуда тартиб дода шудааст*

Дар асоси таҳлили SWOT – и МОИ "Суғд" қайд кардан зарур аст, ки минтақа дорои имкониятҳои истифоданашудаи рушдро доро мебошад. Яке аз тарафҳои қавии он фарҳанги соҳибкории нисбатан рушдёфта дар минтақа ба ҳисоб меравад, ки ба сифати қувваи худҳаракаткунанда баромад намуда, бисёр мушкилотро бартараф мекунанд.

Ҳамзамон, ба тарафҳои беқуввати он мушкилии баъзан таъмин нагардидани барқ дар мавсими зимистон дохил мешавад. Ба ақидаи мо хавфҳо дар ин минтақа нисбат ба дигар минтақаҳо камтар буда, имкониятҳо бошад, ҳангоми босамар истифодабарии онҳо метавонад рейтинги минтақаро дар назари сармоягузорони хориҷӣ боло бардорад.

Ҷадвали 2.16.

**Таҳлили SWOT-и МОИ “Панҷ”**

| Тарафҳои пурқувват | Тарафҳои беқувват |
|---|---|
| - мавҷудияти имтиёзҳои появӣ: андозӣ ва ҳуқуқӣ;<br>- мавҷудияти захираҳои бойи табиӣ ва маводҳои сохтмонии аввалия;<br>- мавқеи хуби ҷойгиршавии наздисарҳадӣ;<br>- мавҷудияти захираҳои зиёди меҳнатӣ;<br>- мароити мусоиди иқлимӣ барои парвариши меваҳои ситрусӣ;<br>- мавҷудияти пул миёни Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҷумҳурии Исломии Афғонистон. | - дараҷаи пасти инфрасохтор;<br>- истифодаи бесамари захираҳои табиӣ;<br>- вазъияти нооором дар Ҷумҳурии Исломии Афғонистони ҳамсоя;<br>- таъминоти нопурраи барқ, махсусан дар фасли зимистон;<br>- мавҷуд набудани бозорҳо дар шафати сарҳад бо Афғонистон;<br>- танзим ва идораи камсамари ҷалби сармоягузорон ба минтақа;<br>- самаранокии пасти хароҷотҳои буҷавӣ;<br>- мавҷуд набудани институтҳои молиявӣ дар минтақа;<br>- музди меҳнати пасти кормандони маъмурияти МОИ;<br>- фаъолияти пасти рекламавии маъмурияти МОИ;<br>- мавҷуд набудани имтиёзҳо ба иштирокчиёни МОИ дар давраи сохтмони объектҳо дар ҳудуди МОИ;<br>- иштироки суст дар ярмарка ва намоишгоҳҳо. |
| **Имкониятҳо** | **Хатарҳо** |
| - ба роҳ мондани муносибатҳои тиҷорати наздисарҳадӣ;<br>- аз худ кардани заминҳои нави водии Қарадум;<br>- рушди инфрасохтори нақлиётӣ;<br>- сохтмони роҳи оҳани Ҷумҳурии Тоҷикистон – Ҷумҳуриҳои Исломии Афғонистон – Эрон;<br>- сохтмони НБО – и хурд дар минтақа;<br>- васеъ гардонидани имтиёзҳо барои резидентҳои МОИ;<br>- ҷалби сармоягузорони ватанӣ ба минтақа;<br>- мукаммал гардонидани низоми идоракунии МОИ дар асоси таҷрибаи пешқадами хориҷӣ;<br>- пешниҳоди рекламаи самарноки минтақа. | - нархи баланди ашё, захираҳои энергетикӣ, маводҳо ва нақлиёт;<br>- офатҳои табиӣ, обхезӣ, заминларза;<br>- паҳншавии бемориҳои сироятӣ;<br>- вазъиятиноороми сиёсӣ дар Ҷумҳурии Исломии Афғонистони ҳамсоя;<br>- бюрократия ва коррупсия;<br>- кам будани маблағгузории давлатӣ;<br>- фирори захираҳои зеҳнӣ ба мамлакатҳои нисбатан рушдёфта;<br>- кам будани ҳавасмандгардонии ширкатҳо ва сармоягузорони ватанӣ. |

***Манбаъ:*** *Аз ҷониби муаллиф дар асоси маводҳои таҳқиқшуда тартиб дода шудааст*

Чуноне, ки ба назар мерасад, маҷмӯи тарафҳои беқуввати МОИ-и “Панҷ” нисбат ба дигар минтақаҳо васеътар аст. Тарафҳои пурқуввати он дар ин ҳолат минтақаро аз ин вазъият бароварда наметавонад. Имкониятҳои он

бошад, нисбатан васеътар аст, аммо ба воқеият мубаддал гардонидани онҳо маблағгузориҳои калонро талаб мекунад. Хавфҳои он бошад ҳамзамон боқӣ монда, хусусияти нисбатан зиёди объективӣ назар ба субъективӣ доранд.

Ҷадвали 2.17.

**Таҳлили SWOT-и МОИ “Данғара”[118]**

| Тарафҳои пурқувват | Тарафҳои беқувват |
|---|---|
| - мавҷудияти имтиёзҳои появӣ: андозӣ ва ҳуқуқӣ;<br>- ҷойгиршавии ҷуғрофии мусоид дар маркази Тоҷикистон;<br>- имкониятҳои бештари транзитии ноҳия;<br>- инфрасохтори истеҳсолӣ ва бозории нисбатан рушдёфта;<br>- бо қувваи барқ нисбатан мунтазам таъмин будан;<br>- дастаи идоракунандаи нисбатан пурқувват;<br>- мавҷудияти қувваи кории озод ва арзон дар ноҳия;<br>- мавҷудияти захираҳои табиӣ: газ, қум, шағал, гаҷ) ва дигар маводҳои сохтмонӣ;<br>- шароити мусоиди иқлим барои парвариши зироатҳои кишоварзӣ (аз ҷумла, ситрусиҳо), рушди растанипарварӣ, боғдорӣ ва ғайра;<br>- имкониятҳо барои рушди чорводорӣ ва парандапарварӣ дар ноҳия. | - танзим ва идораи камсамари ҷалби сармоягузорон ба инфрасохтори минтақа;<br>- самаранокии пасти хароҷотҳои буҷетӣ;<br>- музди меҳнати пасти кормандони мудирияти МОИ;<br>- фаъолияти сусти рекламавии маъмурияти минтақа;<br>- норасоии мутахассисони баландихтисос ва ҳавасмандгардонии сусти кормандони маъмурияти МОИ;<br>- мавҷуд набудани имтиёзҳо барои иштирокчиёни МОИ дар давраи сохтмони объектҳо дар ҳудуди минтақа;<br>- ношаффоф будани экспертиза ва тартиби иҷозатдиҳии корхонаҳо. |
| **Имкониятҳо** | **Хатарҳо** |
| - ба роҳ мондани ҳамкориҳои тиҷорати наздисарҳадӣ;<br>- аз худ кардани заминҳои нави кишт дар водии Данғара;<br>- рушди инфрасохтори нақлиётӣ;<br>- сохтмони роҳи оҳани Ҷумҳуриҳои Тоҷикистон – Афғонистон – Эрон;<br>- васеъ гардонидани имтиёзҳо барои резидентҳои МОИ;<br>- ҷалби сармоягузорони ватанӣ ба минтақа;<br>- мукаммалгардонии низоми идоракунии МОИ дар асоси таҷрибаи пешқадами ҷаҳонӣ;<br>- рекламакунонии васеи имтиёзҳои фаъолият дар минтақа. | - афзоиши нархи ашёи хом, захираҳои энергетикӣ, маводҳо ва нақлиёт;<br>- офатҳои табиӣ ва обхезӣ;<br>- номуътадил будани вазъияти сиёсӣ дар Ҷумҳурии Афғонистони ҳамсоя. |

***Манбаъ:*** *Аз ҷониби муаллиф дар асоси маводҳои таҳқиқшуда тартиб дода шудааст*

Ҳамин тариқ, тарафҳои пурқувват ва имкониятҳои МОИ-и “Данғара” ҳамчун омили пурқуввати ҷалби сармоягузории хориҷӣ дар иқтисодиёти

[118] Абдураҳмон Ҳ.. Таҳлили вазъи муосири фаъолияти минтақаи озоди иқтисодии “Данғара” Актуальные проблемы теории и практики бухгалтерского учета, анализа и аудита /Материалы VIII Международной научно-практической конференции (27-28 ноября 2020г., г. Душанбе). С.-129.

Тоҷикистон умедворкунанда мебошад. Ҳангоми идоракунии дуруст бисёр паҳлуҳҳои беқувватро метавон аз байн бурда, унсурҳое, ки ба ҳайси таҳдид баромад мекунанд, на он қадар воқеӣ ҳастанд.

Ҷадвали 2.18.

**Таҳлили SWOT-и МОИ "Ишкошим"**

| Тарафҳои пурқувват | Тарафҳои беқувват |
|---|---|
| - захираҳои бойи табиӣ (сангҳои қиматбаҳо);<br>- дастрасии зиёди захираҳои меҳнатӣ;<br>- наздикӣ бо бозорҳои хориҷӣ (Ҷумҳурии Исломии Афғонистон, Ҷумҳурии Исломии Покистон ва Ҷумҳурии Мардумии Чин);<br>- алоқаи мунтазами автомобилӣ миёни Ишкошим, Ҷумҳурии Мардумии Чин ва Ҷумҳурии Исломии Афғонистон. | - инфрасохтори рушднаёфта (нақлиётӣ, бозорӣ, иҷтимоӣ);<br>- мавҷуд намудани захираҳои молиявӣ;<br>- мушкилоти шароитҳои иқлимӣ;<br>- дур будан аз роҳи оҳан;<br>- ғайри самаранок истифода бурдани захираҳои бойи табиӣ;<br>- танзими ғайрисамаранок ва идоракунӣ оид ба ҷалби сармоягузорон дар бунёди инфрасохтор;<br>- самарнокии пасти хароҷотҳои буҷавӣ;<br>- нокифоя будани иттилоотонидани сармоягузорони иқтидорӣ, рекламаи сусти маъмурияти МОИ;<br>- нарасидани кадрҳои соҳибтахассус ва ҳавасмандгардонии суст барои кормандони маъмурияти МОИ. |
| **Имкониятҳо** | **Хатарҳо** |
| - ҷалби сармоя, техника ва технологияи муосири Ҷумҳурии Мардумии Чин;<br>- истифодабарии ашёи хоми маҳаллии вилоят ва ҳамзамон захираҳои ашёии Вилояти Бадахшони Ҷумҳурии Исломии Афғонистон;<br>- захираҳои бойи табиӣ барои рушди сайёҳии экологӣ ва кӯҳӣ;<br>- ташкили ҷойҳои нави корӣ. | - нархи баланди ашё, захираҳои энергетикӣ, маводҳо ва нақлиёт;<br>- офатҳои табиӣ, обхезӣ, заминларза<br>- вазъияти номуътадили сиёсӣ дар Ҷумҳурии Исломии Афғонистони ҳамсоя;<br>- бюрократизатсия ва коррупсия (фассод);<br>- сармоягузории ками давлатӣ;<br>- эҳтимолияти пеш аз муҳлат баста шудани фаъолияти МОИ дар вобастагӣ дар иҷро нашудани барнома (дар давраи гузариш). |

***Манбаъ:*** *Аз ҷониби муаллиф дар асоси маводҳои таҳқиқшуда тартиб дода шудааст*

Аз рӯи натиҷаи таҳлили SWOT-и МОИ-и "Ишкошим" ба хулосаи зерин омадан мумкин аст, ки минтақаи мазкур нисбат ба дигар минтақаҳо хеле сусттарақикарда мебошад. Ба ақидаи мо дар навбати аввал ин мавҷуд набудани роҳи оҳан ва минтақаи кӯҳсор будани ноҳияи Ишкошим мебошад.

Аз ин лиҳоз, фаъолияти минбаъдаи минтақаи мазкур аз рӯи бисёр нишондиҳандаҳо чандон назаррас нест.

Ҷадвали 2.19.

**Таҳлили SWOT-и МОИ "Кӯлоб"**

| Тарафҳои пурқувват | Тарафҳои беқувват (суст) |
|---|---|
| - мавҷудияти имтиёзҳои появӣ: андозӣ ва ҳуқуқӣ;<br>- ҷойгиршавии ҷуғрофии мусоид;<br>- имкониятҳои бештари транзитии ноҳия;<br>- инфрасохтори истеҳсолӣ ва бозории нисбатан рушдёфта;<br>- дастаи идоракунандаи нисбатан пурқувват;<br>- мавҷудияти қувваи кории озод ва арзон дар ноҳия;<br>- мавҷудияти захираҳои табиӣ: намак, қум, шағал, гаҷ) ва дигар маводҳои сохтмонӣ;<br>- шароити мусоиди иқлимӣ барои парвариши зироатҳои кишоварзӣ, рушди растанипарварӣ, боғдорӣ ва ғайра;<br>- имкониятҳо барои рушди чорводорӣ ва парандапарварӣ дар шаҳр. | - танзим ва идораи камсамари ҷалби сармоягузорон ба инфрасохтори минтақа;<br>- самаранокии пасти хароҷотҳои буҷетӣ;<br>- музди меҳнати пасти кормандони мудирияти МОИ;<br>- фаъолияти сусти рекламавии маъмурияти минтақа;<br>- норасоии мутахассисони баландихтисос ва ҳавасмандгардонии сусти кормандони маъмурияти МОИ;<br>- мавҷуд набудани имтиёзҳо барои иштирокчиёни МОИ дар давраи сохтмони объектҳо дар ҳудуди минтақа;<br>- ношаффоф будани экспертиза ва тартиби иҷозатдиҳии корхонаҳо. |
| **Имкониятҳо** | **Хатарҳо** |
| - ба роҳ мондани ҳамкориҳои тиҷорати наздисарҳадӣ;<br>- аз худ кардани заминҳои нави кишт дар шаҳр;<br>- рушди инфрасохтори нақлиётӣ;<br>- сохтмони роҳи оҳани Ҷумҳурии Тоҷикистон – Ҷумҳурии Исломии Афғонистон;<br>- васеъ гардонидани имтиёзҳо барои резидентҳои МОИ;<br>- ҷалби сармоягузорони ватанӣ ва хориҷӣ ба минтақа;<br>- мукаммалгардонии низоми идоракунии МОИ дар асоси таҷрибаи пешқадами ҷаҳонӣ;<br>- рекламаи васеи имтиёзҳои фаъолият дар минтақа. | - афзоиши нархи ашёи хом, захираҳои энергетикӣ, маводҳо ва нақлиёт;<br>- офатҳои табиӣ ва обхезӣ;<br>- номуътадил будани вазъияти сиёсӣ дар Ҷумҳурии Исломии Афғонистони ҳамсоя. |

***Манбаъ:*** *Аз ҷониби муаллиф дар асоси маводҳои таҳқиқшуда тартиб дода шудааст*

Тарафҳои пурқувват ва имкониятҳои МОИ-и "Кӯлоб" ҳамчун омили пурқуввати ҷалби сармоягузории хориҷӣ дар иқтисодиёти Тоҷикистон

умедворкунанда буда, дар натиҷаи идоракунии дурусти минтақа паҳлуҳои беқуввати онро метавон аз байн бурд.

Бояд қайд кард, мумкин аст, ки минтақаи озоди иқтисодӣ “Кӯлоб” дар оянда барои ҷалби сармоягузориҳои хориҷӣ ва дохилӣ, бунёди корхонаҳои саноатӣ ва дар ин замина фароҳам овардани ҷойҳои нави муносиби корӣ ва зиёд намудани ҳаҷми содироти маҳсулот мусоидат хоҳад намуд.

Ҳамин тариқ, таҳлили вазъи муосири фаъолияти соҳибкории истеҳсолӣ дар МОИ нишон дод, ки МОИ-и “Суғд” ва “Данғара” назар ба дигар минтақаҳои мавҷудбуда назаррас буда, дарояндаи наздик ба яке аз минтақаҳои пуриқтидори соҳибкории истеҳсолӣ табдил хоҳанд ёфт. Вазъи соҳибкории истеҳсолӣ дар МОИ-и “Панҷ”, “Ишкошим” ва “Кӯлоб” ҳамоно нигаронкунанда боқӣ мемонанд.

# БОБИ III. ДУРНАМОИ РУШДИ СОҲИБКОРИИ ИСТЕҲСОЛӢ ДАР МИНТАҚАҲОИ ОЗОДИ ИҚТИСОДӢ

## 3.1. Самтҳои афзалиятноки рушди соҳибкории истеҳсолӣ дар минтақаҳои озоди иқтисодӣ

Таҷрибаи кишварҳои пешрафтаи ҷаҳон нишон медиҳад, ки соҳибкории истеҳсолӣ дар рушди соҳаи саноат саҳми калон дошта, дар ҳаёти иҷтимоӣ ва иқтисодии кишварҳо нақши муҳимро мебозад.

Масъалаи баланд бардоштани самаранокии истеҳсолот яке аз вазифҳои асосии корхонаи истеҳсолӣ ба шумор меравад. Истеҳсоли маҳсулоти хушсифат, зиёд намудани номгӯи молӣ, саривақт таъмин намудани бозори истеъмолӣ бо маҳсулоти хушсифат вазифаи муҳими корхонаҳои истеҳсолӣ мебошад. Таҳлилҳо собит менамоянд, ки дар Ҷумҳурии Тоҷикистон бо қабул ва амалӣ намудани як қатор санадҳои меъёрию ҳуқуқӣ заминаҳои рушди соҳибкории истеҳсолӣ фароҳам оварда шудааст.

Бояд зикр кард, бо вуҷуди тамоюли мусбати рушди соҳибкорӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, омилҳое ба назар мерасанд, ки ба рушди истеҳсолот монеъ мегарданд:[119]

✓ номукаммалии санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ, ки рушди соҳибкорӣ, иҷозатномадиҳӣ, сертификатсиякунонӣ, гузаронидани санҷишҳо, андозбандии субъектҳои соҳибкории хурду миёна, содирот ва воридоти молҳоро танзим менамоянд;

✓ норасоии захираҳои молиявӣ ва сармоявӣ;

✓ сатҳи баланди коррупсия дар мақомотҳои давлатӣ;

✓ сатҳи нокифояи омодагии касбии кадрҳои ихтисосманди мақомоти салоҳиятдор ва соҳибкорӣ;

✓ рушди нокифояи инфрасохтори дастгирии соҳибкорон, хусусан соҳибкорони ҷавон;

✓ ҳамкории сусти давлат ва бахши хусусӣ;

[119] Барномаи дастгирии давлатии соҳибкорӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2012-2020. Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 апрели соли 2012, № 201.

- ✓ сатҳи пасти ҳосилнокии меҳнат;
- ✓ истифодаи техника ва таҷҳизоти истеҳсолии кӯҳнашуда;
- ✓ сатҳи пасти истеҳсолоти технологӣ;
- ✓ сифати паст ва рақобатнопазирии маҳсулоти истеҳсоли ватанӣ.

Самтҳои афзалиятноки рушди соҳибкории истеҳсолӣ дар МОИ асосан барои истеҳсоли молҳои саноатӣ ва ивазкунандаи воридот нигаронида шудааст.

Ба самтҳои афзалиятнок ва дурнамои рушди соҳибкории истеҳсолӣ дар МОИ-и Ҷумҳурии Тоҷикистон як қатор омилҳо таъсири худро мерасонанд. Ба муҳимтарин омилҳои таъсиррасон ба рушди фаъолияти самараноки соҳибкории истеҳсолӣ дар МОИ инҳоро ҷудо намудан мумкин аст:

*1. Мукаммалгардонии асосҳои қонунгузорӣ.* Дар Ҷумҳурии Тоқистон тайи солҳои охир як қатор санадҳои меъёрӣ – ҳуқуқӣ, инчунин чораҳои мушаххас оид ба рушди асосҳои ҳуқуқӣ ва ташкилии мукаммалгардонии фаъолияти МОИ қабул гардидаанд.

Фаъолияти МОИ тибқи қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи минтақаҳои озоди иқтисодӣ” аз 25 марти соли 2011, № 700 та танзим даровroutинда мешавад. Ғайр аз қонуни номбурда барои танзими фаъолияти МОИ меъёрҳои кодексҳои гумрукӣ ва андоз, қонунҳо дар соҳаи савдои хориҷӣ, фаъолияти сармоягузорӣ ва гумрукӣ, инчунин дигар санадҳои зерқонунӣ қабул гардидаанд, ки масъалаҳои фаъолияти МОИ – ро ба танзим даровarда хусусияти фардӣ доранд.

Айни замон қонуни мазкур ба дараҷаи зарурӣ муносибатҳое, ки дар ҳудуди МОИ амалӣ карда мешаванд, ба пуррагӣ фаро нагирифта, ба танзим намедарорад. Махсусан, дар қонунгузорӣ ташаббускори бунёди МОИ субъекте, ки бахши стратегии онро ташаккул медиҳад, маҳакҳои фаъолияти самараноки онро муайянкунанда ва номгӯи соҳаҳое, ки истеҳсолоти онҳо бояд дар МОИ - и мушаххас ҷойгир карда шаванд, дарҷ нагардидаанд. Дар он вазифаи вазорат ва идораҳо дар рушди МОИ, танзими ва мониторинги

фаъолияти онҳо низ қайд нагардидааст. Масъалаи ҷудогона низ сифат ва шаффофияти қонунгузорӣ ба ҳисоб меравад.

Ҳамаи ин зарурияти гузаронидани инвентаризатсия ва унификатсияи ҳамаи санадҳои қабулшуда, таҳия ва қабули қонун "Дар бораи минтақаҳои озоди иқтисодӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон" дар таҳрири нав бо истисноӣ меъёрҳои такроршаванда барои танзими ҳамаҷонибаи фаъолияти МОИ дар ҳамаи намудҳои он, тақозо мекунад. Ҳамчунин, ба консепсияи мукаммалсозии фаъолияти меъёрэҷодкунии қабулшуда мутобиқат бояд кунад.

*2. Мукаммалгардонии идоракунии минтақаҳои озоди иқтисодӣ.* Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон идоракунии фаъолияти МОИ аз ҷониби маъмурияти МОИ дар доираи ваколати худ, ки қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи минтақаҳои озоди иқтисодӣ", низомномаи МОИ, оиннома ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқии танзимкунандаи фаъолияти МОИ муайян мекунанд, амалӣ менамояд.

Маъмурияти МОИ - ро Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон таъсис ва тартиби фаъолияти маъмурияти МОИ - ро низомномаи МОИ муайян менамояд. Маъмурияти МОИ тобеи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва мақомоти ваколатдори давлатӣ оид ба МОИ мебошад. Таъсиси маъмурияти умумӣ барои идоракунии якчанд МОИ иҷозат дода мешавад[120].

Роҳбарии фаъолияти маъмурияти МОИ - ро роҳбари маъмурияти МОИ амалӣ менамояд. Роҳбари маъмурияти МОИ бо пешниҳоди мақомоти ваколатдори давлатӣ оид ба МОИ аз ҷониби Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ба вазифа таъин ва аз вазифа озод карда мешавад.

Дирексияи МОИ мақомоте мебошад, ки бевосита бо сармоягузорони хориҷӣ кор карда, кори бевоситаи иштирокдорони МОИ - ро амалӣ намуда, ба онҳо кӯмаки ҳамаҷониба мерасонад. Ҳамзамон, шатати кории амалкунандаи дирексия барои фаро гирифтани ҳамаи паҳлуҳои фаъолияти

[120] Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи минтақаҳои озоди иқтисодӣ", Боби 3. Идоракунии минтақаҳои озоди иқтисодӣ аз 25 марти соли 2011, № 700 (Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон соли 2011, №3, мод. 167).

МОИ нокифоя буда, мутахассисон имконияти баланд бардоштани дараҷаи касбият ва таҷриба барои пеш бурдани фаъолияти МОИ надоранд. Ғайр аз ин, яке аз мушкилоти асосӣ дар МОИ ин тартиби гирифтани қитъаи замин мебошад.

Маъмурияти МОИ қитъаҳои заминро дар ҳудуди он дар асоси муқаррароти қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи минтақаҳои озоди иқтисодӣ" ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки муносибатҳои вобаста ба заминро танзим мекунанд, истифода менамояд. Тартиби пешниҳоди қитъаҳои замин ба субъектҳои минтақаи озоди иқтисодӣ дар ҳудуди МОИ мувофиқи низомномаи МОИ муайян карда мешавад[121].

Мушкилоти дигар ин ҳангоми гирифтани қитъаҳои замин барои пешбурди фаъолияти МОИ ин мушкилотҳо оид ба ҳамоҳангсозӣ ва таъсири байниҳамдигарии МОИ бо Мақомотҳои иҷроияи ҳокимияти давлатии шаҳру ноҳияҳо мебошад.

Бояд қайд кард, ки дар мамлакатҳои тараққикарда идоракунии фаъолияти МОИ-ро мақомоти ягона идора мекунад. Мисол, дар Чин – Кумитаи музофоти Гуандун барои идораи МОИ, дар Кореяи Ҷанубӣ бошад Кумитаи МОИ ва ғайра.

Дар робита ба ин дар самти беҳтар намудани идоракунии МОИ чунин пешниҳодҳо менамоем:

- ба дирексия пешниҳод намудани ҳуқуқи мустақилона баррасӣ намудани ҳамаи дархостҳо бо арзиши зиёда аз 5 млрд. долл., ки ин имкон медиҳад масъулият ва ҳамкории дирексияро бо ҳокимияти минтақавӣ пурзур намоем;

- бо назардошти дар минбаъда зарурияти коҳиш додани таъсири маъмурӣ ба соҳаи иқтисодиёт ва васеъ гардонидани механизмҳои идоракунии бозорӣ, ки яке аз самтҳои афзалиятноки ислоҳоти маъмурӣ ба ҳисоб меравад, бояд ҳуқуқи пешниҳоди қитъаҳои замин барои ҷойгир

[121] Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи минтақаҳои озоди иқтисодӣ", Боби 4. Низоми махсуси ҳуқуқӣ дар минтақаҳои озоди иқтисодӣ аз 25 марти соли 2011, № 700 (Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон соли 2011, №3, мод. 167).

кардани корхонаҳо – иштироккунандагони МОИ ба худи дирексияи МОИ вогузор карда шавад.

Таҷрибаи ҷаҳонӣ нишон медиҳад, ки интиқоли идоракунии МОИ аз ҷониби менеҷерони хориҷӣ ё ширкатҳои махсус - таҷрибаи васеъ паҳнгардида мебошад, ки дар рушди МОИ нисбатан самаранок ҳисобида мешаванд.

Аз гуфтаҳои боло бар меояд, ки ба сифати озмоиш пешниҳод карда мешавад, ки ҳуқуқи идоракунии дирексияи як қатор минтақаҳои озоди иқтисодӣ, ки дар қаламрави ҷумҳурӣ вуҷуд доранд, ба менеҷерҳои ширкатҳои бузурги хориҷӣ, ки дар ин соҳа махсус гардонида шудаанд, вогузор карда шаванд.

*3. Мукаммалгардонии тартиби интихоб ва бақайдгирии сармоягузорон.* Дар раванди интихоби лоиҳаҳои сармоягузорон барои ҷойгиркунӣ дар ҳудуди МОИ ва бақайдгирии иштирокчиёни он сармоягузор ба дирексия дархости сармоягузориро оид ба ҷойгиркунии истеҳсолот дар ҳудуди МОИ бо замимаи он чунин пешниҳод мекунад:

- маълумот дар бораи мавҷудияти бақайдгирии шахсони ҳуқуқӣ (сармоягузорон) ё ҳуҷҷате, ки фаъолияти онро тасдиқ мекунад;

- нақшаи соҳибкорӣ, ки ба лоиҳаи сармоягузорӣ замима карда мешавад;

- маълумот дар бораи таҷрибанокии фаъолияти сармоягузор дар соҳаи мувофиқ ё амалӣ намудани лоиҳаҳои сармоягузории ба инҳо монанд;

- маълумот дар бораи фаъолияти молиявӣ – хоҷагидории сармоягузор тайи се соли охир.

Дар ҳолати мавҷуд набудани таҷриба дар соҳаи мувофиқ ё амалӣ намудани лоиҳаҳои сармоягузории ба инҳо монанд сармоягузор ба дирексияи МОИ маълумотро оид ба шарикони технологие, ки баҳри амалӣ намудани лоиҳаи сармоягузорӣ ҷалб мегарданд, пешниҳод менамоянд.

Бизнес - нақшаҳо ва лоиҳаҳои сармоягузорӣ бояд ба талаботҳои зерин мутобиқат намоянд:[122]

- ҳаҷми сармоягузорӣ барои амалӣ намудани фаъолияти истеҳсолӣ – на камтар аз маблағи эквиваленти 500 ҳаз. доллари ИМА;

- ворид намудани на кам аз 90%-и таҷҳизоти технологӣ – истеҳсолӣ;

- муҳлати қаблан истифодашудаи таҷҳизоти технологӣ – истеҳсолии воридшаванда на бояд аз 3 сол зиёд бошад;

- оғоз намудани истеҳсоли маҳсулот на дертар аз 3 сол аз рӯзи бақайдгирии давлатӣ ҳамчун субъекти МОИ;

- ҳаҷми сармоягузорӣ барои амалӣ намудани фаъолияти содиротию воридотӣ – на камтар аз маблағи эквиваленти 50 ҳаз. доллари ИМА;

- ҳаҷми сармоягузорӣ барои амалӣ намудани фаъолияти хизматрасонӣ – на камтар аз эквиваленти 10 ҳаз. доллари ИМА.

Ҳуҷҷатҳое, ки ба талаботи банди мазкур ҷавобгӯй намебошанд, барои баррасӣ қабул карда намешаванд.

Маъмурияти МОИ дар мӯҳлати се рӯзи корӣ аз рузи гирифтани ариза, довталабро бо қарори қабулшуда огоҳ мекунад. Довталабон барои дурустии маълумоти пешниҳодшуда мутобиқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон масъул мебошанд. Шакл ва тартиби омода намудани ариза, маълумоти иттилоотӣ, бизнес - нақша ва ё лоиҳаи сармоягузории довталаб аз ҷониби мақоми ваколатдори давлатии идоракунии МОИ таҳия ва тасдиқ мегардад. Довталаб барои гирифтани сертификати субъектҳои МОИ (минбаъд - сертификат) бо Маъмурияти МОИ шартномаи фаъолиятро (минбаъд - шартнома) ба имзо мерасонад.

Ғайр аз ин, мавҷудияти талаботи тарҷумаи ҳамаи ҳуҷҷатҳои замимашавандаи сармоягузорон ба забонҳои давлатӣ ё русӣ раванди мушкили бақайдгирӣ ҳисобида мешавад. Он ба хароҷотҳои барзиёди воситаҳои пулӣ ва вақти сармоягузорон оварда мерасонад. Азбаски забони

---

122 Низомномаи минтақаи озоди иқтисодии «Данғара»., бо Қарори Маҷлиси Намояндагони Наҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 20.01.2010 с. №1545.

англисӣ забони асосии байналхалқӣ ба ҳисоб меравад, қобили қабул аст, ки талабот оид ба тарҷумаи ҳуҷҷатҳои сармоягузорон ба забонҳои давлатӣ ва русӣ бардошта шуда, агар ин ҳуҷҷатҳо ба забони англисӣ бошанд, механизми пешбурди коргузориро ба забонҳои англисӣ (хитоӣ, олмонӣ, кореягӣ) ва монанди инҳо ба роҳ мондан лозим аст.

Дар робита ба ин зарурияти ташаккул додади пояи санадҳои меъёрӣ – ҳуқуқӣ ба забони англисӣ ба миён меояд, ки ҳамаи паҳлуҳои фаъолиятро дар ҳудуди МОИ дар бар мегирад. Барои таъмини коргузорӣ бо забони англисӣ қобили қабул аст, ки дирексия ва резидентҳои хизматрасони МОИ (бонкҳо, ширкатҳои суғуртавӣ, консалтингӣ) ва ғайра аз ҳисоби хатмкунандагони мактабҳои олӣ, ки оид ба муносибатҳои иқтисоди хориҷии махсус таълим гирифтаанд, таъмин карда шавад.

*4. Мукаммалгардонии низоми андозбандӣ ва танзими гумрукӣ дар МОИ.* Дар ҳудуди МОИ фаъолияти соҳибкорӣ, новобаста ба шаклҳои моликият, аз пардохти ҳама гуна андозҳо, ки дар Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон пешбинӣ гардидаанд, ба ғайр аз андози иҷтимоӣ ва андоз аз даромади шахсони воқеӣ озод карда мешавад[123].

Андози иҷтимоӣ ва андоз аз даромади шахсони воқеии МОИ мутобиқи Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон мустақилона ҳисоб ва пардохт карда мешаванд. Андоз аз даромади шахсони воқеӣ барои мутахассисони хориҷӣ - ғайрирезидентони Ҷумҳурии Тоҷикистон бо тартиби дар Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон муқарраргардида пардохт карда мешавад. Пардохти пурра ва саривақтии андози иҷтимоӣ ва андоз аз даромади шахсони воқеии МОИ-ро мақомоти андоз назорат мекунад. Даромади бадастомадаи сармоягузорони хориҷӣ ва музди меҳнати коргарони хориҷӣ, ки бо асъори хориҷӣ пардохт шудааст, бидуни монеа метавонанд ба хориҷи кишвар интиқол дода шаванд ва дар ин маврид онҳо аз андоз озод мебошанд.

---

[123] Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи минтақаҳои озоди иқтисодӣ”, Боби 4. Низоми махсуси ҳуқуқӣ дар минтақаҳои озоди иқтисодӣ аз 25 марти соли 2011, № 700 (Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон соли 2011, №3, мод. 167).

Имтиёзҳои андозӣ танҳо ба он қисми фаъолияти субъектҳо, ки дар ҳудуди МОИ анҷом дода мешаванд, амал мекунанд. Андозбандии фаъолияти берун аз ҳудуди МОИ дар асосҳои умумӣ мутобиқи қонунгузории андози Ҷумҳурии Тоҷикистон амалӣ мегардад. Субъектҳои МОИ андозсупоранда буда, баҳисобгирии фаъолияти молиявию хоҷагидориро мустақилона пеш мебаранд.

Айни замон дар МОИ Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳаҷми сармоягузорӣ барои амалӣ намудани фаъолияти истеҳсолӣ – на камтар аз маблағи эквиваленти 500 ҳаз. доллари ИМА – ро ташкил намуда, ворид намудани на кам аз 90%-и таҷҳизоти технологӣ – истеҳсолӣ ва муҳлати қаблан истифодашудаи таҷҳизоти технологӣ – истеҳсолии воридшаванда на бояд аз 3 сол зиёд бошад. Оғоз намудани истеҳсоли маҳсулот на дертар аз 3 сол аз рӯзи бақайдгирии давлатӣ ҳамчун субъекти МОИ бояд сурат гирад. Аммо, ҳолати муосири рушди соҳибкорӣ, вазъи бозори мамлакат барои сармоягузорони маҳаллӣ барои сармоягузорӣ кардан аз ҷониби онҳо монеа мешавад. Ба андешаи мо ҳаҷми сармоягузорӣ барои амалӣ намудани фаъолияти истеҳсолӣ дар минтақаҳои озоди иқтисодӣ бояд кам карда шавад.

Камбудии дигари тартиби андозбандӣ дар МОИ ин муҳлати ҳисобӣ намудани имтиёзҳои андозӣ мебошад. Чун қоида оғози ҳисоби имтиёзҳои андозӣ аз лаҳзаи гирифтани шаҳодатнома оид ба қайди иштирокдорони МОИ, ки аз ҷониби дирексияи МОИ дода мешавад, ҳисоб карда мешавад.

Бояд қайд кард, ки ба резидентҳои дар МОИ фаъолияткунанда имтиёзҳои якхела новобаста аз рушди иқтисодии минтақа ва ҷойгиршавии ҳудудии он пешниҳод карда шудааст, ки ин барои ҷалби сармоягузорони хориҷӣ ба ноҳияҳои дури мамлакат мувофиқи мақсад нест.

Ба андешаи мо, сармоягузории бештар аз буҷети ҷумҳурӣ, баланд бардоштани имтиёзҳои андозию гумрукӣ ба МОИ-и “Ишкошим” ва “Панҷ”, ки назар ба дигар минтақаҳо аз ҷиҳати инфрасохтор, сармоягузорӣ ва рушди иқтисодӣ қафомондаанд, мувофиқи мақсад мебошад.

Бояд зикр намуд, ки яке аз ҳадафҳои МОИ истеҳсоли маҳсулоти ба содирот нигаронидашуда мебошад, ки бояд дар бозорҳои хориҷӣ фурӯхта шуда, ба кишвар ворид намудани асъори хориҷиро таъмин кунад. Инчунин, бояд низоми амалкунандаи имтиёзҳо ба резидентҳои МОИ имконияти истеҳсоли маҳсулоти якхела ё алтернативӣ, ки бо он истеҳсолкунанда берун аз МОИ аз ҳисоби мавҷуд набудани имтиёз рақобат карда наметавонанд. Чунин омил ба рақобати носолим ва ғайрифоиданок будани фаъолияти иқтисодии як қатор корхонаҳо оварда мерасонад.

Дар ҷабҳаи зерин бояд ба таҷрибаи хориҷӣ рӯ оварем. Мисол, дар МОИ-и махусусгардонидашудаи Дубайи Аморати Муттаҳидаи Араб, ки барои истеҳсоли молҳо дар баъзе мавридҳо пешниҳоди хизматрасониҳо пешбинӣ шуда, онҳо бо ҳудудҳои МОИ маҳдуд карда шудаанд. Ҳангоми фурӯши мол ва хизматраоснихо берун аз ҳудуди МОИ чунин молу хизматрасониҳо маҳдуд карда мешаванд ё пардохти гумрукии мувофиқро талаб мекунанд. Ин бо мақсади ҳимояи бозор ва таъмини мақсади асосии содироти мол мебошад. МОИ қисми минтақаи гумрукии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба ҳисоб меравад. Моли дар ҳудуди МОИ ҷойгиршуда бо мақсади озод намудан аз боҷҳои гумрукӣ ва андозҳо, инчунин манъ ва маҳдудкуниҳои дорои хусусияти иқтисодӣ, ки тибқи санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон муайян шудаанд, ҳамчун моли берун аз қаламрави гумрукии Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷойгиршуда ҳисобида мешавад[124].

Ба МОИ молҳои хориҷӣ ва ватанӣ бе пардохти боҷҳои гумрукӣ ва андозҳо, инчунин бе истифодаи манъ ва маҳдудкуниҳои дорои хусусияти иқтисодӣ, ки тибқи санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон муайян шудаанд, ворид карда мешаванд.

Воридоти таҷҳизоти истеҳсолӣ, сохтмонӣ ва молҳои зарурӣ барои ташкили инфрасохтори МОИ аз ҷониби субъектҳо ва маъмурияти МОИ аз

[124] Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи минтақаҳои озоди иқтисодӣ”, Боби 4. Низоми махсуси ҳуқуқӣ дар минтақаҳои озоди иқтисодӣ аз 25 марти соли 2011, № 700 (Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон соли 2011, №3, мод. 167).

пардохти андоз ва боҷҳои гумрукӣ озод мебошад. Номгӯйи чунин молҳо аз ҷониби Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон муқаррар карда мешавад.

Ҳангоми аз ҳудуди МОИ ба беруни Ҷумҳурии Тоҷикистон интиқол додани мол, андозҳо ва боҷҳои гумрукӣ, ба истиснои хироҷи барасмиятдарории гумрукӣ ситонида намешаванд, манъ ва маҳдудкуниҳои дорои хусусияти иқтисодӣ татбиқ намегарданд.

Ҳангоми аз ҳудуди МОИ ба қисми дигари ҳудуди гумрукии Ҷумҳурии Тоҷикистон интиқол додани мол андозҳо ва боҷҳои гумрукӣ ситонида мешаванд ва чораҳои манъ ва маҳдудкуниҳои дорои хусусияти иқтисодӣ, ки мутобиқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон муқаррар карда шудаанд, тибқи шартҳои низоми гумрукии қабулгардида татбиқ карда мешаванд.

Муайян намудани кишвари истеҳсолкунанда нисбати молҳои дар МОИ истеҳсолшуда ва ба он интиқолшаванда мутобиқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ва санадҳои ҳуқуқии байналмилалие, ки Тоҷикистон онҳоро эътироф намудааст, амалӣ карда мешавад.

Аз гуфтаҳои боло бар меояд, ки масъалаи таъмини ҳимояи манфиатҳои субъектҳои соҳибкории берун аз МОИ мамлакат ва самти сиёсатро дар соҳаи озодкунии боҷҳои воридотӣ дар робита бо фаъолияти МОИ аз нав дида баромада шавад.

*5. Рушди инфрасохтори иҷтимоӣ.* Айни замон яке аз омилҳои асосии боздорандаи рушди истеҳсолот дар ҳудуди МОИ ва ҷалби сармояи хориҷӣ мавҷуд набудани инфрасохтори иҷтимоӣ ба ҳисоб меравад.

Лозим ба ёдоварист, ки барои фаъолияти устувори ин минтақаҳо роҳбарияти МОИ бояд баҳри рушди объектҳои манзил, таъиноти иҷтимоӣ фарҳангӣ, соҳаи хоҷагии манзилу коммуналӣ, корхонаву ташкилотҳои низоми тандурустӣ, маориф инчунин, ташкилоту муассисаҳои сайёҳӣ, савдои чакана, хӯроки омма, соҳаи хизматрасонӣ, муассисаҳои варзишию солимгардонӣ таваҷҷӯҳи махсус зоҳир намоянд. Мавҷудияти инҳо ба коргарони МОИ шароити мусоид барои буду бош, сарфаи вақт ва воситаҳои

молиявӣ фароҳам оварда, дар навбати худ ба рушди суръати истеҳсолот дар МОИ таъсир мерасонад.

Ҳамин тавр, дар дохили МОИ бунёд намудани инфрасохтори иҷтимоӣ барои мукаммалгардонии фаъолияти чунин минтақаҳо хизмат мерасонад.

Бо назардошти суханҳои боло дар ҳудуди МОИ бунёди шабакаҳои бонкҳо, ширкатҳои суғуртавӣ ва марказҳои консалтингӣ мувофиқи мақсад аст. Раванди мазкур дар таҷрибаи минтақаҳои озоди иқтисодии бисёр мамлакатҳо аз ҷумла, Кореяи Ҷанубӣ, Аморати Муттаҳидаи Араб, Чин ва Сингапур вуҷуд дорад.

*6. Беҳтар гардонидани имиҷи минтақаҳои озоди иқтисодӣ.* Айни замон МОИ-и Ҷумҳурии Тоҷикистон он қадар маъмулу машҳур нестанд. Онҳо дар шабакаи байналмилалии Интернет сомона доранд, аммо маълумотҳои онҳо кӯҳна ва ноппура буда, дер иваз карда мешаванд. Рекламаи онҳо низ дар шабакаҳои иҷтимоӣ хуб ба роҳ монда нашудааст. Ҳамзамон, қайд кардан ба маврид аст, ки МОИ-и машҳури ИМА, Дубай, Чин, Корея ва Сингапур имиҷи худро ҳамчун ҳавзаи сармоягузории байналхалқии мусоид тавассути амалӣ намудани чорабиниҳои рекламавӣ ташаккул додаанд.

Рекламаи МОИ яке аз омилҳои асосии ҷалби сармояи хориҷӣ ва муҳити пурқуввати пешбурди соҳибкории байналхалқӣ мебошад. Аз ин лиҳоз, аксари МОИ-и ҷаҳон ҳамасола маблағҳои калонро барои реклама ва баланд бардоштани имиҷи худ ҷудо менамоянд. Дар робита ба ин амалӣ намудани чорабиниҳои рекламавии васеи МОИ-и кишвар зарур шуморида мешавад. Ташкили намоиши видиёроликҳо, филмҳои ҳуҷҷатӣ, мусоҳибаи мутахассисон соҳа, рекламаҳои кӯтоҳ ва намоишҳои телевизионӣ дар шабакаҳои ҳам дохилӣ ва ҳам хориҷӣ инчунин, гузаронидани конфронсҳои ҷумҳуриявию байналхалқӣ, мизҳои мудаввар ва семинарҳо аз ҷониби мо пешниҳод карда мешавад.

Айни замон Вазорати рушди иқтисод ва савдои Ҷумҳурии Тоҷикистон дар якҷоягӣ бо Кумитаи давлатии сармоягузорӣ ва идораи амволи давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон чораҳои фаъолро оиди ҷалби сармоягузории хориҷӣ

андешида истодаанд. Аммо, ин чораҳо хислати умумӣ дошта, танҳо ба тамоми ҷумҳурӣ равона карда шуда, барои ҷалби сармоягузорон ба МОИ нигаронида нашудаанд. Таҳия ва амалӣ намудани стратегияи маркетингии ҷалби сармоягузорони хориҷӣ ба МОИ бо дастгирии вазорату идораҳои калидӣ имкон медиҳад, ки воридоти сармояҳои хориҷӣ ба МОИ афзун гардида, самаранокии фаъолияти онҳо баланд гардад.

Ҳамин тариқ, ҳамаи омилҳои дар боло зикргардида дар баланд бардоштани самаранокии фаъолияти соҳибкории истеҳсолии МОИ-и кишвар таъсир расонида, бартараф кардани камбудиҳои ҷойдошта метавонад боиси самаранокии фаъолияти онҳо гардад.

Дар маҷмӯъ, ба андешаи мо шарти зарурии рушди соҳибкории истеҳсолӣ дар МОИ, ин мавҷудияти инфрасохтори мукаммали институтсионалӣ буда, он дар ташаккул ва нигоҳдории фазои мусоиду шароити созгор барои таъмини рақобатпазирии субъектҳои соҳибкорӣ зоҳир мегардад. Зимнан, унсури калидӣ дар рафти ин равандҳо ташаккули ниҳодҳои таъминоти истеҳсолӣ, илмӣ-техникӣ, молиявию қарзӣ, иттилоотӣ, кадрӣ ва ҳуқуқии соҳибкории истеҳсолӣ маҳсуб меёбад.

Модели ба тасмимҳои истеҳсолӣ ва табдилдиҳии коркардҳои технологӣ асосёфта ҳалқаи сарбастаро пешбинӣ карда, бунёди пойгоҳи коркардҳо ва технологияҳои илмӣ, ҷорисозии онҳо дар истеҳсолот, интиқоли технологияҳои инноватсионӣ ба бозори истеҳсолӣ, омӯзиши талабот ба коркардҳои илмӣ дар бозори истеҳсолӣ ва чун натиҷаи ҷамъбастӣ таъсисдиҳии пойгоҳи фармоишотӣ ба такмилдиҳии ҷараёни истеҳсолот, ҳалли масоили марбут ба ҷараёни истеҳсолӣ бо истифода аз нерую иқтидори кормандони илмӣ ва навоварон дар шароити имрӯзаи иқтисоди миллӣ хело мубрам мебошад.

Дар баробари ин, ҳамкории мутақобилаи ниҳодҳои давлатӣ дар шароити иқтисодиёти бозорӣ ва субъектҳои соҳибкории истеҳсолӣ дар заминаи тавсеаи механизми инфрасохтори мусоидаткунанда ҳамчун унсури муҳимтарини низоми муносибатҳои иқтисодӣ баромад мекунад ва

самаранокии фаъолияти субъектҳои соҳибкорӣ дар бисёр маврид аз он вобаста аст.

Дар натиҷаи таҳқиқот ва таҳлили анҷомдодашуда дар байни субъектҳои соҳибкории истеҳсолӣ афзалиятҳо ва муҳимияти шароити ташкилкунӣ ва пешбурди соҳибкории истеҳсолӣ, аҳамияти ҳар як гурӯҳи самтҳои такмили сиёсати давлатӣ дар соҳаи соҳибкории истеҳсолӣ барои соҳибкорони эҳтимолӣ ва соҳибкорони таҷрибадор дар Ҷумҳурии Тоҷикистон мушаххас ва радабандӣ гардида, дар шароти кунунӣ барои соҳибкорони мамлакат низоми андозбандии мавҷуда ҳамчун муҳимтарин омили садди пешрафти соҳибкорӣ арзёбӣ карда шудааст. Бинобар ин, зимни таҳияи Кодекси нави андоз низоми андозбандӣ бояд ҳавасмандии соҳибкоронро ба истеҳсолот пайгирӣ намояд.

## 3.2. Ташаккули инфрасохтори соҳибкории истеҳсолӣ дар минтақаҳои озоди иқтисодӣ

Таҳқиқи масъалаи рушди инфрасохтори соҳибкории истеҳсолӣ самти афзалиятноки иқтисодиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба шумор меравад. Инчунин, яке аз самтҳои асосии сиёсати давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон таъмин ва рушди соҳибкории истеҳсолӣ дар минтақаҳои озоди иқтисодӣ буда, навовариҳоро дар иқтисодиёти кишвар тақозо мекунад.

Инфрасохтори соҳибкории истеҳсолӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон самти афзалиятнок маҳсуб ёфта, дастгирии он ба корхонаҳои истеҳсолӣ имкон медиҳад, ки ба омилҳои асосии истеҳсолӣ дастрасӣ пайдо карда, дар ҳалли масъалаҳои асосии раванди истеҳсолӣ нақши калидӣ бозад.

Ташаккул ва рушди инфрасохтори соҳибкории истеҳсолӣ дар МОИ баҳри ҳалли масъалаҳои муҳими соҳибкорӣ дар самти ҷалби сармояи хориҷӣ, гирифтани қарзҳои бонкӣ, ба даст овардани иттилооти маркетингӣ барои пешбурди фаъолияти соҳибкорӣ, тавсеаи фаъолияти инноватсионӣ, таъминот бо ашёи хом, рушди низоми логистикӣ, фурӯш ва ғайраҳо зарур мебошад.

Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон баҳри рушди соҳибкорӣ ва таъминоти инфрасохтории он “Фонди дастгирии соҳибкории назди Ҳукумати Ҷумҳурии

Тоҷикистон” таъсис дода шудааст, ки ба ихтиёри он аз ҳисоби маблағҳои буҷети давлатӣ зиёда аз 370 млн. сомонӣ ҷудо гардидааст ва то охири соли 2020 маблағҳои ин Фонд бояд тақрибан 1 млрд. сомониро ташкил хоҳанд дод.[125]

Дар шароити муосир Фонди дастгирии соҳибкории назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар самтҳои афзалиятноки фаъолияти соҳибкории хурду миёна, аз ҷумла хоҷагии қишлоқ, истеҳсол ва коркарди маҳсулот, истеҳсоли молҳои ниёзи мардум, маҳсулоти ғизоӣ ва саноатӣ, сохтмон, бунёди роҳҳо, пулҳо ва неругоҳҳои барқи обии хурд ва ғайраҳо дастгирии молиявӣ мерасонад[126].

Тибқи Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030 дар самти рушди инфрасохтори нақлиётию логистикии Ҷумҳурии Тоҷикистон омадааст: “Инфрасохтори самарабахши нақлиётию логистикӣ бунёд карда шуда, сохтмони долонҳои байналмилалии транзитии нақлиётӣ ба анҷом расонида мешавад.

Муваффақияти кишвар ва минтақаҳои он асосан бо сатҳи хизматрасониҳои нақлиётии алоқаҳои иқтисодӣ бо бозорҳои бузурги фурӯш дар минтақаи Авруосиё, қисматҳои ҷанубу шарқӣ ва шимолу ғарбии долонҳои байналмилалии “Ҷануб-Шимол” ва “Ҷануб-Ҷануб” муайян мегардад. Имрӯз Тоҷикистон танҳо як роҳи баромади нақлиёти роҳи оҳан ба кишварҳои хориҷӣ ва минтақаҳоро дорад, ки аз қаламрави Ӯзбекистон мегузарад. Дар дохили кишвар на ҳама минтақаҳо байни ҳамдигар дорои алоқаи роҳи оҳан мебошанд”[127].

Элементҳои асосии инфрасохтори соҳибкории истеҳсолӣ аз фароҳам овардани шароит барои фаъолияти соҳибкории истеҳсолӣ ва дастгирии

---

125 Эмомалӣ Раҳмон. Паёми Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон. - ш. Душанбе, 2018 сол.

126 Тагаев Б.Ш., Ташаккул ва рушди инфрасохтори соҳибкории истеҳсолӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон.- Душанбе 2020 сол.[Захираи электронӣ]: http://www.tguk.tj.

127 Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030. Душанбе 2016., С – 25, 28.

бозории фаъолияти соҳибкории истеҳсолӣ вобастагии калон дорад, ки дар расми 3.1. оварда шудааст.




Расми 3.1. Элементҳои асосии инфрасохтори соҳибкории истеҳсолӣ

***Манбаъ:*** *Аз ҷониби муаллиф дар асоси маводҳои таҳқиқшуда тартиб дода шудааст*

Иқтисодиёти МОИ-ро, ки дар асоси “озодии иқтисодӣ” асос ёфтааст, ҳамчун хоҷагии беназорат тасаввур кардан мумкин аст. МОИ яке аз олотҳои интихобии ихтисори дахолати давлатӣ ба ҳисоб рафта, “озодӣ” – ро дар намуди амалҳо, речаҳои имтиёзноки хоҷагидорӣ бо маҷмӯи муайяни имтиёзҳо ва ҳавасмандгардониҳо, ки дар ҳудуди муайяни маҳдуди давлат фаъолият мекунад, инъикос менамояд.

Таҳлили фаъолияти МОИ дар кишвар аз он шаҳодат медиҳад, ки онҳо ҳоло қобилияти иҷро намудани нақши асосӣ яъне, ҳамчун муҳаррики ҳаракатдиҳандаи рушди иқтисодиро надоранд. Аммо, ин маънои онро надорад, ки МОИ барои мамлакат аҳамият надоранд. Баръакс онҳо дар умум як шакли ояндадори ҳамгироии минтақавӣ ва фаъолияти тиҷорати берунӣ мебошанд. Аммо, айни замон дар марҳилаи нахустини сохтани МОИ равиши интихобӣ, фаъолияти иқтисодӣ, қарорҳои масъули ҳукуматҳои маҳаллӣ ва ҷумҳуриявӣ, роҳбарони минтақаҳо заруранд, ки натиҷаи мусбати фаъолияти онҳоро таъмин намоянд.

Бо назардошти ақидаҳои дар боло зикргардида, МОИ метавонанд бо мақсади суръат бахшидани муносибатҳои бозории муосир, нисбатан зудтар ва оқилона ворида гардидани Ҷумҳурии Тоҷикистон ба иқтисодиёти ҷаҳонӣ ва тақсимоти байналхалқии меҳнат хизмат расонад.

Тибқи ақидаи У.М. Гулаков омили муҳими рушди тиҷорати байниминтақавӣ таъминоти инфрасохтории нақлиётӣ баромад мекунад. Дар ин самт манфиати зиёди илмию амалиро таҳия ва амалисозии лоиҳаҳои байниҳукуматӣ, ки ба рушди робитаҳои нақлиётии коммуникатсионӣ чӣ байни мамлакатҳои ҷудогона ва чӣ байни минтақаҳои ҷудогона касб мекунад[128].

Тоҷикистон кишвари кӯҳсор буда, ҷойгиршавии ҷуғрофии он ба сифати низоми коммуникатсионии он таъсири манфӣ мерасонад. Низоми нақлиёти Тоҷикистон дар давраи пайдоиш, фаъолият ва рушди он якчанд марҳилаҳои муайянро тай намудааст. Пайдарпайии онҳо пеш аз ҳама аз шароитҳои табиӣ, ҷуғрофияи анбӯҳҳои молӣ, дараҷаи азхудкунии бойгариҳои табиии Тоҷикистон ва ғайраҳо вобастагӣ дорад. Ҳамаи инҳо дар замони Шӯравӣ аз нуқтаи назари манфиатҳои иҷтимоию иқтисодии хоҷагии ягонаи он бунёд гардидааст.

[128] У.М. Гулаков. Развитие межрегиональной торговли в условиях углубления интеграционных процессов (на материалах регионов Республики Таджикистан). Душанбе – 2019. – С. 126.

Дар шароити бозор баъди бунёди МОИ ошкор гардид, ки коммуникатсияи нақлиётии амалкунанда наметавонад анбӯҳи боркашонии озод ва устуворро натанҳо бо мамлакатҳои хориҷӣ, балки дар дохили мамлакат таъмин созад. Ҳамаи ин аз нақлиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон ислоҳоти муҳимро тақозо мекунад.

Дар марҳилаи муосири рушди иқтисоди ҷаҳонӣ инфрасохтори нақлиётӣ - коммуникатсионӣ маҳаки муҳими инкишофи иқтисоди миллӣ ва ҳалли мушкилоти ҳамгирой гардидааст.

Ба андешаи мо, дар Ҷумҳурии Тоҷикистон таъмини шароит барои рушди инфрасохтори соҳибкории истеҳсолӣ, ҷорӣ намудани технологияҳои инноватсионии истеҳсолӣ, баланд бардоштани сифати маҳсулоти истеҳсолшаванда мусоидат мекунад.

Бояд қайд кард, ки дар солҳои охир таъмини фаъолияти бомароми соҳибкории истеҳсолӣ дар кишвар ба як қатор душворӣ ва монеаҳо, аз ҷумла норасоии маблағҳои гардон ва монеаҳои маъмуриву сунъӣ дучор мешавад.

Ҳама инро ба назар гирифта, дар шароити имрӯза ҳалли масъалаи мазкур такмили механизми ташкилию иқтисодии ташкили инфрасохтори дастгирии сармоягузорӣ, дарёфти манбаъҳои нави сармоягузории инфрасохтори соҳибкории истеҳсолӣ ва татбиқи саривақтии ҳадафҳои Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистонро барои давраи то соли 2030 зарур мебошад. Дар шароити иқтисоди бозорӣ мувофиқи ҳадафҳои стратегӣ ва афзалиятҳои иқтисодиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон вазифаи аз ҳама мубрам ин рушди низоми самараноки инфрасохтори соҳибкории истеҳсолӣ мебошад.

Илова бар ин, маҳз рушди инфрасохтори соҳибкории истеҳсолӣ дар МОИ-ро ҳамчун омили муҳим бояд ба натиҷаҳои зерин муяссар гардонад:

✓ ташаккули муносибатҳои нави ташкилию иқтисодӣ, ки боиси афзоиши воридоти андоз ба буҷети мамлакат мегардад;

✓ коҳиш додани сатҳи бекории аҳолӣ, ғанӣ гардонидани бозори истеъмолӣ бо маҳсулоти баландсифати ватанӣ;

✓ таъмин намудани рушди устувори иқтисодӣ дар мамлакат.

Бояд қайд кард, ки дар марҳилаи аввали бунёди МОИ таъмини инфрасохтори иҷтимоӣ шарти муҳим ва зарурӣ ба ҳисоб меравад. Дар МОИ-и ҷумҳурӣ барои таъмини инфрасохтори гумрукӣ, таъмини нерӯи барқ, роҳҳои автомобилгард, таъмини оби нӯшокӣ, канализатсия ва телефону шабакаи байналмилалии Интернет аз ҷониби Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон маблағгузорӣ карда мешавад.




Расми 3.2. Инфрасохтори минтақаҳои озоди иқтисодӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон

***Манбаъ:*** *Аз ҷониби муаллиф дар асоси маводҳои таҳқиқшуда тартиб дода шудааст*

Таҳқиқи адабиёти иқтисодӣ нишон дод, ки ба инфрасохтори дастгирии фаъолияти соҳибкорӣ ба таври таркибӣ чунин созмонҳо дохил мешаванд:[129]

✓ Фондҳои мусоидат ба рушди соҳибкорӣ;

✓ Бизнес-инкубаторҳо, технопаркҳо;

✓ Марказҳои давлатӣ ва хусусии иттилоотӣ;

✓ Фондҳои қарздиҳии хурд;

[129] О.Н. Бочарова. Государственная поддержка предпринимательской деятельности: (монография).- Тамбов: Изд-во ТРОО «Бизнес-Наука- Общество», 2011.- С. 23.

✓ Шабакаи ташкилотҳои қарзӣ;

✓ Ширкатҳои суғуртавӣ;

✓ Ширкатҳои машваратӣ;

✓ Машваратҳои ҳуқуқӣ;

✓ Агентиҳои кадрӣ;

✓ МТОК ва дигар муассисаҳои таҳсилотӣ;

✓ Палатаҳои савдо ва саноат ва ғайраҳо.

Бояд қайд кард, ки дар Ҷумҳурии Тоҷикистон айни замон низоми институтсионалие рушд ёфта истодааст, ки субъектҳои соҳибкориро танзим ва дастгирӣ менамояд. Вале институтҳои мавҷуда ба ҳалли пурраи масъалаву мушкилоти рушди соҳибкории истеҳсолӣ то кунун муяссар нагардидаанд.

Мушкилоту омилҳои монеъкунандаи пешбурди фаъолияти соҳибкорӣ дар МОИ-и Тоҷикистон якхела набуда, барои аксарияти минтақаҳои кишвар онҳоро чунин тақсим намоем:

✓ мушкилоти дастрасӣ ба сармоягузорӣ;

✓ сатҳи пасти касбияти қувваи корӣ;

✓ рақобати носолим дар бахши ғайрирасмии иқтисод;

✓ фасод ва хӯрдашавии аз ҳад зиёди объектҳои инфрасохторӣ;

✓ сатҳи нокифояи рушди иқтисодӣ ва ғайра.

**Ба андешаи мо, ба чораҳои асосӣ барои бартараф кардани мушкилоти ҷойдошта инҳо дохил мешаванд:**

✓ мутобиқ кардани таъсиррасонии давлат ба ташаккул ва рушди низоми таъминоти инфрасохтории соҳибкорӣ;

✓ ташаккул ва рушди таъмини шароити инфрасохторӣ ва фаъолияти муназзами он;

✓ таъмини таносуби объектҳои инфрасохторӣ;

✓ рушдии ҳамкории давлат бо бахши хусусӣ;

✓ ташаккули инфрасохтор мувофиқи талаботи субъектҳои соҳибкории истеҳсолӣ;

✓ таъсис ва рушди объектҳои инфрасохторӣ, ҳамоҳангсозӣ ва мониторинги онҳо;

✓ истифодаи самараноки технологияҳои иттилоотию коммуникатсионӣ.

Ба ақидаи мо, айни замон фаъолияти оқилонаи ин унсурҳо аз баҳисобгирии хусусиятҳои соҳибкории истеҳсолӣ ва дастгирии суроғанок дар асоси ташаккули сохтори самараноки таъминоти инфрасохтории онҳо вобастагӣ дорад.

Таҳлили мушкилоти ташаккул ва рушди низоми таъминоти инфрасохтори соҳибкории истеҳсолӣ имкон медиҳад, ки хусусиятҳои зерини онҳо ҷудо карда шаванд:

а) Вобастагии низоми таъминоти инфрасохтори соҳибкории истеҳсолӣ аз омилҳои ҳудудӣ, демографӣ ва монанди онҳо;

б) Вобастагии ташаккул ва рушди инфрасохтори соҳибкории истеҳсолӣ аз сатҳи шарикии давлат бо бахши хусусӣ;

в) Вобастагии байни низоми таъминоти инфрасохтории соҳибкории истеҳсолӣ ва сатҳи рушди иҷтимоию иқтисодии мамлакат.

Дар маҷмӯъ, баҳисобгирии ин хусусиятҳо фароҳам овардани шароити мусоидро ҷиҳати рушди устувори соҳибкории истеҳсолӣ ва низоми таъминоти инфрасохтории он дар Ҷумҳурии Тоҷикистон тақозо мекунад.

Механизми самараноки ташкилию иқтисодии рушди инфрасохтори соҳибкории истеҳсолӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дар расми 3.3. оварда шудааст.




Расми 3.3. Механизми самараноки ташкилию иқтисодии рушди инфрасохтори соҳибкории истеҳсолӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон

***Манбаъ:*** *Аз ҷониби муаллиф дар асоси маводҳои таҳқиқшудаи муҳаққиқ Тагаев Б.Ш. тартиб дода шудааст*

Дар асоси таҳлилҳои зикршуда ва нуқтаи назари мутахассисону муҳаққиқон дар байни вазифаҳои асосии рушди инфрасохтори соҳибкории истеҳсолӣ дар шароити дигаргунсозиҳои бозорӣ махсусиятҳои калидии зеринро метавон ҷудо намуд:

1. Ноил шудан ба рушди заминаҳои моддию техникии низоми таъминоти инфрасохтори соҳибкории истеҳсолӣ;

2. Таъмини низоми самараноки идоракунии рушди инфрасохтори соҳибкории истеҳсолӣ дар шароити вусъатёфтаи рақобат дар муносибатҳои бозорӣ;

3. Таҳия ва амалӣ намудани стратегияи рушди истеҳсоли намудҳои мухталифи молу маҳсулот дар заминаи васеъ ба роҳ мондани коркарди ашёи хоми ватанӣ ва ба ин васила ноилшавӣ ба арзиши иловашуда дар иқтисоди миллӣ;

4. Такмили низоми банақшагирӣ ва ҳавасмандгардонии соҳибкории истеҳсолӣ;

5. Беҳтар кардани фаъолияти маркетингӣ ва инноватсионии соҳибкории истеҳсолӣ;

6. Ташаккули сохторҳои муосири мусоидаткунанда ба рақобатпазирии истеҳсолоти ватанӣ ва ғайраҳо.

Ҳамин тариқ, рушди инфрасохтори фаъолияти соҳибкории истеҳсолӣ дар МОИ дар рушди иқтисоди миллӣ нақш ва мавқеи меҳварӣ дошта, дар маҷмӯъ метавонад, натиҷаҳои зеринро ба бор оварад:

✓ баланд гаштани сатҳи маърифати ташкилию иқтисодӣ ва ҳуқуқии соҳибкорон;

✓ афзоиши истеҳсоли маҳсулоти хушсифат ва инноватсионӣ;

✓ ғанӣ гардонидани бозори истеъмолии ватанӣ;

✓ зиёд гардидани воридоти маблағҳо ба буҷети давлат;

✓ ташкили ҷойҳои нави корӣ ва бартараф кардани мушкилоти шуғли аҳолӣ дар ҷумҳурӣ;

✓ таъмини ҳимояи амнияти иқтисодӣ ва ғайра.

**Ба андешаи мо барои ташаккул ва рушди инфрасохтори соҳибкории истеҳсолӣ дар МОИ-и Ҷумҳурии Тоҷикистон андешидани чораҳои зарурии зерин муҳим мебошад:**

1. Бо мақсади рушди фаъолияти самараноки соҳибкории истеҳсолӣ дар МОИ инфрасохтори он такмил ва мукаммал карда шавад.

2. Ташаккулёбӣ ва натиҷаи фаъолияти ниҳодҳои дастгирии соҳибкории истеҳсолӣ дар кишвар ба талаботи соҳибкорон ҷавобгӯ карда шуда, ҷиҳати рушди инфрасохтори таъминкунандаи пешрафти соҳибкорӣ андешидани чораҳои мушаххас зарур мебошад.

3. Омилҳои манфии боздорандаи рушди соҳибкории истеҳсолӣ дар МОИ бартараф карда шавад. Зеро мукаммалгардонии инфрасохтори рушди соҳибкорӣ дар баробари муҳайё намудани шароити фаъолият ҳамбастагии байни сохторҳои иқтисоди миллиро таъмин мекунад.

4. Соҳибкории истеҳсолӣ дар МОИ ба ҳадафи саноатикунонии босуръати кишвар мутобиқ карда шуда, дар ин ҷода зарур аст, ки инфрасохтори қарздиҳии дарозмуддати имтиёзноки бонкӣ бештар карда шуда, шароити ҳавасмандгардонии ҷалби сармояи ватаниву хориҷӣ фароҳам оварда шавад.

Ҳалли масъалаи ҳавасмандгардонӣ ба сармоягузориҳои асосӣ имконият медиҳад, ки иқтидорҳои мавҷуда азнавсозӣ ва иқтидорҳои нави саноатӣ бо техникаву техналогияи инноватсионии муосир муҷаҳҳаз гардонида шавад.

5. Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон низоми таъминоти инфрасохтори соҳибкории истеҳсолӣ танҳо дар охири солҳои 90-уми асри гузашта ба ташаккулёбӣ оғоз карда, бо вуҷуди қабули Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи ҳимояи давлатӣ ва дастгирии соҳибкорӣ” соли 2002, ки дар он асосҳои институтсионалии таъминоти инфрасохтории соҳибкории истеҳсолӣ гузошта шудаанд, вале то ҳанӯз масъалаҳои бунёди марказҳои дастгирии давлатии соҳибкорӣ, МОИ, бизнес-инкубаторҳо ва паркҳои технологӣ бо таври зарурӣ роҳандозӣ карда нашудааст. Аз ин лиҳоз, сохтору мақомотҳои дахлдорро зарур аст, ки нақшаву барномаҳои мавҷударо азнавсозӣ карда, афзалиятҳои онро мушаххас намояд.

6. Механизми ташкилию иқтисодии мукаммали таъминоти инфрасохтории соҳибкории истеҳсолӣ имкон медиҳад, ки самараи унсурҳои асосии инфрасохтори институтсионалӣ-ҳуқуқӣ ва молиявӣ-қарзӣ, сармоягузорӣ, иттилоотӣ-коммуникатсионӣ, инноватсионӣ, иҷтимоӣ-фарҳангӣ, истеҳсолӣ ва фурӯш, илмӣ-техникӣ, нақлиётӣ-логистикӣ, кадрӣ, маркетингӣ ва экологӣ таъмин карда шавад.

7. Ба андешаи мо унсури муҳими дигари инфрасохтори соҳибкории истеҳсолӣ ин инфрасохтори мукаммали институтсионалӣ мебошад. Шарти зарурии рушди соҳибкории истеҳсолӣ дар кишвар ин мавҷудияти инфрасохтори комили институтсионалии соҳибкорӣ буда, ба кӯмаку дастгирии давлатӣ ниёз дошта, ҳамгироӣ ва ҳамкории мутақобилаи байни давлат ва бахши хусусӣ лозим мебошад.

Ҳамин тавр, мушкилоти фаъолияти устувори МОИ дар марҳилаҳои ибтидоии рушди он ба шароитҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон бисёр серпаҳлу буда, омилҳои асосии фаъолияти устувори иқтисодиётро дар бар гирифта, аз тарафи доираи соҳибкорон диққати ҷиддиро талаб мекунад.

Аз ҷониби мо танҳо омилҳои нисбатан асосие, ки бевосита ба фаъолияти бемайлон ва устувори соҳибкории истеҳсолӣ дар минтақаҳои озоди иқтисодӣ таъсиррасонанда ҷудо карда шудаанд, ки бениҳоят муҳим мебошанд. Аммо, барои фаъолияти устувори соҳибкории истеҳсолӣ дар минтақаҳои озоди иқтисодӣ дар ҳамаи марҳилаҳои ташаккул ва рушди он кӯшишҳои зиёде талаб карда шуда, таҳқиқоти доимӣ ва аксуламал ба тағйироти муҳити берунӣ ва дохилии соҳибкорӣ зарур аст.

## 3.3. Ҳавасмандгардонии ҷалби сармоягузории хориҷӣ ба рушди соҳибкории истеҳсолӣ дар минтақаҳои озоди иқтисодӣ

Таҳлили таҷрибаи ҷаҳонӣ нишон медиҳад, ки рушди муназзами иқтисоди минтақаҳои алоҳида, инчунин мамлакат танҳо дар шароити баланд бардоштани фаъолнокии сармоягузорӣ дар асоси ҷалби васеи сармоягузорони ватанӣ ва хориҷӣ ба даст оварда мешавад.

Минтақаҳои озоди иқтисодӣ дар марҳилаи аввали таъсисёбии худ барои бунёди инфрасохтори истеҳсолию иҷтимоӣ ба маблағҳои калон ниёз доранд. Афзоиши ҳаҷми сармоягузорӣ ва ташаккули фазои сармоягузорӣ дар кишвар ҳамчун вазифаи стратегӣ ва омили муҳими таҷдиди иқтисодиёти миллӣ муайян шудааст. Нақши давлат дар ҷалб ва равонакунии сармоягузорӣ ба рушди бахши воқеии иқтисодиёт, фароҳам овардани шароит барои ташаккули бозори коғазҳои қиматнок, ҷоннок намудани фаъолияти қарзии бонкҳо дар бахши воқеии иқтисодиёт, ҳавасмандгардонии ҷалби сармояи хориҷӣ ва риояи қатъии манфиатҳои Тоҷикистон тақвият меёбад.

Яке аз омилҳои рушди назарраси иқтисодӣ дар Тоҷикистон афзоиши бемайлони сармоягузорӣ ба ҳисоб меравад Яке аз сарчашмаҳои асосии сармоягузории давлатӣ кӯмаки берунаи ба ҷумҳурӣ пешниҳодшаванда мебошад. Нақши сармоягузории давлатӣ барои рушди иқтисодииёти Тоҷикистон хеле муассир аст.

Вобаста ба ташкили инфрасохтор, ҷоннок намудани фаъолият, ҷалби сармоя ва ташкили минтақаҳои нави озоди иқтисодӣ дар кишвар Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар Паёми худ ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон иброз доштанд: “Фаъолияти минтақаҳои озоди иқтисодӣ вобаста ба ҷалби сармоя ва ташкили инфрасохтор бояд тақвият дода шавад. Ҳукумати кишвар бояд мушкилоти ҷойдоштаи минтақаҳои озоди иқтисодиро ҳаматарафа омӯхта, барои тақвият бахшидан ба фаъолияти онҳо ва ташкили дигар МОИ дар ҳудуди мамлакат тадбирҳои иловагиро амалӣ намояд”[130].

Дар замони истиқлолият аз ҷониби Ҳукумат ба рушди соҳибкориву сармоягузорӣ таваҷҷӯҳи махсус зоҳир гардида, то имрӯз ба соҳибкорону сармоягузорон зиёда аз 110 имтиёз ва сабукиҳои андозиву гумрукӣ пешниҳод карда шуданд ва шумораи сохторҳои бақайдгирии давлатии фаъолияти

130. Эмомалӣ Раҳмон. Паёми Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон // ш. Душанбе – 2017.

соҳибкорӣ аз 4 ба 1, муҳлати бақайдгирӣ аз 49 то 3–5 рӯз кам карда, ба таври ройгон ба роҳ монда шуд”[131].

Чуноне, ки дар Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030 омадааст: “Дар шароити суст шудани рушди иқтисодӣ аксари кишварҳои ҷаҳон аз беҳсозии фазои сармоягузорӣ ҳамчун воситаи суръат бахшидан ба рушди иқтисодӣ ва баланд бардошани сифати он истифода мебаранд. Бо назардошти ин, ҳукумат ислоҳоти институтсионалиро оид ба беҳсозии фазои соҳибкорӣ ва сармоягузорӣ тавассути таҳкимдиҳии заминаи қонунгузорӣ, рушди низоми иҷрои қарордодҳо ва идоракунии корпоративӣ, таъмини ҳуқуқҳои молумулкӣ, бартараф намудани монеаҳои маъмурии зиёдатӣ, аз ҷумла баланд бардоштани иқтидори сармоягузорӣ ва коҳишдиҳии  хавфҳои сармоягузорӣ, идома медиҳад”[132].

Манбаъҳои сармоягузории МОИ дар кишварҳои ҷаҳон гуногун буда, аз сатҳи тараққиёт ва эҳтиёҷоти бозори дохилӣ ва сохтори савдои берунаи ин кишварҳо вобастагӣ доранд. Минтақаҳои озоди иқтисодиро метавон аз чунин манбаъҳо сармоягузорӣ намуд, ки дар расми 3.4. оварда шудааст:

1. •Сармоягузорӣ аз буҷети давлатӣ
2. •Маблағҷудокунӣ аз буҷетҳои маҳаллӣ
3. •Қарзҳои бонкҳои тиҷоратӣ ва инноватсионӣ
4. •Сармоягузории соҳибкорон (саҳҳомон)
5. •Сармоягузории хориҷӣ
6. •Маблағҳои сарпарастон
7. •Ҷалб намудани маблағҳои аҳолӣ тавассути барориши қоғазҳои қиматнок
8. •Маблағҳои андозбандии қарзӣ

Расми 3.4. Манбаъҳои саромоягузорӣ ба минтақаҳои озоди иқтисодӣ

***Манбаъ:*** *Аз ҷониби муаллиф дар асоси маводҳои таҳқиқшуда тартиб дода шудааст*

---

131. Эмомалӣ Раҳмон. Паёми Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон. “Дар бораи самтҳои асосии сиёсати дохилӣ ва хориҷии ҷумҳурӣ” // ш. Душанбе - 2021.

132 Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030. Душанбе 2016. С – 84.

Дар шароити ноустувори иқтисодиёти ҷаҳон ва номуайян будани сиёсати самараноки сармоягузорӣ, ки ба ҳавасмандгардонии рушди бахши воқеии иқтисоди мамлакат нигаронида шудааст, татбиқ карда мешавад. Ҷалби фаъоли сармоягузории мустақими хориҷӣ ба иқтисодиёти мамлакат натиҷаи низоми мавҷудаи тақсимоти байналхалқии меҳнат ва азнавтақсимкунии сармоя дар бахшҳое ба шумор меравад, ки соҳибкорӣ ба таври таъсирбахш рушд мекунад.

Дар вазъи муосири иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳама аломатҳои ноустуворӣ дида мешавад. Дар шароити ҳозира фаъол гардонидани фаъолияти сармоягузорӣ воситаи муҳим барои баланд бардоштани фаъолнокии иқтисодиёти ҷумҳурӣ мебошад. Аз ин лиҳоз, андешидани чораҳои зарурӣ барои баланд бардоштани самаранокии механизми ҷалби сармоягузории хориҷӣ ба иқтисодиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон лозим аст.

Дар шароити муосир рушди иқтисодиёт, аз ҷумла рушди МОИ бе ҷалби сармояи хориҷӣ ғайри имкон аст. Зеро равандҳои муосири ҷаҳонишавӣ аҳамияти афзун гардидани сармоягузории хориҷиро талаб мекунад. Яке аз аломатҳои комилии иқтисодёти ҷаҳон, ба даст овардани нақши сармоягузории хориҷӣ дар ҳама шаклҳои муносибатҳои иқтисодии байналхалқӣ ба шумор меравад.

Иқтисодиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон барои ҷалби сармояи хориҷӣ омилҳои макроиқтисодӣ, аз қабили ғунҷоиши бозори дохилӣ, мустаҳкам будани қурби асъор, устувории вазъи сиёсӣ, инчунин дараҷаи рушд, шароити хуби инфрасохтор ва нишондиҳандаҳои бозори меҳнат мавқеи аввалиндараҷа доранд. Дарёфт намудани манбаъҳои сармоягузорӣ ба лоиҳаҳо дар бахши воқеии иқтисодиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон хеле мубрам гардида, барои ҳалли ин мушкилот аз фаъолнокии давлат дар самти ҷалби сармояи хориҷӣ вобастагии калон дорад.

Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон методҳои ҷалб намудани сармоягузории мустақими хориҷӣ бо роҳи паст намудани меъёрҳои андозбандӣ, зиёд намудани имтиёз ва ҳавасмандгардониҳо, таъсиси МОИ мавҷуд аст.

Ҷадвали 3.1.

**Усулҳои ҷалби сармояи хориҷӣ**[133]

| № | Методҳои сармоягузорӣ | Шарҳи метод |
|---|---|---|
| 1 | Худмаблағгузорӣ | Худмаблағгузории корхона аз ҳисоби худ ба амал баровварда шуда, андозаи чунин сармоягузорӣ аз фарқияти фоидаи софи корхона ва хурдашавии он ва дигар хароҷоти истеҳсолӣ вобаста аст |
| 2 | Маблағгузории лоиҳа | Маблағгузории лоиҳавӣ чунин усули сармоягузорие мебошад, ки манбаи хизматрасонии маблағҳои аз сармоягузор бадастомада ҷараёни молиявӣ ва пулии худи лоиҳа мебошад. Арзёбии даромад ва хароҷот ба тақсими хавфҳо байни иштирокчиёни лоиҳаи сармоягузорӣ асос меёбад. |
| 3 | Маблағгузории омехта | Хусусияти чунин сармоягузорӣ воридкунии маблағҳо аз як кишвар ба кишвари дигар бо иштироки сохторҳои давлатӣ ва хусусӣ сурат мегирад. |
| 4 | Маблағгузории саҳомӣ | Моҳияти усули маблағгузории саҳомӣ дар ҷамъоварии маблағҳо тавассути баровардани саҳмияҳои ширкат дар бозори коғазҳои қиматнок ва фурӯши ин саҳмияҳо ба сармоягузорон мебошад.<br>Ин усули сармоягузорӣ дар алтернатива ба маблағгузории қарзӣ арзонтар аст, аммо дар амал онҳо бештар ба қарз муроҷиат мекунанд.<br>Бартарияти маблағгузории саҳомӣ ин:<br>1. Боназардошти ҳаҷми назарраси коғазҳои қиматнок, нархи воситаҳои ҷалбшуда хеле коҳиш меёбад;<br>2. Пардохтҳо барои истифодаи захираҳои ҷалбшуда танҳо дар асоси натиҷаи молиявии ҷамъияти саҳомӣ анҷом дода мешаванд;<br>3. Маҳдуд нашудани истифодаи маблағҳои қарзгирифта. |
| 5 | Маблағгузории қарзӣ | Маблағгузории қарзӣ, ҳамчун усули сармоягузорӣ, ҷалби маблағро тавассути гирифтани қарз ё қарз пешбинӣ мекунад.<br>Ин қарз бо пули нақд ё дар шакли мол бо шарти баргардонидан ва пардохти фоизҳо барои истифода фаҳмида мешавад. Дар амалия маблағгузории қарзӣ усули маъмултарини сармоягузорӣ мебошад. Ин усули маблағгузории сармоягузорӣ метавонад дар чунин шаклҳо пешниҳод карда шавад:<br>1. Қарз.<br>2. Вомбарг. |

***Манбаъ:*** *Аз ҷониби муаллиф дар асоси маводҳои таҳқиқшудаи муҳаққиқ **И.М.** Султонзода тартиб дода шудааст*

Мувофиқи ақидаи Г.В. Савицкая дар амалияи ҷаҳонӣ, се усулҳои асосии ҷалби сармояи мустақими хориҷӣ вуҷуд дорад:[134]

1. Сармоягузориҳои мустақим ё воқеӣ (сармоягузорӣ ба саноат, савдо, соҳаи хизматрасонӣ - бевосита ба корхонаҳо).

---

[133] И.М. Султонзода. Асосҳои назариявии танзими сармоягузории мустақими хориҷӣ дар иқтисодиёти миллӣ (дар мисоли Ҷумҳурии Тоҷикистон). Дисс. Душанбе 2020. С.- 55.

[134] Г.В. Савицкая. Анализ хозяйственной деятельности: учебное пособие. − М.: ИНФРА – М., 2003. − 288 с.

2. Сандуқи портфелӣ ё молиявӣ (сармоягузорӣ ба саҳмияҳои хориҷӣ, вомбаргҳо ва дигар коғазҳои қиматнок).

3. Қарзҳо (қарзҳои миёнамуҳлат ва дарозмуддати байналмилалӣ) аз Корпоратсияҳои саноатӣ ва тиҷоратӣ, бонкҳо ва дигар муассисаҳои молиявӣ.

Сиёсати ҳавасмандгардонии сармоягузорон дар кишварҳои тараққикарда ва ру ба тараққӣ аз ҳамдигар фарқият доранд. Дар кишварҳои тараққикардаи саноатӣ воситаҳои молиявӣ амалияи ҳавасмандгардонии сармоягузорон афзалият дорад. Барои кишварҳои рӯ ба тараққӣ ва кишварҳои иқтисодиёташон дар давраи гузариш ҳавасмандгардонии воситаҳои фискалӣ ва андозӣ бартарӣ дорад. Дар бисёр ҳолатҳо барои таҷҳизоти истеҳсолии воридшаванда хироҷи имтиёзноки гумрукӣ истифода мегардад, инчунин кам кардани музди андози корпоративӣ ба даромад, пешниҳоди таътилҳои андозӣ истифода бурда мешаванд.

Мамлакатҳои рӯ ба тараққӣ ва мамлакатҳои иқтисодиёташон дар давраи гузариш барои амалӣ намудани сиёсати ҳавасмандсозии ҷалби сармоя аз ҳавасмандии андозӣ истифода мебаранд. Мақсади чунин иқдомҳо ин воридоти захираҳои беруна ва дохилиро истифода намуда, ба азнавсозии иқтисодиёт ва рушди иқтисодӣ ноил гарданд.




Расми 3.5. Усулҳои ҳавасмандгардонии сармоягузорон

***Манбаъ:*** *Аз ҷониби муаллиф дар асоси маводҳои таҳқиқшуда тартиб дода шудааст*

Яке аз усулҳои фаъоли ҷалби сармоягузории мустақими хориҷӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ин бунёд ва рушди МОИ ба ҳисоб меравад.

Мувофиқи ақидаи М.А. Саидмуродова ва К.И. Қурбоналиев МОИ дар сохтори иқтисоди байналхалқӣ густариши ҷаҳонӣ гирифта, аксар кишварҳои дунёро новобаста аз тавоноии иқтисодиашон фаро гирифтаанд. Онҳо таъсиси чунин минтақаҳоро яке аз роҳҳои рушди иқтисодӣ, савдо ва ҷалби сармояи хориҷӣ дар мамлакат меҳисобанд[135].

Дар барномаи рушди иқтисодию иҷтимоии ҷумҳурӣ самтҳои афзалиятноки тараққиёти саноат ва хоҷагии қишлоқ муайян карда шудааст, ки барои паст намудани сатҳи камбизоатӣ ва баланд бардоштани самаранокии иқтисодиёт мусоидат менамоянд. Аксари барнома ва лоиҳахои сармоягузорӣ оид ба самтҳои афзалиятноки рушди инкишофи соҳахои иқтисодиёт таҳия карда шудааast. Рушди соҳаҳои энергетикӣ, кишоварзӣ ва саноат имкон медиҳад, ки ташаккул ва рушди иқтисодиёти миллӣ таъмин гардад.

Ба самтҳои асосии афзалиятнок барои сармоягузорӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дар расми 3.6. оварда шудааст.




Расми 3.6. Самтҳои афзалиятноки сармоягузорӣ барои сармоягузорони мустақими хориҷӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон

***Манбаъ:** Аз ҷониби муаллиф дар асоси маводҳои таҳқиқшуда тартиб дода шудааст*

---

[135] М.А. Саидмуродова, К.И. Курбоналиев. Свободные экономические зоны как инструмент привлечения инвестиций (на примере СЗЗ Согд) // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва ҷамъиятӣ, 2017. - №2/8 - С. 13.

Вобаста ба рушди сармоягузории соҳаҳои иқтисодиёт Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон иброз доштанд: "Ҳоло барои рушди соҳаҳои мухталифи иҷтимоиву иқтисодии кишвар 70 лоиҳаи давлатии сармоягузорӣ ба маблағи умумии қариб 40 миллиард сомонӣ татбиқ шуда истодааст. Аз соли 2013 то имрӯз аз ҷониби Ҳукумати мамлакат бо ширкатҳои ватаниву хориҷӣ 17 созишнома оид ба сармоягузории мустақим ба имзо расонида шудааст, ки дар доираи онҳо 15 корхонаи нави истеҳсолӣ ба маблағи умумии зиёда аз 10 миллиард сомонӣ бунёд гардида, беш аз ҳафт ҳазор нафар сокинони мамлакат бо ҷойи кори доимӣ таъмин карда шудаанд"[136].

Тибқи маълумотҳои оморӣ дар соли 2021 воридоти умумии сармоягузориҳои хориҷӣ ба иқтисодиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон 2398,4 млн. доллари ИМ-ро ташкил намуд, ки аз он 342,2 млн. доллар сармояҳои мустақим, 0,1 млн. долл. сармояҳои портфелӣ ва 376,0 млн. долл. дигар намуди сармояҳо рост меоянд, ки дар ҷадвали 3.2. оварда шудааст.

Ҷадвали 3.2.

**Таҳлили ҷалби сармоягузории хориҷӣ ба иқтисодиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар солҳои 2018-2021 (млн. долл. ИМА)**

| **Солҳо** | **Ҷалби сармоя** | | | **Ҳамагӣ млн.долл. ИМА** |
|---|---|---|---|---|
| | **Сармоягузории мустақим** | **Дигар намуди сармоягузориҳо** | **Сармоягузориҳои портфелӣ** | |
| 2018 | 326,8 | 317,7 | - | 644,5 |
| 2019 | 345,9 | 261,1 | 0,1 | 607,1 |
| 2020 | 162,5 | 265,9 | | 428,5 |
| 2021 | 342,2 | 376,0 | 0,1 | 718,3 |
| **Ҳамагӣ** | **1177,4** | **1220,7** | **0,2** | **2398,4** |

***Сарчашма:*** *аз тарафи муаллиф дар асоси маълумотҳои Омори солонаи Ҷумҳурии Тоҷикистон. - Душанбе: АОнПҶТ, 2022.- С. 239 ҳисоб карда шудааст.*

Дар соли 2021 нисбат ба соли 2020 воридоти сармояҳои мустақими хориҷӣ ба маблағи 179,7 млн. доллари амрикоӣ ё 110,6% ва дигар намуди сармояҳо ба маблағи 110,6 млн дол. ё 41,7% зиёд шудааст.

[136] Эмомалӣ Раҳмон. Паёми Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон. ш. Душанбе - 2019.

Дар соли 2021 сармояи мустақими хориҷӣ ба иқтисодиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон бештар аз Ҷумҳурии Мардумии Чин – 211,4 млн. доллари амрикоӣ ё 61,8% (истихроҷ ва ғанӣ гардонидани маъданҳои сурб, руҳ ва калъагӣ, истихроҷи сангҳои табиии қиматбаҳо ва нимқиматбаҳо (ба истисноиалмос), истихроҷ ва ғанӣ гардонидани маъданҳои металлҳои қиматбаҳо ва камёб), Ҷумҳурии Исломии Эрон – 32,6 млн. доллар ё 9,5% (дигар миёнаравии пулӣ, фаъолияти дигар нақлиёти заминии мусофирбар, ки ба дигар гурӯҳҳо дохил карда нашудаанд) ва ғайраҳо ворид гардидааст.

Воридоти сармояи хориҷӣ аз ҷониби давлатҳои шарикони стратегӣ ба Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соли 2021 дар расми 3.7. оварда шудааст.




Расми 3.7. Воридоти сармояи хориҷӣ аз ҷониби давлатҳои шарикони стратегӣ ба Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соли 2021 (млн. долл. ИМА)

***Сарчашма:*** *аз тарафи муаллиф дар асоси маълумотҳои Омори солонаи Ҷумҳурии Тоҷикистон. - Душанбе: АОнПҶТ, 2022. ҳисоб карда шудааст.*

Дар солҳои 2008 – 2021 воридоти сармояи хориҷӣ бештар ба шаҳри Душанбе – 7 млрд 384,8 млн. доллари амрикоӣ ё 68%, Вилояти Суғд – 2 млрд. 406,4 млн. долла ё 21%, Вилояти Хатлон – 876,1 млн. доллар ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ бошад – 231,5 млн. доллар ё 2,2% равона гардидааст.

Бояд тазаккур дод, ки соли 2023 дар Тоҷикистон ислоҳоти куллии низоми андоз гузаронида шуд. Таъмини муҳити мусоиди соҳибкорӣ ва сармоягузорӣ, ҳамчун ислоҳоти афзалиятнок эълон карда шуд. Натиҷаи асосии ислоҳот сода

кардани низоми андоз ва кам кардани шумораи андозҳо буд.

Чи гунае, ки таҷрибаи бисёр кишварҳои ҷаҳон нишон медиҳад, шакли аз ҳама самараноки ҳавасмандгардонии ҷалби сармоягузорӣ ин таъсис ва рушди МОИ мебошад. Мавҷудияти реҷаҳои махсуси андозӣ ва гумрукӣ, қувваи кории арзон, тартиби соддакардашудаи содирот ва воридоти ашёи хом ва маҳсулоти истеҳсолшаванда сармоягузорони хориҷӣ ва ватаниро ба худ ҷалб мекунад.

Нақши МОИ дар рушди имкониятҳои сармоягузорӣ бисёр назаррас буда, омили муҳими инкишофи имкониятҳои сармоягузориҳои минтақа ба ҳисоб меравад. Бо мақсади таъмин намудани шароити мусоид барои ҷалби сармоягузорони хориҷӣ технология, таҷрибаи идоракунӣ, ташкили инфрасохтори муосир ва иҷтимоӣ, ҳалли мушкилоти шуғли аҳолӣ ва ташаккули ҷойҳои нави корӣ, инчунин ғанӣ гардонидани бозори дохилӣ бо маҳсулот ва молҳои истеъмолӣ, таъиноти истеҳсолидошта ва баланд бардоштани сатҳи зиндагии аҳолӣ қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи минтақаҳои озоди иқтисодӣ" ва "Низомнома оид ба МОИ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон" қабул карда шудааст. Он ба сармоягузорон баҳри амалӣ намудани ақидаҳо ва лоиҳаҳои сармоягузорӣ дар минтақаҳои мамлакат кафолат медиҳад.

Ҷадвали 3.3.

**Андозҳо дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ва имтиёзҳои андозӣ дар минтақаҳои озоди иқтисодӣ**

| № | Номгӯи андозҳо дар Ҷумҳурии Тоҷикистон | Андозҳо дар ҳудуди МОИ |
|---|---|---|
| 1 | Андоз аз даромад | Андоз аз даромад* |
| 2 | Андоз аз арзиши иловашуда | Андози иҷтимоӣ** |
| 3 | Андози аксиз | - |
| 4 | Андозҳо барои захираҳои табиӣ | - |
| 5 | Андози иҷтимоӣ | - |
| 6 | Андоз аз фурӯш (алюминийи аввалия) | - |
| 7 | Андоз аз истифодабарандагони роҳҳои автомобилгард | - |
| 8 | Андоз аз воситаҳои нақлиёт | - |
| 9 | Андоз аз амволи ғайриманқул | - |

** андоз аз даромади шахсони воқеӣ (13%);*

*** андози иҷтимоӣ (20 %) аз фонди музди меҳнат пардохт карда мешавад.*

***Манбаъ:** Аз ҷониби муаллиф дар асоси маводҳои таҳқиқшуда тартиб дода шудааст*

Бояд қайд намуд, ки дар ҳудуди МОИ Ҷумҳурии Тоҷикистон фаъолияти соҳибкории субъектҳо новобаста аз шакли моликият аз тамоми намуди андозҳо, ба истисноӣ андоз аз даромад ва андози иҷтимоӣ озод мебошанд. Даромад ё музди меҳнати сармоягузорони хориҷӣ, ки бо асъори хориҷӣ пардохт шудааст, метавонанд ба хориҷи кишвар интиқол дода шуда, аз пардохти андоз озод мебошанд.

Молҳои хориҷӣ ва ватании ба МОИ воридшаванда аз пардохти боҷҳои гумрукӣ ва андозҳо тахти назорати мақомоти гумрук, бо шартҳои муайяннамудаи низоми гумрукии «Минтақаи озоди гумрукӣ» пурра озод карда мешаванд. Ҳангоми аз ҳудуди МОИ содирот намудани мол, пардохтҳои гумрукӣ, ба истисноӣ хироҷи барасмиятдарории гумрукӣ, ситонида намешаванд. Ҳангоми аз ҳудуди МОИ ба қисми дигари ҳудуди гумрукии Ҷумҳурии Тоҷикистон интиқол додани мол пардохтҳои гумрукӣ ситонида мешаванд. Ба ғайр аз шароитҳои мусоиди махсус барои бақайдгирӣ, имтиёзҳо ба андозбандӣ ва боҷи гумрукӣ, ба субъектҳои МОИ манбаъҳои иловагӣ барои пешбурди соҳибкорӣ фароҳам оварда мешавад. Субъектҳо имконияти аз иншоотҳо барои офис ва анборҳо истифода бурданро доранд, ки ба таври назаррас хароҷотҳои сармоягузорро кам менамояд. Ҳамаи ин ба сармоягузор имконияти ба тиҷорати худ ҷои муносиб интихоб намуданро бо назардошти шарту шароит ва талаботҳои логистикии тиҷоратияшон медиҳанд.

Афзалиятҳои МОИ барои сармоягузорон дар расми 3.8. оварда шудааст.




Расми 3.8. Афзалиятҳои минтақаҳои озоди иқтисодӣ барои сармоягузорон

***Манбаъ:*** *Аз ҷониби муаллиф дар асоси маводҳои таҳқиқшуда тартиб дода шудааст.*

Омили дигари ҷалби сармоягузорони имконпазир ба МОИ ин имтиёзҳои гумрукӣ мебошад. МОИ қисми ҳудуди гумрукии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба шумор меравaнд. Молҳои дар ҳудуди МОИ ҷойгирбуда, ҳамчун моли берун аз ҳудуди гумрукии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба ҳисоб рафта, имкон медиҳад, ки воридоти мол аз хориҷи кишвар бе пардохти боҷи воридотӣ ва андоз аз арзиши иловашуда сурат гирад. Воридоти молу маҳсулоти ватанӣ ва хориҷӣ, таҷҳизоти саноатӣ ва сохтмонӣ дар ҳудуди МОИ бидуни ситонидани боҷҳои гумрукӣ ва андоз ҷараён мегирад. Ҳангоми интиқоли мол аз ҳудуди МОИ берун аз ҳудуди Ҷумҳурии Тоҷикистон андозҳо ва боҷҳои гумрукӣ ситонида намешавад, ба истиснои хироҷи барасмиятдарории гумрукӣ ва маҳдудиятҳои дорои хусусияти иқтисодидошта. Ҳангоми интиқоли мол аз ҳудуди МОИ ба ҳудуди Ҷумҳурии Тоҷикистон боҷҳои гумрукӣ ситонида намешаванд, андоз аз арзиши иловашуда аз тарафи харидор пардохт карда мешавад. Барои ҷалби сармояи хориҷӣ маҷмӯи чорабиниҳои универсалии андозӣ, молиявӣ ва ғайримолиявиро истифода мебаранд.

Аз омӯзиш ва таҳлил хулоса баровардан мумкин аст, ки ба имтиёзҳои молиявӣ ва ғайримолиявии фаъолияти сармоягузорон дар аксар МОИ-и дар ҷаҳон амалкунанда инҳо дохил мешаванд:

- аз пардохт ва дигар боҷҳои воридотӣ ба МОИ воридшавандаи таҷҳизот, ашёи хом, унсурҳои комплексӣ озод намудан;

- ба муҳлати нисбатан дароз (аз 5 то 10 сол) аз пардохти андоз аз даромад инчунин, аз дигар боҷу андозҳо, ки дар ин ё он мамлакатҳо муассис ситонида мешаванд, озод намудани ширкатҳо;

- коҳиш додани мизони андозбандии сармоягузорон дар давраи баъди ба итмом расидани таътилҳои андозӣ;

- аз андозситонӣ гирифтани фоидаи реинвеститсияшуда;

- коҳиш доданаи маҳдудиятҳои интиқоли фоида ва сармоя ба хориҷа аз ҷумла, наситонидани андоз аз фоидаи ба хориҷа интиқолшаванда;

- ба сармоягузорони минтақавӣ пешниҳод намудани қарзҳои имтиёзнок, ки нисбат ба имтиёзҳои андозӣ диққатҷалбкунанда мебошанд;

- пешниҳоди хизматрасониҳои инфрасохторӣ (нерӯи барқ, таъминот бо об, канализатсия, нақлиёт, алоқа), иҷораи замин ва иншоотҳои истеҳсолӣ аз рӯи тариф ва нархҳои имтиёзнок.

Ҳаҷми сармоягузории мустақим дар МОИ-и кишвар дар соли 2020 бошад ҳаҷми сармоягузории мустақим дар МОИ кишвар ба 43,3 млн. сомонӣ баробар гардид. Саҳми асосии сармоягузориҳои азхудшуда ба МОИ-и “Суғд” 16,9 млн. сомонӣ “Данғара” 24,3 млн. сомонӣ ва “Панҷ” 2,1 млн. сомонӣ рост меояд.

Дар МОИ-и “Ишкошим” аз сабаби оғоз накардани фаъолияти истеҳсолию тиҷоратӣ ҳаҷми сармоягузорӣ нисбатан кам аст. Ҳаҷми сармоягузорӣ дар минтақаи мазкур дар соли 2018 дар соли 2017-ум 0,205 млн. сомонӣ ва дар соли 2019 ба 3,7 млн. сомонӣ баробар гардид.

Ҳаҷми сармоягузории мустақим ба МОИ – и Ҷумҳурии Тоҷикистон дар солҳои 2016 – 2020 дар расми 3.9. оварда шудааст.




| | "Суғд" | "Данғара" | "Панҷ" | "Ишкошим" | Ҳамагӣ |
|---|---|---|---|---|---|
| 2016 | 3,5 | 891,7 | 1,4 | 0 | 896,6 |
| 2017 | 1,13 | 91,2 | 3,8 | 0 | 96,13 |
| 2018 | 19,07 | 36,8 | 3,38 | 0,205 | 59,455 |
| 2019 | 9,5 | 129,2 | 3,9 | 3,7 | 146,3 |
| 2020 | 0 | 24,3 | 2,1 | 0 | 43,3 |

Расми 3.9. Ҳаҷми сармоягузории мустақим ба минтақаҳои озоди иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар солҳои 2016 – 2020, млн. сомонӣ

***Ҳисоб бо:*** *Вазъи иҷтимоию иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон январ - декабри соли 2016 // Ҳисоботи оморӣ. Душанбе, АОнПҶТ, 2017. – С.41.; Вазъи иҷтимоию иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон январ - декабри соли 2017 // Ҳисоботи оморӣ. Душанбе, АОнПҶТ, 2018. – С.41.; Вазъи иҷтимоию иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон январ - декабри соли 2018 // Ҳисоботи оморӣ. Душанбе, АОнПҶТ, 2019. – С.41.; Вазъи иҷтимоию иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон январ - декабри соли 2019 // Ҳисоботи оморӣ. Душанбе, АОнПҶТ, 2020. – С.41.; Вазъи иҷтимоию иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон январ - декабри соли 2020 // Ҳисоботи оморӣ. Душанбе, АОнПҶТ, 2021. – С.41.*

Аз таҳлилҳои маълумотҳои зикргардида хулоса баровардан мумкин, ки ҳаҷми бештари сармоягузориҳо дар МОИ-и кишвар ба МОИ “Данғара” ва “Суғд” рост меояд. Сарфи назар аз беҳтаршавии фаъолияти сармоягузорӣ ва рушди соҳибкорӣ дар шароити гузариш ба муносибатҳои бозорӣ, дар бахши фаъолияти соҳибкорӣ ва фазои сармоягузорӣ ҳанӯз баъзе мушкилот боқӣ мемонад.

Ҳамин тариқ, фаъолияти пурра ва муътадили МОИ барои рушди устувори иқтисоди миллии мамлакат муҳим ба шумор рафта, рушди иқтисоди минтақаҳои онро таъмин сохта, мақоми минтақаҳо ва мамлакатро дар умум оид ба ҷалби сармояҳои ватанӣ ва хориҷӣ баланд мебардорад.

Бо дастгирии Пешвои миллат қарор оид ба таъсиси МОИ-и “Кӯлоб” тибқи қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 01 марти соли 2019 №97 дар майдони 309,2 га. ба муҳлати 25 сол самти фаъолияташ истеҳсолию инноватсионӣ тасдиқ гардид.

Бояд қайд кард, ки МОИ – и “Кӯлоб” дар оянда барои ҷалби сармоягузориҳои хориҷӣ ва дохилӣ, бунёди корхонаҳои саноатӣ ва дар ин замина фароҳам овардани ҷойҳои нави муносиби корӣ ва зиёд намудани ҳаҷми содироти маҳсулот мусоидат хоҳад намуд. Дар соли 2021 корҳои сохтмонӣ дар МОИ-и “Кӯлоб” ба маблағи 5450,0 ҳаз. сомонӣ амалӣ гардидааст. Дар соли 2022 бошад 12460, 0 ҳазор сомонӣ корҳои сохтмонӣ амалӣ шудааст, ки назар ба соли 2021 ду баробар зиёд мебошад.

Яке аз масъалаҳои муҳим барои рушди МОИ ин пеш аз ҳама ҷалби сармоягузорони хориҷӣ ба шумор меравад. Дар баробари ин, як қатор мушкилот барои беҳтар намудани фазои сармоягузорӣ ба соҳаи соҳибкорӣ ҷой доранд. Ҷалби сармояи дохилӣ ва хориҷӣ ба иқтисодиёти Тоҷикистон дар шароити буҳрони минтақавӣ ва ҷаҳонӣ яке аз воситаи мубрами паст намудани сатҳи камбизоатӣ ба шумор меравад. Қонунҳое, ки айни замон регламенти фаъолияти сармоягузориро муайян мекунанд, дорои камбудиҳо мебошанд. Мавҷуд набудани пояи устувори қонунгузории муносибати байни минтақаҳо ва марказро танзимкунанда, коркарди нокомили механизмҳои

суғуртаи сармояҳои хориҷӣ, мавҷуд будани санадҳои қувваи баръаксдошта омили асосии вайронкунандаи танзими рушд ва ҷалби сармоя ба иқтисодиёти мамлакат ба ҳисоб мераванд. Дар шароити имрӯза санадҳои асосии қонунгузорӣ қабул гардидаанд, ки сармоягузории ватаниро ба танзим медоранд. Вазъи қонунгузорӣ оид ба таъмини сармоягузории хориҷӣ дар вазъияти бад қарор дошта бошад ҳам, вале дар асоси на танҳо қонунҳо, балки санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ, ҳукуматӣ ва соҳавӣ имкон пайдо гардид, ки як қатор мушкилоти ба воридшавии сармояи хориҷӣ монеъшаванда ҳал карда шаванд. Ба ин ба хориҷа баровардани қисмати муайяни фоида ва ҳаққи саҳми соҳибмулкони хориҷӣ мисол шуда метавонад.

Ҷалби сармоягузории мустақими хориҷиро дар ҷумҳурӣ таҳлил намуда, дар маҷмӯъ мушкилоти зеринро ошкор намудем, ки дар расми 3.10. нишон дода шудааст.

1 • Номукаммал будани қонунгузории ҷумҳурӣ дар самти сармоягузорӣ

2 • Фаъолияти сусти сармоягузории бонкҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон

3 • Коркарди номукаммали механизмҳои суғуртаи сармоягузорӣ, махсусан сармоягузории хориҷӣ

4 • Рушди нокифояи таъмини инфрасохтори сармоягузории минтақаҳое, ки дар шароити буҳрон қарор доранд

5 • Бозори дохилии нисбатан хурд ва муносибатҳои сусти тиҷоратию иқтисодӣ бо кишварҳои хориҷӣ

6 • Шароити ками рақобатпазирӣ ҷиҳати ҷалби сармоягузории хориҷӣ (низоми гумрукӣ, андозҳо ва раводид)

7 • Инкишоф наёфтани инфрасохтори сармоягузорӣ (суғуртавӣ, бонкӣ, консалтингӣ, иттилоотию таҳлилӣ ва ғ.

8 • Нарасидани кадрҳои баландихтисоси идоракунӣ ва афзоиши муҳоҷирати кадрҳои баландихтисос ба кишварҳои хориҷӣ

Расми 3.10. Баъзе аз мушкилоти асосии сармоягузории мустақими хориҷӣ дар соҳаи соҳибкории истеҳсолӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон

***Манбаъ:*** *Аз ҷониби муаллиф дар асоси маводҳои таҳқиқшуда тартиб дода шудааст*

Шартҳои имконпазири фаъолгардонӣ ҷиҳати фаъолияти бонкҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соҳаи қарздиҳии дарозмуддати сармоягузорӣ инҳо буда метавонанд:

- ✓ паст кардани меъёри минбаъдаи бозтаҳвили Бонки миллии Тоҷикистон;
- ✓ кам намудани даромаднокии коғазҳои қиматноки давлатӣ, васеъ гардонидани пойгоҳи захираҳои дарозмуддати бонкҳои тиҷоратӣ аз ҳисоби ба гардиши хоҷагидорӣ ҷалб намудани пасандозҳои шахсони воқеӣ, танзими вазъи бозори қарзи байнибонкӣ, мустаҳкам кардани устувории молиявӣ ва қобилияти пардохтпазирии бонкҳои тиҷоратӣ;
- ✓ коркард ва ҷорӣ намудани низоми самараноки идоракунии қарздиҳии сармоягузорӣ дар бонкҳо, рушди низоми лизингӣ, ҳалли мушкилоти гаравгузорӣ, яъне таъмини қарздиҳӣ, васеъ намудани қарздиҳии байнибонкӣ оид ба маблағгузории лоиҳаҳои калони сармоягузорӣ, рушди низоми гаравгузорӣ оид ба қарз додани сармоягузорӣ боназардошти такмили механизми пешниҳоди гарави давлатӣ ба бонкҳои тиҷоратие, ки ба қарздиҳии лоиҳаҳо ва барномаҳои барои давлат муҳим машғулбуда.

Низоми суғуртаи сармоягузорӣ, суғуртаи хавфи сиёсии сармоягузорон, хавфҳои молиявӣ, хатарҳои сохтмонӣ ва объектҳои ғайриманқул, хатари иҷро накардани шартнома ва ғайраро дар бар мегирад. Бинобар ин, суғурта яке аз усулҳои асосии коҳиш додан ва безарарсозии таъсири хавфҳо мебошад.

Рушди инфрасохтори фаъолияти сармоягузории Ҷумҳурии Тоҷикистон бояд бо баҳисобгирии хусусияти шароитҳои шарқӣ, хавфҳои калон, ки ба шароитҳои сахти табиӣ-иқлимӣ, хароҷоти нисбатан баландтари аксар бахшҳои иқтисодиёт, аз мавқеи ояндабинӣ стратегияи рушди Тоҷикистон муҳим будани ҳудудҳои шарқӣ, махсусан ВМКБ алоқаманданд, дида баромада шавад. Асоси иқтисодиёти Тоҷикистонро корхонаҳои захираҳои табииро истифодабаранда ташкил медиҳанд, ки онҳо ба сармояи

дарозмуддати калон эҳтиёҷ доранд ва дар шароити бӯҳрони молиявӣ ҷалб намудани онҳо мушкил мегардад.

Вобаста ба ин, бояд ба масъалаи такмили идоракунии корпоративӣ, таъмини бехатарии иқтисодӣ ва паст намудани хавф ва ҷалби сармояи мустақими хориҷӣ диққати ҷиддӣ дода шавад. Ҳамзамон, ба мушкилоти дигар сармоягузории мустақими хориҷӣ дар соҳаи соҳибкории истеҳсолӣ ин бозори дохилии нисбатан хурд ва ҳамгироии сусти тиҷоратию иқтисодӣ бо кишварҳои хориҷӣ, рушди нокифояи инфрасохтори воқеӣ дар баъзе минтақаҳои ҷумҳурӣ, шароити ками рақобатпазирӣ ҷиҳати ҷалби сармоягузориҳо, рушд накардани инфрасохтори сармоягузорӣ (суғуртавӣ, бонкӣ, консалтингӣ, иттилоотию таҳлилӣ ва ғайра дохил мешаванд.

Ҷиҳати боз ҳам беҳтар намудани ҷалби сармоягузории мустақими хориҷӣ ба иқтисодиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба пешниҳодот ба расми 3.11. нигаред.




Расми 3.11. Роҳҳои баланд бардоштани ҷалби сармоягузории мустақими хориҷӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон

***Манбаъ:*** *Аз ҷониби муаллиф дар асоси маводҳои таҳқиқшуда тартиб дода шудааст*

Ғайр аз ин, дар ҷумҳурӣ нарасидани кадрҳои баландихтисоси идоракунанда ва дорои донишу малакаи муосир, зиёд будани сатҳи муҳоҷирати кадрҳои болаёқат ба кишварҳои хориҷӣ ба назар мерасад.

Умуман, аз рӯйи натиҷаҳои таҳқиқот, метавон гуфт, ки Ҷумҳурии Тоҷикистон шароити асосиро барои ҷалби сармояи мустақими хориҷӣ муҳайё намудааст.

Ҳамаи инро ба назар гирифта, ба андешаи мо ба афзалиятҳо ва беҳтар намудани фазои сармоягузорӣ барои рушди соҳибкории истеҳсолӣ дар МОИ инҳо дохил мешаванд:

- амалӣ намудани лоиҳаҳои сармоягузорӣ, коркарди ашёи хоми ватанӣ, ҷорӣ кардани технологияҳои нави инноватсионӣ ва баланд бардошани иқтидори содиротии корхонаҳои дар минтақаҳо фаъолияткунанда;

- коҳиш доданаи монеаҳои маъмурӣ, ташаккул додани инфрасохтори рушд ва дастгирии соҳибкории истеҳсоли дар минтақаҳо;

- рушди рақобат ва таъсис додани институт оид ба ҳимояи ҳуқуқҳои соҳибкорони истеҳсолӣ;

- вусъат бахшидани ҳамкориҳои давлат бо бахши хусусӣ дар соҳаи энергетика, сохтмон ва барқарорсозии роҳҳои автомобилгард, роҳи оҳан ва зиёд кардани фурудгоҳҳо дар кишвар;

- ҳавасмандгардонию дастгирӣ намудани молистеҳсолкунандагон ва содироткунандагони маҳсулоти ватанӣ ва ғайра.

Ҳамин тариқ, танҳо дар сурати таъмини саривақтӣ ва самараноки сармоягузориҳои ватанию хориҷӣ МОИ-ро метавон ба марказҳои асосии рушди соҳибкории истеҳсолӣ табдил дода, нақши онҳоро дар таъмини бозори истеъмолӣ бо маҳсулоти хушсифати ватанӣ ва рушди молҳои воридотивазкунанда таъмин намуд. Аз ин лиҳоз, сармояҳои ҷудогардида барои сохтмони инфрасохтор ва бунёди корхонаҳои нави истеҳсолӣ дар МОИ бояд самаранок ва мувофиқи мақсад истифода бурда шаванд.

# ХУЛОСА

## А) Натиҷаҳои асосии илмии диссертатсия

1. Дар диссертатсия нақши соҳибкории истеҳсолӣ дар низоми иқтисоди миллӣ мавриди омӯзиш ва таҳқиқ қарор дода шуда, нуқтаи назари муаллиф оид ба мафҳуми иқтисодии соҳибкорӣ ва МОИ муқаррар гардидааст. Тибқи ақидаи муаллиф соҳибкорӣ ин фаъолияти самараноки иқтисодие мебошад, ки барои истеҳсоли молу хизматрасониҳо, харид ва фурӯш ба мизоҷон бо мақсади ба даст овардани фоидаи имконпазир ташкил карда мешавад.

Ба андешаи мо, МОИ ҳудуди махсуси аниқ муқарраргардидаи давлат буда, дар онҳо имтиёзҳои махсуси иқтисодӣ ва андозӣ барои соҳибкорон бо мақсади рушди иҷтимоӣ, иқтисодӣ ва илмию техникии минтақа ва кишвар фароҳам оварда шудааст. Дар шароити муносибатҳои бозорӣ ва расидан ба рушди устувори иқтисодии мамлакат, рушди соњибкории истеҳсолӣ дар МОИ ҳалли масъалаҳои иҷтимоию иқтисодии ҷамъиятро таъмин менамояд [1-А; 7-А; 17-Б; 21-Б].

2. Муаллиф таҷрибаи ҷаҳонии ташаккул ва рушди соҳибкории истеҳсолиро дар МОИ мавриди омӯзиш ва таҳқиқ қарор дода, имкониятҳои истифодаи таҷрибаи онҳоро дар МОИ-и Ҷумҳурии Тоҷикистон аз нуқтаи назари илмӣ асоснок намудааст. Инчунин, механизми фаъолияти МОИ-ро дар таҷрибаи ҷаҳонӣ муқоиса намуда, афзалиятҳои рақобатии онҳоро муайян кардааст. Ҳамзамон, истифодаи таҷрибаи бойи ташаккул ва рушди фаъолияти самараноки соҳибкории истеҳсолии МОИ-и кишварҳои ИМА, Чин, Россия ва Ӯзбекистонро дар Ҷумҳурии Тоҷикистон мувофиқи мақсад мешуморад [6-А; 15-Б].

3. Дар диссертатсия муаллиф вазъи муосири фаъолияти соҳибкории истеҳсолиро дар МОИ-и Ҷумҳурии Тоҷикистон мавриди таҳлил қарор дода, муайян намудааст, ки саҳми МОИ дар маҷмӯи маҳсулоти дохилии ҷумҳурӣ 0,42% ва дар истеҳсоли маҳсулоти саноатӣ 1,1%-ро ташкил медиҳад. Саҳми МОИ дар рушди истеҳсоли маҳсулоти саноатӣ, воридоти технологияи муосири инноватсионӣ, истеҳсоли молҳои воридотивазкунанда, таъсиси

ҷойҳои кории нав ва таъмини бозори истеъмолӣ бо маҳсулоти хушсифати ватанӣ тадриҷан афзуда истодааст [1-А; 2-М; 7-А; 12-Б; 14-Б].

4. Аз ҷониби муаллиф омилҳои таъсиррасон ба рушди соҳибкории истеҳсолӣ дар МОИ мавриди таҳлил ва таҳқиқ қарор дода шуда, барои ҳалли мушкилоти ҷойдошта тавсия ва пешниҳодҳои дақиқ таҳия карда намудааст.

Ба ақидаи мо, мушкилоти асосии рушди МОИ-и "Ишкошим" ва "Панҷ" пеш аз ҳама дар инфрасохтори рушднаёфтаи нақлиётӣ ва логистикӣ, мушкилоти шароитҳои иқлимӣ, вазъияти номуътадили сиёсӣ дар Ҷумҳурии Исломии Афғонистон, сармоягузории нокифояи давлатӣ ва хориҷӣ, нокифоя будани иттилоотонидани сармоягузорони имконпазир, таблиғ ва ташфиқоти сусти имконият ва имтиёзҳои минтақаҳо, нарасидани кадрҳои соҳибтахассус, ҳавасмандгардонии суст барои кормандон ва ғайра ба ҳисоб меравад [5-А; 7-А; 12-Б; 14-Б; 16-Б].

5. Самтҳои афзалиятноки рушди соҳибкории истеҳсолӣ дар МОИ муайян ва ошкор карда шуда, оид ба тартиби интихоб ва бақайдгирии сармоягузорони ватанию хориҷӣ, имтиёзҳои андозбандӣ ва танзими гумрукӣ, рушди инфрасохтори иҷтимоӣ тавсияҳои илмӣ-методӣ коркард ва пешниҳод карда шудааст. Айни замон дар МОИ бештар истеҳсоли маҳсулоти саноатӣ ба роҳ монда шудааст.

Ба ақидаи муаллиф, инчунин дар МОИ фаъолияти воридотӣ ва содиротӣ, нархгузорӣ, қарздиҳӣ, суғуртакунӣ, консалтингӣ, аудиторӣ, лизингӣ, фаъолият дар самти таҳқиқоти илмию техникӣ, технологияи иттилоотӣ, фаъолияти инноватсионӣ, биотехнология ва ғайраҳо низ бояд рушд кунанд [2-А; 8-Б; 17-Б; 19-Б].

6. Аз ҷониби муаллиф тавсияҳои амалӣ оид ба ташаккули инфрасохтори соҳибкории истеҳсолӣ ва ҳавасмандгардонии ҷалби сармоягузории хориҷӣ ба МОИ пешниҳод шудааст. Ба андешаи муаллиф, рушди инфрасохтори соҳибкории истеҳсолӣ дар МОИ баҳри ҳалли масъалаҳои муҳими соҳибкорӣ дар самти ҷалби сармоягузории хориҷӣ, гирифтани қарзҳои имтиёзноки дарозмуддати бонкӣ, ба даст овардани иттилооти маркетингӣ барои

пешбурди фаъолияти соҳибкорӣ, таъминот бо ашёи хом, рушди низоми логистикӣ, фурӯш ва ғайраҳо муҳим мебошанд. Аз ҷониби мо унсурҳои асосии инфрасохтори соҳибкории истеҳсолӣ ва МОИ ошкор гардида, механизми самараноки ташкилию иқтисодии рушди инфрасохтори соҳибкории истеҳсолӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод гардидааст. Муаллиф манбаъ ва усулҳои сармоягузорӣ, ҳавасмандгардонӣ ва самтҳои афзалиятноки сармоягузорӣ, имтиёзҳо барои сармоягузорони хориҷиро ошкор намуда, барои ҳалли мушкилот ва роҳҳои баланд бардоштани ҷалби сармоягузории хориҷӣ ба МОИ-и Ҷумҳурии Тоҷикистон таклиф ва пешниҳодҳои мушаххас намудааст [5-А; 7-М; 12-Б; 18-Б; 22-Б].

**Б) Тавсияҳо барои истифодаи амалии натиҷаҳои таҳқиқот**

1. Ба андешаи мо, барои рушди соҳибкории истеҳсолӣ дар МОИ амалӣ намудани афзалиятҳои зерин мувофиқи мақсад мебошад: гузаронидани таҳлил, системакунонӣ ва унификатсияи ҳамаи санадҳои меъёрӣ – ҳуқуқии амалкунанда дар соҳаи танзими фаъолияти МОИ ва қонуни ягонаи комплексӣ оид ба МОИ дар таҳрири нав қабул карда шавад. Инчунин, тартиби бурдани интихоби лоиҳаҳои сармоягузорӣ дар МОИ бо назардошти таҳқиқоти вазъи бозори маҳаллӣ барои нигаҳдории рақобати озод байни субъектҳои соҳибкорӣ, ки фаъолияти худро дар дохил ва берун аз ҳудуди МОИ амалӣ месозанд, муқаррар карда шавад;

2. Мо пешниҳод менамоем, ки ба сифати таҷриба ҳуқуқи идоракунии дирексияи яке аз МОИ ба менеҷерҳои ширкатҳои идоракунии бузурги хориҷӣ, ки дар ин соҳа махсус гардонида шудаанд, вогузор карда шавад. Инчунин, истифодаи таҷрибаи бойи ташаккул ва рушди соҳибкории истеҳсолӣ дар МОИ-и кишварҳои ИМА, Чин, Россия ва Ӯзбекистонро дар Ҷумҳурии Тоҷикистон тавсия дода мешавад;

3. Соҳибкории истеҳсолӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон бояд ба ҳадафи саноатикунонии босуръати кишвар мутобиқ карда шуда, дар ин самт зарур аст, ки инфрасохтори қарздиҳии дарозмудати имтиёзноки бонкӣ бештар карда шуда, шароити ҳавасмандгардонии ҷалби сармояи ватаниву хориҷӣ

беҳтар карда шавад. Дар ҳудуди МОИ дар қатори корхонаҳои истеҳсолӣ, инчунин таъсис додани марказҳои илмӣ-таҳқиқотӣ, ҷорисозии инноватсияҳо дар истеҳсолот, таъсиси филиалҳои донишгоҳу донишкадаҳо, шуъбаҳои пажуҳишгоҳҳои илмӣ-таҳқиқотӣ, корхонаҳои хурди инноватсионӣ, фондҳои венчурӣ (таваккалӣ, алоқаманд бо хавф) ва ғайраҳо тавсия дода мешавад;

4. Мушкилоти рушди МОИ-и "Ишкошим" ва "Панҷ" пеш аз ҳама бо беҳтар намудани инфрасохтор (нақлиётӣ, бозорӣ ва иҷтимоӣ), ҷалби бештари сармоягузории давлатӣ ва хориҷӣ, иттилоотонидан, таблиғу ташфиқи самараноки имконият ва имтиёзҳои андозию гумрукии МОИ ба сармоягузорони дохилию хориҷӣ, таъмини кадрҳои баландихтисос, ҳавасмандгардонии кормандон ва ғайра ҳалли худро хоҳад ёфт;

5. Идоракунии МОИ, тартиби интихоб, бақайдгирии сармоягузорони ватанию хориҷӣ, низоми андозбандӣ, танзими гумрукӣ ва рушди инфрасохтори иҷтимоӣ бояд сода карда шавад. Тавсия менамоем, ки боназардошти омӯзиши таҷрибаи ҷаҳонӣ Стратегияи рушди минтақаҳои озоди иқтисодӣ дар ҷумҳурӣ таҳия карда шуда, ҳадафҳои мушаххаси ҳар як минтақа муайян ва давра ба давра амалӣ карда шавад;

6. Ҷиҳати беҳтар намудани инфрасохтор ва ҷолибияти МОИ тавассути ташкили шабакаи бонкҳо, ширкатҳои суғуртавӣ ва марказҳои консалтингӣ, тавсия менамоем, ки стратегияи маркетингии ҷалби сармоягузорони хориҷӣ таҳия ва амалӣ карда шавад. Мукаммалгардонии сомонаи ягона бо роҳи дар он пешниҳод намудани иттилооти зарурӣ оид ба фаъолияти субъектҳои МОИ бо забонҳои мухталиф амалӣ намудани намоиши видеороликҳо, филмҳои ҳуҷҷатӣ, мусоҳибаи мутахассисон, рекламаҳои кӯтоҳ ва намоишҳои телевизионӣ дар шабакаҳои дохилию хориҷӣ зарур аст.

Инчунин, мунтазам гузаронидани конфронсу ҳамоишҳои ҷумҳуриявию байналмилалӣ, мизҳои мудаввар, семинарҳо, ташкили намоишгоҳ ва ярмаркаҳо низ тавсия дода мешавад. Ҳамзамон, таъсиси МОИ дар асоси принсипи шарикии давлат бо бахши хусусӣ (минтақаҳои озоди иқтисодии хусусӣ) ба сифати таҷриба тавсия дода мешавад.

## РӮЙХАТИ АДАБИЁТ

1. Азрилиян. А. Большой экономический словарь. – 2010. - 1472 с.

2. Абдуллоева Л.И. Инвестиционное обеспечение развития производственного предпринимательства. Дисс. кан. экон. наук: Душанбе 2021.-167 с.

3. Аминов И.А. Роль и место предпринимательства в развитии человеческого потенциала (статья). Материалы республиканского круглого стола «Развитие человеческого потенциала в экономике Таджикистана: состояние и тенденции роста (26 ноября 2014 г.): / И.А. Аминов// - Душанбе: 2014. – с. 5-17.

4. Аминов И. Предпринимательство. - Душанбе: Ирфон, 2006. – 132 с.

5. Альфред Маршалл. Принципы политической экономии [Электронный ресурс]. - Библиотека экономической и деловой литературы. - 2000-2014. – с. 594 с.

6. Арская Е.В., Кравченко Л.Н., Усатова Л.В. Этапы возникновения и развития свободных экономических зон // Экономика. Информатика. 2018. №3. URL: с. 442-449. https://cyberleninka.ru.

7. Архипов А.Ю., Павлов П.В., Татарова А.В. Институты особой экономической зоны и приграничной торговли как структуры эффективного развития международной инвестиционной деятельности Монография. – Таганрог: Изд-во ТТИ ЮФУ, 2011. – 294 с. http://www.aup.ru.

8. Артемева О.Н. Совершенствование экономического механизма функционирования свободных экономических зон: Автореф. Дисс. – М., 2004. 165 с.

9. Annual Report of the Foreign - Trade Zones Board to the Congress of the United States [Electronic storage]. https://www.trade.gov/annual-report. 168 page.

10. Богуславский М.М. Особые экономические зоны во внешнеэкономической деятельности //Журнал росийского права. 2004. - №6. – с 105.

11. Барномаи дастгирии давлатии соҳибкорӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2012-2020 (Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 апрели соли 2012, №201).

12. Бочарова О.Н. Государственная поддержка предпринима-тельской деятельности: (дисс). Изд-во ТРОО «Бизнес-Наука- Общество», Тамбов - 2009. 144 с.

13. Бойматов А.А., Хошимов Х.Х. Инфраструктурный фактор устойчивого социально-экономического развития региона // Вестник Таджикского государственного университета права, бизнеса и политики. -Худжанд: «Ношир», 2016. - № 2 (49). - с.40-48.

14. Бизнес - навигатор по особым экономическим зонам России – 2019 / И.В. Голубкин, М.М. Бухарова, Л.В. Данилов и др.; Ассоциация развития кластеров и технопарков России. – М.: АКИТ РФ, 2019. – с. - 16. http://akitrf.ru.

15. Валиев Н.Ш. Ташаккул ва рушди фаъолияти соҳибкории хурд (дар мисоли савдои чаканаи Ҷумҳурии Тоҷикистон). Диссертатсияи номзадӣ. Душанбе – 2021.- 190 с. [Захираи электронӣ]. http://ddtt.tj.

16. Вазъи иҷтимоию иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон январ - декабри соли 2018 // Ҳисоботи оморӣ. Душанбе, АОнПҶТ, 2019. – с. 41.

17. Вазъи иҷтимоию иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон январ - декабри соли 2019 // Ҳисоботи оморӣ. Душанбе, АОнПҶТ, 2020. – с. 46.

18. Вазъи иҷтимоию иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон январ - декабри соли 2020 // Ҳисоботи оморӣ. Душанбе, АОнПҶТ, 2021. – с. 46.

19. Вазъи иҷтимоию иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон январ - декабри соли 2021 // Ҳисоботи оморӣ. Душанбе, АОнПҶТ, 2022. – с. 45.

20. Вазъи иҷтимоию иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон январ - декабри соли 2022 // Ҳисоботи оморӣ. Душанбе, АОнПҶТ, 2023. – с. 44.

21. Воскеричян Роберт Оганесович. Влияние СЭЗ на структурную перестройку региональной экономики (На примере Приморского края) : Дис. ... канд. экон. наук : Москва, 2003 181 с.

22. Верников В.А. Назначение и сущность инфраструктурного обеспечения предпринимательской деятельности // Российское предпринимательство.-М.:2012.-№6. - с. 38.

23. Гаврилов А.И. Производственное предпринимательство и услуги в экономике региона: монография/ А.И. Гаврилов, А.Н. Куликов, П.П. Мирошкин. – Н.Новгород: НИУ РАНХиГС, 2013. - с. 372 с.

24. Горбунова Ю.Н. Особые экономические зоны: мировой опыт и российская практика: дис... канд. экон.наук: 08.00.14. -М.:РГБ, 2005.165 с.

25. Гулаков У.М. Развитие межрегиональной торговли в условиях углубления интеграционных процессов (на материалах регионов Республики Таджикистан). Душанбе – 2019. с. – 126.

